**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**Раҳимов Холмаҳмад Баротович**

# ҶУСТОРИ ҲУНАРИИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК ВА ФАРДИЯТИ ЭҶОДИИ Ӯ

Ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик

Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Роҳбарӣ илмӣ: доктори илмҳои филологӣ,
Муллоев Абдусамад

**Душанбе- 2018**

**Мундарича**

Муқаддима……………………………………………………………..3-11

**Боби I**

Вазъи адабии солҳои шастуми садаи бист ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ………………………………………12-38

**Боби II**

Хусусиятҳои эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқ …………………..39

2.1. Мавзӯоти шеъри Лоиқ ва биниши фардии ӯ………………..40-86

2.2. Лоиқ ва ҳувияти миллӣ……………………………. …………86-103

2.3. Тасвири табиат дар ашъори Лоиқ……………………………...103-118

**Боби III**

Навҷӯиҳои Лоиқ Шералӣ дар навъҳои шеърӣ..…………… ………119

3.1. Падидаҳои шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ…………………119-138

3.2. Вежагиҳои чаҳорпораҳои шоир………………………………139-154

**Хулоса**……………………………………………………………155-158

**Китобнома**…………………………………………………………..159-176

# Муқаддима

**Аҳамияти мавзӯи тадқиқот**. Номи Лоиқ, пеш аз ҳама ҳамчун шоир дар таърихи адабиёти тоҷик сабт шудааст. Дар баробари ин ӯ ба сифати файласуф, мутафаккир ва муслеҳи иҷтимоӣ низ шинохта шудааст. Осори ӯ саршори андешаҳо аз сарнавишти инсонҳоест, ки бо шодиву ғами онҳо шарик буда, кашфиёти муҳимми шоириашро дар хидмати наслҳо гузоштааст. Вай дар назди халқу ватан бо масъулияти бузург зиста, ҳамин тааҳҳуди иҷтимоиву ҳунарӣ, шахсияти инсонӣ ва эҷодиашро шакл додааст. Лоиқ мисли дигар қаламкашони муосираш фарзанди замон-шоири асри худ буд ва ҳамроҳи ватан ва миллат роҳи пурпечу хамро сипардааст.

Дар адабиётшиносии муосир масъалаи омӯзиши падидаҳои тозаи адабӣ, қонунмандиҳои зоҳирию ботинии онҳо беш аз пеш муҳиму мубрам мегардад. Чунки ҳар гуна навҷӯӣ ва навпардозӣ дар адабиёт дар заминаи суннатҳои адабӣ ва дар натиҷаи ҷустуҷӯю ковишҳои бобарору пайвастаи истеъдодҳои эҷодӣ зуҳур менамояд.

Дар адабиёти тоҷикии садаи XX шахсияти эҷодӣ ва ашъори Лоиқ Шералӣ ба эътирофи аҳли таҳқиқ воқеан падидаи адабию ҳунарии нотакрор буд. Ба ҳамин хотир, дар замоне ки адабиёти мо ба марҳилаи нисбатан тозаи инкишоф ворид мешавад, омӯзишу баррасии маҷмӯи аҳволу осори Лоиқ, мухтассоти шаклию мазмунии ашъори ӯ беш аз ҳарвақта муҳим мегардад. Зеро шеъри устод Лоиқ дар солҳои 60-70-уми асри XX ва даҳсолаҳои баъдӣ яке аз омилҳои муҳимми инкишофи тамоюлҳои назми муосири тоҷикӣ маҳсуб мешуд. Аз ин лиҳоз, мо бо таҳқиқи ашъори Лоиқ барои ошкор сохтани қонунмандиҳои инкишофи тамоюлҳои шеъри муосири тоҷик дар нимаи дувуми садаи XX ва ду даҳаи асри XXI кӯшиш менамоем.

Шеъри Лоиқ аз оғоз ҷаҳони тозаи адабию ҳунарӣ буд, ки он бо ҷозиба, нафосат ва муҳтавою тасвирҳои нотакрораш таваҷҷуҳи аҳли назарро ба худ ҷалб мекард. Лоиқ воқеан ба адабиёт «ҳамчун шоири

тозакор ворид шуд» (74,17), ки ин ҳам ба муҳиммияти мавзӯи мавриди тадқиқи мо ишора менамояд. Ба қавли Худоӣ Шариф «шеъри Лоиқ илова бар он ки як ҷаҳони тоза ва номуқаррарии адабист, дар адабиёти форсии тоҷикии чиҳил соли охири аҳди Шӯравӣ ва беш аз даҳ соли баъди суқути он ҷойгир аст ва шинохти он ба огаҳӣ аз ин муҳити иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ ниёз дорад» (102, 216).

Воқеан, омӯзиш ва таҳқиқи аҳволу осори Лоиқ Шералӣ дар қиёси замони зиндагӣ ва эҷоди ӯ имкон медиҳад, ки паҳлӯҳои мухталифи шебу фарозҳои масири шоирӣ ва коргоҳи эҷодии ӯ равшан карда шавад. Ба ҳамин хотир, дар рисолаи мазкур ҳадаф баррасии воқеию илмии заминаҳои маънавӣ ва фарҳангию адабии шеъри Лоиқ ҳамчун падидаи барҷаста дар адабиёти муосири тоҷик, моҳияти ковишҳо ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва адабию ҳунарии ӯ мебошад.

Лоиқ шоири дорои ҷаҳони тозаю нотакрори адабию ҳунарист, ки ӯ дар таҳаввули як марҳилаи комили инкишофи назми муосири тоҷик нақши бориз ва равшан дорад. Ин нақшро мо ҳам дар мазмуну муҳтавои шеър, ҳам дар тасвирҳою ҷаҳони рангини шоирона ва ҳам дар таҳаввули анвои шеърӣ ба мушоҳида мегирем. Ба шарофати истеъдоди беҳамтои суханофаринии шоир бисёр суннатҳои муҳимми шеъри ҳазорсолаи форсии тоҷикӣ аз нав эҳё ва умри дубора касб намуданд. Лоиқ тавонист, ки дар ҳадди аҳсан маънои имрӯзиро дар ҷомаҳои суннатии шеър ифода ва баён созад.

Масъалаи дигари бисёр муҳим, ки дар рисолаи мазкур мавриди таваҷҷуҳ аст, баррасии даврабандӣ ё нақди даврони масири эҷодӣ ва камолоти шеъри Лоиқ аст. Ин шеваи таҳқиқ имкон медиҳад, ки роҳи эҷодии шоир, гардишҳои муҳим, падидаҳо ва бозёфтҳои адабию эҷодии шоир ба таври алоҳида ва мушаххас нақду баррасӣ гардад.

Лоиқ Шералӣ аз ҷумлаи адибоне буд, ки аз нахустин шеърҳояш тавассути омӯзиш ва ковишҳои босамари эҷодӣ дар ҷаҳони бекарони шеъри муосири форсии тоҷикӣ роҳу пайраҳаи хоси худро ҳамвор созад. Вақте ки мо маҷмӯаи китобҳои ашъори Лоиқро аз дидгоҳи хронологӣ ба

таҳқиқ мегирем, вижагиҳои хоси ҳар як марҳилаи эҷодиёти шоир равшан мегардад. Роҳи эҷодии шоирро ба таври умумӣ метавон аз маҷмӯаи «Сари сабз» (1966) то китоби «Фарёди бефарёдрас» (1997) муайян намуд. Ҷаҳони бадеию ҳунарӣ, мактаби камолоти шоирии Лоиқ Шералӣ маҳз дар ҳамин фосилаи замон шакл мегирад. Шоир дар ин фосила аз маҷмӯа то маҷмӯаи дигар ҳунару истеъдоди суханварии хешро такмил месозад ва дар баробари ин ашъори ӯ ҳам аз нигоҳи мазмуну мухтаво ва ҳам аз нигоҳи сохтор (композитсия)-и сухан рангину пурғановат мегардад.

Ба тасвир гирифтани мавзӯю маъниҳои тоза, сар фурӯ бурдан ба умқи ҳаводису воқеаҳои иҷтимоии рӯзгори ҳамзамонон аз ҷумлаи мушаххасотест, ки шеъри Лоиқро парвози баланд бахшидааст. Рӯ овардани шоир ба ғаму шодии ҳамзамонон, ба ҷаҳони эҳсосу андешаи наслҳои гуногуни ҷомеа ҷозибаи каломи шоиронаашро меафзуд.

Шеъри Лоиқ ҷаҳони тозаи адабӣ ва ҳунарӣ буда, таҳқиқ ва арзёбии он, аввалан, агар чеҳраи фардии шоирии ӯро мушаххас созад, сониян, имкон фароҳам меоварад, ки хусусиятҳои хоси ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ дар як давраи томи ҷараёни адабӣ ва мавқеи шоир дар он муайян карда шавад.

Тадқиқи тарзу тариқи ҷустуҷӯҳои бадеии шоири бузург, мантиқи ташаккули истеъдоди лирикии ӯ, алоқаи эҷодиёташ бо ақоиду андешаи иҷтимоиву фарҳангӣ ва ҳунарӣ ва ҳаёти ҷамъиятию адабии нимаи дувуми садаи бист ва оғози асри бисту як, махсусият ва гуногунрангии жанрии эҷодиёташ аз зарурати таҳқиқи ин мавзӯъ аст. Ҳамчунин, хусусиятҳои мундариҷавӣ-ғоявӣ ва бадеии шеъри ин давра, ки осори Лоиқ ҷузъи ҷудонашавандаи он аст, аз муҳиммоти мавзӯи таҳқиқ буда, зарурати равшан кардани масъалаҳои зикршуда бар аҳаммияти масъала таъкид дорад. Дар ҳоли ҳозир зарурати натиҷагирии муайян, таҳлили ҷузъӣ ва куллии эҷодиёти шоир ва ба таври амиқ ошкор сохтани аҳаммияти кашфиёти бадеӣ дар миён аст.

Муайян намудани накш ва ҷойгоҳи Лоиқ дар як давраи муҳимми ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ ва ошкор кардану тавзеҳи

махсусиятҳои фардияти эҷодиаш дар мабнои ҷараёни адабӣ муҳим ба назар меояд. Илова ба ин, таҳқиқи фардияти эҷодии Лоиқ, хусусиятҳои жанрӣ ва бадеии осори ӯ барои шинохти равиши инкишофи шеъри муосири тоҷикӣ ва масъалаҳои назариву амалии он низ вобастагии бевосита дошта, таъкид бар аҳаммияти мавзӯи тадқиқотӣ дорад.

**Таърихи таҳқиқи мавзӯъ**. Шеъри Лоиқ бо фазилатҳои хоси мундариҷавию ғоявӣ ва бадеӣ дар оғози фаъолияти эҷодияш диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда буд ва ин таваҷҷуҳ то ба имрӯз идома дорад. Абдунабӣ Сатторов ба маҷмӯаи нахустини шоир «Сари сабз» (1966) тақриз навишта, диди тоза ва навгароии Лоиқро аз хусусиятҳои хоси истеъдоди шоирии ӯ дониста, дар боби ҷустуҷӯҳои аввалини шоири ҷавон ба тафсил сухан карда буд (193, 149-153).

Минбаъд ҳаёт ва эҷодиёти Лоиқ мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии аҳли таҳқиқ қарор гирифта, дар ин замина як силсила мақолаву рисола ва диссертатсияҳо таълиф гардид, ки рисолаҳои А. Сайфуллоев (83), Ю. Акбарзода (44), У. Ғаффоров (57; 58; 59; 60) Гулназар (56), А.Сатторзода (86), С.Абдулло (39), К.Абдулов (41), М. Нарзиқул (75), В. Элбоев (203; 204;205;206;207;208;209), Р. Муталлибов (73), Н. Ҳаётов (136), К.Насрулло (76), Б. Карим (54) ва М.Аҷамӣ (51;52) аз ҷумлаи онҳост.

Муаллифони китобҳо оид ба таърихи адабиёти садаи XX тоҷик (61; 62; 48; 49) ва мақолаҳое, ки доир ба масъалаҳои мухталифи адабиёти имрӯза таълиф шудаанд (151; 161; 162; 165; 170; 172; 179; 192; 193; 199;200) дар бораи Лоиқ ва эҷодиёти ӯ баъзе маълумотро овардаанд. Ҳамчунин, дар маҷмӯаҳои мақолот ва ёддоштҳо (71;68;167) роҷеъ ба зиндагӣ ва паҳлуҳои эҷодиёти шоир маълумот ва андешаҳо баён шудаанд.

Аввалин мақолае, ки паҳлуҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ дар он таҳлил ва арзёбӣ шудааст, ба қалами Муҳаммадҷон Шукуров тааллуқ дорад. Ин муҳаққиқ «аввалин қадамҳои Лоиқро дар лирика бисёр хурсандибахш» (105, 211) арзёбӣ намуда, доир ба хусусиятҳои лирикӣ ва баъзе жанрҳои эҷодиёти шоир, аз ҷумла рубоӣ маълумот додааст.

Мақолаи Шарифҷон Ҳусейнзода «Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик» ( 97, 225- 242) чанд тозакориҳои шоирро дар шеъри тоҷикӣ ёдрас кардааст.

Дар аксари тақризу мақолаҳое, ки минбаъд доир ба эҷодиёт ва маҷмӯаҳои Лоиқ навишта шудаанд, дар боби шеъри шоир ва баъзе хусусиятҳои он сухан рафтааст. Дар ин замина метавон аз тақризҳову мақолоти А. Ҳакимов (96, 149-159, 166-174,179-190), А. Сатторов, Х.Шарифов, Ю Акбаров, Х. Отахонова, Р. Ваҳобиён ва ғайра ном бурд (193; 201; 161;46;44;179;180; 199; 163).

Пас аз даргузашти Лоиқ се нашри «Куллиёт»-и ӯ (2001, Хуҷанд, 1383,Теҳрон, 2008, Душанбе) бо сарсухани А. Сатторзода ба чоп расидааст, ки дар он паҳлуҳои ҳаёт ва осори шоир мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст (24; 25).

Дар бораи осори таҳқиқие, ки доир ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир дар солҳои гуногун чоп шудаанд, мо дар рисола вобаста ба мавзӯи баҳс сухан хоҳем кард. Ҳоло метавон гуфт, ки дар аксари таълифоти анҷомгирифта, равандҳои фарҳангии ҷомеа, ҷустуҷӯҳои эҷодии шоир дар ин самтҳо, аз ҷумла хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули эҷодиёти ӯ дар мабнои назми муосири тоҷикии солҳои шасти садаи гузашта ва баъди он, махсусиятҳои фардиёти эҷодӣ, бадеияти осор ва равиши суннатписандиҳову навовариҳои шоир дар шеъри имрӯз ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор нагирифтааст. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи масъалаи фардияти эҷодӣ, ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва ҷойгоҳи шоирро дар ҷараёни адабии муосири тоҷик ба миён мегузорад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот**. Фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи Лоиқро дар таърихи адабиёти муосири тоҷик, пеш аз ҳама, дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ, хусусиятҳои хоси дидгоҳҳои ӯ ба рӯйдодҳои зиндагӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ ва бадеии осори ӯ муайян мекунад. Нотакрории муаллиф на фақат дар тарзи нигориш, балки усули дарки воқеиятҳо, андеша сари ҳаводиси зиндагӣ, боварҳои ӯ ва ғайра зоҳир мешавад, ки мутаассифона, мавриди ҷустуҷӯҳои амиқ ва

ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Ҳол он ки чеҳраи хоси шоирии ӯ ифодагари як давраи муҳимми таҳаввулоти мундариҷавӣ ва шаклии шеъри имрӯз буда, муайян намудани хусусиятҳои фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни адабӣ, пеш аз ҳама шинохт ва арзёбии махсусияти идроки бадеӣ ва усули ҷаҳоншиносии ӯ мебошад. Барои ба ин ҳадаф ноил шудан мебояд нахуст ба ошкор сохтани ангезаҳои ибтидоии сиёсӣ ва ҳунарии ҷараёни адабӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард, сипас нақши шоирро дар алоқамандӣ бо пайвандҳои дохилӣ, ки маҳсули воқеиятҳои ҳаёти адабист, муайян намуд.

Бар мабнои ҷараёни адабӣ арзёбӣ кардани масъалаҳои зикршуда ва муайян намудани роҳҳои ташаккул ва таҳаввули фардияти эҷодии Лоиқ ва хусусиятҳои шакливу мундариҷавӣ ва бадеии шеъри ӯ ҳадаф ва вазифаҳои ҷустуҷӯҳои илмиро дар ин рисола муайян мекунад. Бинобар ин, барои дар тадқиқоти хеш ба ҳадафҳои асосӣ расидан мо ба ҳалли масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ намудем:

-ошкор намудани мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Лоиқ бар мабнои шеъри солҳои шастуми садаи бист ва баъди он;

- тадқиқи таҷрибаи бадеии шоир бо тамоюлҳои идеологӣ ва адабию зебошинохтии давраи зикршуда;

-муайян сохтани саҳми шоир дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик ва ҷойгоҳи ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик;

-шинохт ва арзёбии нақши Лоиқ дар ташаккул ва таҳаввули жанрҳои шеъри имрӯз;

-таҳлил ва арзёбии шеъри шоир ҳамчун маҷмӯи таркибҳои шакливу мундариҷавӣ ва зебошинохтӣ;

-муайян намудани суннатҳо ва навовариҳои Лоиқ дар шаклу мундариҷаи шеъри муосири тоҷикӣ.

**Методологияи тадқиқот ва асосҳои назарии он**. Методологияи тадқиқот ба усулҳои таърихиву муқоисавӣ ва таърихиву адабӣ сомон пазируфта, ҳамзамон дастурҳои назарӣ ва амалии муҳаққиқони таърихи адабиёт ва назарияи он дар зимни таҳқиқотҳои М.М. Бахтин, В.Я.

Пропп, Г.А. Жуковский, В.М. Жирмунский, Д.С. Лихачев, М.Н. Пархоменко, М.Б. Храпченко, М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Ю.Акбаров, А.Ҳаким, Х.Шарифов, А. Сатторзода, А.Набиев, А.Раҳмонов, М.Нарзиқул ва дигарон асос ёфтааст.

**Навгониҳои илмии рисола.** Дар рисола кӯшиш карда шудааст, ки бори аввал масъалаи ҷустори ҳунарии Лоиқ, фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни адабии нимаи дувуми солҳои шаст ва баъди он мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирад.

Дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки ин масъала моро водошт, ки механизми ҳалли масъалаҳои мавриди тадқиқро дар алоқамандӣ бо ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири тоҷикӣ нақд ва арзёбӣ кунем ва мушаххасоти онро муайян намоем.

Дар рисола бори аввал мавзӯи мазкур бо фарогирии масоили мубрами раванди адабиёти муосири тоҷикӣ таҳқиқ шуда, дар заминаи фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи мушаххаси Лоиқ Шералӣ дар ҷараёни адабӣ ҳамчун шоири ҷӯянда, суннатгаро ва нововар муайян карда шудааст. Муаллиф бори аввал дар заминаи таҷрибаи эҷодии шоир заминаи дидгоҳҳои фардии эҷодӣ, хусусиятҳои шакливу мундариҷавӣ ва усули бадеии тасвиркориҳои ӯро муайян намудааст, ки нововарии илмии тадқиқотро ифода мекунад.

**Арзишҳои назарии тадқиқот** дар асоснокии илмӣ ва дарки хусусиятҳои хоси тафаккури бадеӣ ва фардияти эҷодии Лоиқ зоҳир мешавад. Ба ин далел, осори шоир таҳлил ва арзёбӣ шуда, қонунияти назарӣ ва амалии инъикоси бадеии масъалаҳои мавриди назар муайян ва мушаххас карда шуд. Бинобар ин, кори дар ин замина ба анҷомгирифта донишҳои назариро дар боби фардияти эҷодии Лоиқ ва ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ такмил мебахшад.

**Арзишҳои амалии рисолаи тадқиқотӣ** аз он иборат аст, ки мавод ва натиҷаҳои пажӯҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи

адабиёти тоҷик, суханрониҳо аз боби масъалаҳои адабиёти навин дар мактабҳои умумӣ ва олӣ, ҳамчунин чун асоси назарӣ барои таълифи таърихи ҷомеъи адабиёти навини тоҷик истифода кард, зеро Лоиқ, бешак, аз чеҳраҳои бузург ва мондагори адабию фарҳангии тоҷикон аст.

**Сарчашмаҳо ва маводи тадқиқот**. Ҳангоми таълифи рисола нашрҳои гуногуни осори шоир, ки дар солҳои гуногун ба нашр расидаанд, маҷмӯаҳои гуногуни ашъор ва се нашри «Куллиёт»-и ӯ (Хуҷанд, 2001-и м., Теҳрон, 1383-и ҳ.ш., Душанбе, 2008-и м.), тадқиқотҳои дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Лоиқ анҷомгирифта, намунаҳои осори шоирону нависандагони муосири ӯ, ёддоштҳо, қомусҳои соҳавиву таълифоти илмӣ, ҳамчун сарчашма ва заминаи маводи тадқиқот мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Нуктаҳои асосие, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:**

- Вазъи адабиву иҷтимоии солҳои шастуми садаи бист, хусусиятҳои эҷодии давраи аввали эҷодиёти Лоиқро муайян мекунад. Дар заминаи рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии ин солҳо ва санадҳои зиндагиномаи шоир зинаҳои ташаккули фардияти эҷодӣ ва аввалин ҷустуҷӯҳои бадеии Лоиқ аз назар гузаронида шудааст. Дар ҳамин равиш ба масъалаи алоқаи мавзӯии эҷодиёти ин давраи шоир бо муосиронаш диққат дода шудааст.

- Масъалаи инъикоси воқеияти замон дар эҷодиёти солҳои ҳафтоду ҳаштоди садаи бист ва таҳаввулот дар шаклу мундариҷаи осори шоир ҷолиби диққат буда, тарзи тасвири воқеият ва ҳунари шоирро ошкор месозад.

- Солҳои ҳафтоду ҳаштод давраи дувум ва муҳимми эҷодиёти Лоиқ буда, дар осори ин давраинаи ӯ рангу намоди таърихиву миллӣ, мавзӯъҳои модар ва зан, кӯдакӣ, ҷанг ва сулҳ, мӯяҳои ошиқона, васфи табиат,оҳангҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва ғайра ҷойгоҳи хос пайдо мекунанд. Дар ин замина шеъри Лоиқ, аз як тараф, ба фарҳангу эътиқоде, ки суннати мондагори меросӣ буд, бозмегардад ва, аз дигар сӯ, табодули

ҳиссу идрок бо шеъри ҷаҳонро пешорӯ дорад, ки ин ҳар ду чеҳраи шоирии ӯро мушаххас месозад.

- Маҷмӯи мушкилоти иҷтимоиву таърихӣ ва ҷамъиятию адабӣ аз бисёр ҷиҳат ҷустуҷӯҳо ва мундариҷаву хусусияти бадеии осори Лоиқро муайян менамоянд. Ашъори ин давраи шоир бо оҳанги амиқи фалсафӣ, андешаҳо дар бораи зиндагӣ ва ормонҳои инсониву миллӣ саршор мебошанд.

- Корбурди жанрҳо масъалаи суннатгароӣ ва навовариро дар эҷодиёти шоир ба миён мегузорад. Лоиқ дар истифодаи жанрҳои гуногун равиши хосро пеш гирифта, гуногунрангӣ дар шеъри ӯ хусусиятҳои шакливу мундариҷавиро муайян менамояд. Навҷӯиҳои шоир дар шаклҳои шеърӣ ифодагари хусусиятҳои хоси тафаккури бадеӣ ва фардияти эҷодии ӯст.

**Апробатсияи тадқиқот.** Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конфронсҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (давоми солҳои 2014-2018), инчунин дар шаш мақолаи илмии диссертант баён ёфтааст.

Рисола дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима ва ба дифоъ тавсия шудааст. Суратҷаласаи № , аз 2018.

**Сохтори рисола**. Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат аст.

## Боби I

# Вазъи адабии солҳои шастуми садаи бист ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ

Ҷараёни «поксозии мағзҳо» («прочищение мозгов») (123,174) моҳияти сиёсати адабии Шӯравиро дар тӯли солҳо муайян мекард, ки адабиёти тоҷик низ зери таъсири фарогири он қарор дошт. Дар замина бузургтарин бохти мо «аз пояҳои маънавӣ маҳрум кардани ҳаёти инсон ва бозҷустҳои бадеии нависандагон буд» (99, 16). Адабиёте, ки бар маънавиёти олӣ ва бадеияти комил асос ёфта буд, ба зоҳиргароӣ пардохт. Фардияти эҷодкор зери таъсири омилҳои чаҳорчӯбаи расмӣ, супориши ҳизбиву давлатӣ ва талаботи сиёсӣ шакл мегирифт. Дар сатҳи адабиёту фарҳанг ба адибони дигарандеш ва тозаҷӯву нововар ҷой набуд. Эҷодкорон озод набуданд, зери фишор қарор доштанд ва ба фармон ва супориши дастгоҳи сиёсӣ ва идеологияи ҳукмрони замон итоат мекарданд. Чунин вазъият, ки дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ тақвият ёфт, то пошхӯрии он ба шиддат идома пайдо кард.

Қарорҳои зиёновари ҳизби коммунисту давлати Шӯравӣ дар соҳаи адабиёт, барномаи театрҳо, кино ва санъати мусиқӣ дар солҳои 40-50-уми садаи гузашта дар муҳити адабӣ вазъияти тарсовар ва тобеъияти бечуну чаро ба ҳокимияти марказиро ба вуҷуд овард. Барои тарсонидани чашми дигарон адибони рус М. Зошенко ва А. Ахматова ҳамчун унсури бегона, «нависанда бо андешаи зиддишӯравӣ» (123, 178) таъбир шуданд. Моҳият ва оқибати чунин муносибати ғайримунсифона ва ноодилонаро ба адабиёт М. Зошенко ба тариқи зайл баён доштааст: «Намешавад адабиётро мутамаркиз сохт. Ин корро дар истеҳсолот метавон кард, вале дар адабиёт не. Ин низоми нодуруст аст ва ба он меоварад, ки мо бе адабиёти асил мемонем» (98, 178).

Воқеан ҳам чунин сиёсати нодурусти мутамарказ сохтани адабиёт роҳи адабиёти асилро то ба даргоҳи мардум баст. Осори адибони ҳақгӯву нововар на фақат чоп намешуд, балки худи онҳо ҳадафи

таҳқиру таъқиб қарор мегирифтанд. Ин ҷараён барои адабиёти тоҷик низ мисли адабиёти халқҳои дигари Шӯравии собиқ бисёр ҳам гарон тамом шуд ва то солҳои шаст ба ҳар ранге идома пайдо кард. Фишорҳои сиёсие, ки бар сари устод Айнӣ, Пайрав, Мирзо Турсунзода ва Сотим Улуғзода дар солҳои сӣ ва баъди он омада буд, фароиндҳои таассуфбори маънавии ҷомеаро рақам мезад ва монеаи воқеӣ дар роҳи пешрафти адабиёт буд. Меъёри баҳогузорӣ ба фаъолияти адибон ҳамон буд, ки дар қарорҳои ҳизбӣ ифода шуда буд. Ин қарорҳо то арафаи солҳои навади садаи гузашта эътибор доштанд. Фақат октябри соли 1988 бо қарори КМ ҲКИШ он қарорҳо, аз ҷумла қарор «Дар бораи журналҳои «Звезда» ва «Ленинград» бекор шуда, нодуруст эълом шуданд. Қарорҳо бекор шуданд, вале таъсири онҳо ба фароиндҳои маънавии ҷомеа ва рушди осори ҳунар адабиётро аз масири аслиаш берун кард. Адабиётро ба дастгоҳи таблиғотӣ табдил дода, сухани тавсифиро ба курсӣ нишонд ва ситоишгариву маддоҳиро ҳунар намуд.

Ҳамчунон ки Н.Салимов таъкид кардааст: «Солҳое, ки сиёсати ҷорӣ бо панҷаи гирою хунрези худ тавассути утопияи иҷтимоии баробарии халқҳо ва кулли заҳматкашон ба шаклҳои бисёр номуносиб тадриҷан тафриқаҳои табақавӣ ва ғоявиро ба бунёди тафаккури бадеӣ ворид сохт, эстетикаи заифниҳоди нормативӣ ва ҳатто примитивӣ, қолабҳои якранги бадеӣ нуфузи ҳамагонӣ пайдо кард ва муҳри асолати фардиву ҳунарӣ хираву камнур гардид» (84, 18). Ин ҳама дастдарозиҳо ба асолати адабиёту ҳунар, ба вазъи адабиёт, бахусус шеър таъсири манфӣ расонида, ба истиқлоли фардии шоирону нависандагон латма ворид сохт. Ин ҳолат шеъри тоҷикиро аз тааммуқписандиву фалсафаҷӯӣ маҳрум сохта, дастихуш ва мубаллиғи сиёсати давр намуд. Шеър василаи таблиғи хушку урён, шиорҳову даъватҳои расмӣ ва сиёсии замон гардид. Ба ифодаи дақиқтар, «сиёсатгароии маҳз ва ба қолаби шеър даровардани суханҳои одии забонзад, он чӣ «шеъри сармақола» номида шуда буд, аз аввали инқилоб сар карда, солҳои бисту сӣ ва пас аз

он хеле ривоҷ ёфт ва дар бисёр мавридҳо адабиётро аз моҳияти аслии он маҳрум сохт, назму насрро аз шеърияти асил дур бурд»(99, 412).

Дар охири солҳои панҷоҳуми садаи бист сиёсати ҳизб нисбат ба адабиёт як дараҷа нарм шуда бошад ҳам, синфиятчӯӣ ва ғояҳои дархӯри сиёсату идеологияи Шӯравӣ усули асосии адабиёт дониста мешуд ва фардияти эҷодиро маҳдуд мекард. Бо вуҷуди ин чеҳраҳои адабие чун Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ ва Сотим Улуғзода бо баъзе аз таълифоти таърихиашон аз фардияти эҷодӣ ва ҳувияти ҳунарӣ дарак доданд. Онҳо, ба ифодаи нависандаи рус И.С.Тургенев «овози худ»-ро доштанд, бинобар ин ҳарфи тозаи худро то ҷое гуфта тавонистанд (139, 67).

Ҳарчанд сиёсати давр ба гуфтани ҳақиқат имкон намедод ё ҳақиқатгӯиро маҳдуд мекард, Мирзо Турсунзода ба гуфтани воқеияти иҷтимоӣ, сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ ва фоҷеаҳои рӯзгори гузаштаи ҳаммиллатонаш ба қадри тавон даст ёфт. «Ман аз Шарқи озод»-ро (1950) бар мабнои воқеият навишт. Баъдтар ба ифодаи М. Шакурӣ «ба дарки фалсафаи рӯйдодҳои таърихии Шарқи муосир наздик шуд» (99, 420), ки манзумаи «Садои Осиё» (1955) ва достонҳои «Чароғи абадӣ» (1957) ва достони «Ҷони ширин» (1960) маҳсули ҳамин тамоюли эҷодии ӯст.

Пеш аз М. Турсунзода устод Садриддин Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва Мирсаид Миршакар ба масъалаҳои бедории иҷтимоиву маънавӣ, таърихӣ ва миллӣ таваҷҷуҳ кардаанд, вале ӯ дарки бадеии ин матолибро ба савияи худогоҳии халқ боло бурда, дар ниҳояти кор ба ҷамъбастҳои бадеъии фалсафӣ даст ёфта, «аз сиёсатгароӣ ба сари арзишҳои ҳамагонии башарӣ омад» (99, 423). Беш аз ин Мирзо Турсунзода барои ибрози хусусиятҳои фардии шахсиятҳои осораш таваҷҷуҳ кард, ки ифодагари фардияти эҷодии ӯ буда, ба шаклгирии фардияти эҷодии шоирони баъдӣ, аз ҷумла Мӯъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Гулчеҳра ва Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ бетаъсир намонд.Мавриди зикр аст, ки устод

А.Сатторзода низ дар бораи Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ мақолае дорад, ки ба ҳамин фазилати ҳунарии ӯ таъкид шудааст.

Талошҳо ва ҷустуҷӯҳои эҷодии Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва баъзе шоирони дигар дар адабиёти охири солҳои панҷоҳум ва шастум тағйироте ба вуҷуд овард, ки то ҷое хусусиятҳои вазъи адабиёти ин давраро таҷассум менамояд. Яке аз омилҳое, ки бозҷустҳои адабии шоирону нависандагонро муайян мекард, гароишҳои маънавӣ ва ҳунарии онҳо дар бозтоби бадеии воқеиятҳои рӯзгор буд. Шоирон ва нависандагони тавоно мисли Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ҷалол Икромӣ тадриҷан аз «фармонравоии томравоӣ» (М.Шакурӣ) раҳоӣ ёфта, ба дарки бадеии рӯйдодҳои таърихию замонӣ таваҷҷуҳ карданд, ки натиҷаҳои мусбат ҳам ба бор овард.

Талошҳои ҳунарии чанд тан аз шоирони тавоно дар маҷмуъ ба вазъи адабиёти тоҷик дар ин давра бетаъсир набуд. Шоирони тавоно ба «фаро гирифтани ҷиҳатҳои гуногуни зиндагӣ, нишон додани ҳастии мураккаби рӯзҳои мо, офаридани симои ҳақиқӣ ва боварибахши ҳамзамононамон дар адабиёт» (96, 21) кӯшиш намуда, дар тарзи тасвир ва шаклу мундариҷаи шеър низ тағйироте ба вуҷуд оварданд. Ба ифодаи дақиқтар, дар ин давра «баробари ҷустуҷӯҳо дар соҳаи мазмуну мундариҷа барои кашфи тозаи сурату суратнокӣ, шаклҳои бадеие, ки ба ифодаи мундариҷаи тоза муносиб бошанд, азми ҷазме» (96, 21) ба вуқуъ пайваст. Ин тамоюл дар охири солҳои панҷоҳ ва нимаи аввали солҳои шаст аз шеъри Мирзо Турсунзода шурӯъ гардида, ба ҷараёни адабӣ таъсири файзбахше дошт. Шоирон дар баробари тавсеъа бахшидани ҳудуди мавзӯи шеър, яъне дар шеър инъикос кардани муҳимтарин ҳодисаҳои замон, фароху пурдомана ба тасвир гирифтани воқеиятҳои зиндагонӣ, ба ҷанбаҳои ҳунарии шеър, ба хусус балоғати ҳунарӣ ва шаклҳои шеърӣ диққати бештар медодагӣ шуданд.

Охири солҳои панҷоҳ ва нимаи аввали солҳои шаст тааммуқ сари воқеиятҳои замониву таърихӣ ҷустуҷӯҳои шоирони тоҷикро муайян мекард, ки ба «андешаронихои ғиноӣ» (96, 421) дар атрофи чунин

воқеиятҳои замониву таърихӣ водор менамуд. Ин равиш то ҷое ба пайдоиш ва рушди шеъри ғиноии фалсафиасос мусоидат кард, ки бунёдгузораш Мирзо Турсунзода буд ва минбаъд ин таҷриба бо кӯшишҳои шоирони дигар, аз ҷумла Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноат, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ густариш пайдо кард.

Аскар Ҳакимов муътақид аст, ки «инкишофи тафаккури мураккаби бадеии як давраи адабиро аз рӯи таҳлили эҷодиёти як шоир, бигзор, ҳатто шоири бузург, агарчи аз диди бадеии ӯ ҷаҳоншиносии замон ба қадри зарурӣ пурра инъикос шуда бошад ҳам, муайян кардан мумкин нест» (96, 35). Ин андеша то ҷое дуруст аст. Вале, ба назари мо, таҷрибаи эҷодии шоирони тавоно имкон фароҳам меоварад, ки доир ба хусусиятҳои хоси таҳаввулоти адабии ин ё он давр ва таъсири он ба эҷодиёти шоирони баъдӣ сухан кард. Албатта, тадқиқ ва таҳлили қиёсии ин масъала аз ҳудуди имконияти мо хориҷ аст, вале дар замина чанд нуктаро метавон ёдрас кард, ки дар шинохти вазъи адабии адабиёти давраи мавриди назар муҳим ва созанда мебошад.

Яке аз тамоюлҳои мусбате, ки дар ташаккул ва таҳаввули минбаъдаи шеъри тоҷикӣ муассир будааст, ифшои рози дили инсон дар шеър аст, ки то ҷое дар он солҳо пеши роҳи умумигӯӣ ва иҷтимоъгароии маҳзро дар шеъри тоҷикӣ гирифт. Ин тамоюли арзишманд заминагузори ҷамъбастҳои фалсафӣ дар шеъри тоҷикӣ гардид, ки таъсири воқеии он ба эҷодиёти шоирони ҷавони нимаи дувуми солҳои шаст, аз ҷумла Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Мастон ва дигарон назаррас аст.

Мирзо Турсунзода аз аввалинҳо буд, ки на фақат рози дили инсон, «эҳсос ва андешаи олами ботин, таровишҳои қалбӣ, ангезишҳои руҳии фард»-ро (96,40) дар шеърҳояш ифода карда тавонист, балки ба ин васила ба ҷамъбастҳои фалсафии ҳодисаву воқеаҳои тасвиршаванда дар шеър дастёб шуд. Ин тамоюли ҳунариро дар манзумаи шоир «Садои Осиё» (1955), достонҳои «Чароғи абадӣ» (1957), «Ҷони ширин» (1960) ва шеърҳои «Хоҳари мубоpизи Африқо» (1961), «Шоиро!» (1962) ва дигар ашъори ӯ метавон ба возеҳӣ дарк кард.

Шоир дар шеъру достонҳои зикршуда аз ҳодисаҳои сиёсиву иҷтимоӣ дарки ибрат ва огоҳӣ ҷуста, ба ин васила моҳияти замон ва сарнавишти шахсиятҳои осорашро ошкор месозад, ки дар шеъри он солҳо падидаи нав буд. М.Шакурӣ дар замина ашъори ин давраинаи Мирзо Турсунзодаро «савияи баландтарин худоогоҳии халқ» дониста, таъкид мекунад, ки ин равиш «ҷамъбастҳои бадеии фалсафӣ»-ро (96, 412) дар шеъри тоҷикӣ густариш бахшид.

Ин тамоюли мусбат дар эҷодиёти шоироне, мисли Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ва баъдтар Мӯъмин Қаноат ташаккул ва таҳаввул ёфта, мундариҷа ва шаклу ҳунари шеърии онҳоро дигаргун сохт. Агар Мирсаид Миршакар бештар ба тасвири сарнавишти фалсафӣ ва рамзии инсон ва таъсири воқеияти замон пойбанд бошад, Аминҷон Шукӯҳӣ қадру қимати инсонро маҳаки эътибор қарор медиҳад. Ҳамин тарзи идроки бадеӣ хоси равиши эҷодии Мӯъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ низ мегардад, ки нақш ва ҷойгоҳашонро дар ҷараёни адабӣ муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, ба василаи заҳматҳои шоирони ба истилоҳ насли севуму чаҳорум шеъри тоҷикӣ то андозае аз банди иҷтимоъгароӣ ва ситоишу накуҳиш раҳида ба тасвир ва баёни розҳои дили инсон даст ёфт, вале ҳанӯз ҳам биниши синфиву ҳизбӣ, ки ба ҳукми амр талқин мешуд, дасту пойи аҳли қаламро то ҷое дар банд нигоҳ медошт, ки дар он солҳо омили коҳиш ёфтани арзишҳои ҳунари асил низ мегардид. Бадтар аз ин, ҷараёни ба синфияту ҳизбият тобеъи маънавият ва арзишҳои инсонӣ нақши ормонгароии адабиёт, аз ҷумла шеърро коҳиш дода, онро ҳамчун василa ё худ силоҳ дар дасти низом нигоҳ медошт ва боиси таназзули шеъри асил мегардонд.

Таъкид мекунем, ки охири солҳои панҷоҳ ва ибтидои солҳои шаст дар ҳаёти маънавии Тоҷикистон дигаргуниҳои чашмрасе ба вуқӯъ пайваст. Нармиш дар сиёсати давлатӣ ба шоирон дар гуфтани рози дили инсон ҷасорат бахшид. Дар матни ҳамин рӯйдодҳо Лоиқ пой ба

майдони адабиёт гузошт ва замоне, ки донишҷӯ буд, аввалин шеърҳояшро суруд (75, 12).

Ин шеър зери унвони «Ном» ҳангоми донишҷӯи соли севум буданаш дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуд. Он ҷузъи зиндагиномаи шоир буда, дар шаклгирии шахсияти шоир нақши муҳим бозидааст. Санади тарҷумаҳолӣ дар ин шеър дунёи лирикии муаллифро таҷассум сохта, мисраи охирини шеър «Сабт кун номат ба қалби мардумони бовафо» ҳикмати зиндагиро пеш мекашад.

Нахустин шеърҳои Лоиқ махсусиятҳои фардии эҷодӣ ва пайванди ҷаҳони маънавиашро бо ҳадафҳои воқеии инсон ва замон инъикос мекунанд. Он чӣ шоир дар шеърҳои аввалин тасвир кардааст, ифодагари боварҳо ва ормонҳои созандаи баъдии ӯст. Бесабаб нест, ки маҷмӯаи «Сари сабз»-ро, ки дар он шеърҳои аввалинаш гирд омадаанд, муҳаққиқон «маромномаи эҷодии шоир» (75,21) унвон кардаанд. Воқеан ҳам, бисёре аз шеърҳои ин маҷмӯа ифодагари розу ниёзи шоир аз шеър ва зиндагист. Ба назари Лоиқ ғараз аз шоирӣ, монанди ҳамаи ҳунарҳо ин аст, ки зиндагии инсонро пурмоя ва зебо созад, ба бақо ва камоли тадриҷии он кӯмак кунад, дари ҳидоятро ба рӯйи вай боз намояд.

Ҳамин ҳисси масъулият, шинохти қадр ва манзалати сухан, дарки эҳтиёҷи маънавии хонанда дар қадамҳои нахустин ӯро ба баёни шоиронаи ормонҳои инсонӣ водошт ва дар ин замина ҳарфи бодалел, дақиқ ва таъсиргузор гуфт, ки бо тафаккури созандаи гузаштагон, ҳадафҳои инсонӣ ва ҳунарии шеъри пешину муосиронаш ҳамхонӣ дошт. Аз оғоз оҳангҳои шахсӣ дар шеъраш бо тасаввуроти ҷомеъи шинохти шарофати инсон ва муқаддасоти зиндагӣ пайванд буд. Ба масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ таваҷҷуҳ карда, шоир образҳои ҳамсони худашро меофарад. Симои онҳоеро, ки мисли ӯ зиндагӣ барояшон имтиҳон аст, имтиҳони садоқат ва поймардӣ. Шеърҳои «Зарафшон», «Меҳр ва зар», «Арча», «Сабзаи баҳор» ва ғайра дар ҳамин равиш гуфта шуда, тасвири ҳолнамо дар онҳо имтиёз дорад.

Чунонки ишора шуд, ҷустуҷӯҳои эҷодии Лоиқ дар оғози фаъолияти шоириаш аз таҷрибаи пешиниёну баъдиниён ва ҳамовардонаш ҷудо набуд. Симои инсони орзуманд, талошгар ва фидокор ҳадафи эҷодӣ қарор гирифта буд, ки аз матни воқеияти сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавӣ берун меомад. Ҳарчанд ҳар шоире дар ҷустуҷӯи сохтори шакливу мундариҷавӣ роҳу равиши хоси худро дошт, вале рӯҳияи фаъолиятмандӣ ва муносибати некбинона ба ҳар чизи нав, ки зиндагиро ба беҳӣ тағйир диҳад, миёни шоирон умумият дошт. Ин фаровнди маънавӣ реша дар таблиғоти густурдаи низом оид ба арзишҳои волои ҷомеаи табақотии Шӯравӣ дошт, ки зеҳнияти мардум, аз ҷумла аҳли адабро ба тобеъияти комили худ даровarда буд.

Лоиқ ҳарчанд монанди шоирони муосираш дар ҳамин гуна муҳит мезисту эҷод мекард, вале осори давраи аввали эҷодиёташ гувоҳ аст, ки ба воқеият диди хос дошт. Ашъори дар нахустин маҷмӯааш «Сари сабз» гирд омада, нишон медиҳанд, ки Лоиқ аз оғоз аз зикри сатҳию беобуранги зоҳири воқеаю рӯйдодҳо, шӯру валвалаи даъват ба кор, ба пахтачинӣ, васфи дилбазани пешвоёни сиёсӣ, тамҷиди дастовардҳои моддиву маишиву истеҳсолӣ даст кашида, дарк ва таҳлилу таҳқиқи амиқи моҳияти масъалаҳои иҷтимоиву маънавӣ ва ифшои ҳолатҳои равониву ахлоқии инсонро ҳадафи эҷодӣ қарор додааст.

Вақте ки сиву ду шеър ва нуздаҳ рубоии маҷмӯаи «Сари сабз»-ро аз назар мегузаронем, таҳаввулоти тадриҷии эҷодии шоир аз як шеър то шеъри дигар, ҳам дар шакл ва ҳам дар мундариҷа, равшан ба назар мерасад. Ҳар кадоме аз ин шеърҳо ифодагари фардияти диди шоирона ва тарзи хоси нигориши ҳунарӣ ҳастанд. Чизи нав ва муҳтавои ҷолиброаз зиндагӣ дарёфта, Лоиқ тавонистааст, ки ба василаи тасвирҳо ва образҳои шоирона хонандаро муттақоиди ҳақиқати шинохти зиндагӣ, андешаву оро ва дарёфтҳои зебоишинохтии худ созад. Бинобар ин бо гузашти замон шеърҳои аввалини шоир барои хонанда кӯҳна нашудаанд. Аз таълифи шеъри «Ном» панҷоҳу ҳашт сол гузашта, вале маънии амиқ ва шеваи хоси нигориш маҳбубияти онро ҳифз кардааст.

Дар ин боб ба маврид аст суханони зерини нависанда ва мунаққиди Фаронса Бернар Пенгоро иқтибос кунем, ӯ менависад: «Ҳеҷ кас пешакӣ гуфтан наметавонад, ки романҳои имрӯзаи моро мағзи хонандаи фардо чӣ тавр қабул мекунад. Ва баръакс, агар бо мақсади «хидматгузорӣ» асари муайянро барои доираи муайяни хонандагон бо дарназардошти ҳадафҳои сиёсӣ ё худ ахлоқӣ бинависем, мо хеле хатар эҷод мекунем ва китобҳоеро боқӣ мегузорем, ки ҳамроҳамон аз миён мераванд. Ман тасаввур карда наметавонам, ки осори рӯзгори пешин чӣ гуна тавонистаанд дар замони мо зинда монанд, «Илиада» ё «Дон-Кихот» ва ё фоҷиаи классикии фаронсавӣ чӣ гуна тавонистаанд имрӯз ба мо чизе дар бораи инсон биомӯзанд. Агар андешаи муаллифони онҳо ба хидматгузории ягон идеология ё арзишҳои муайян маҳдуд мешуд, онҳо чӣ гуна наҷиб мешуданд?» (139, 75).

Таъкиди ин донишманд бар он аст, ки ҷовидонагии осори бадеиро ҳадафҳои олии инсонӣ ва ҳунариаш замонат медиҳад.

Лоиқ аз оғоз хидматгузори ягон идеология ва ё арзишҳои муайян набуд. Вале дар ашъору мақолаҳояш заъфи идеологияи замон ва арзишҳои таҳмилиро нишон медод ва бо низом дар муқовимат қарор мегирифт. Бинобар ин мо бо чунин андешаи Худоӣ Шарифов, ки мегӯяд: «Дар адабиёти аҳди Шӯравӣ ҷустану пайдо кардани як равияи адабии муқовимат кори ғалат буда, дар шинохти мазмуну маънии адабиёти замони Шӯравӣ ба натиҷаҳои илмӣ оварда намерасонад» (102, 127), розӣ шуда наметавонем. Ҳоло мо сари масъалаи чунин раванд буд ё на, баҳс накарда, таъкид менамоем, ки Лоиқ дар оғози фаъолияти эҷодӣ ҳам дар шеър ва ҳам дар мақолаҳо оид ба бисёре аз масоили адабӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба дидгоҳҳои расмӣ назари мухолиф дошт. Дар ин боб Ю. Акбаров барҳақ навиштааст, ки Лоиқ «алайҳи расмиятпарастию маҳдудгардонӣ ва минтақаву маҳалҳои барои танқид мамнӯъ мубориза карда, аз озодию истиқлолияти инсон дар ҷомеъа пуштибонӣ мекард» (44, 10). Ба ифодаи дигар, Лоиқ аз оғоз то охирин рӯзҳои зиндагиаш ҳам дар осор, ҳам дар фаъолиятҳои

амалиаш бо ночӯриҳои рӯзгор, бо одамони худбохтаву бемазҳаб дар муқовимати маънавӣ ва ҳунарӣ қарор дошт.

Ӯ шеъри «Кӯҳистон»-ро 5 –уми апрели соли 1966 навишта буд. Ин замоне буд, ки суннатҳои миллӣ қадр надоштанд. Ҷойи онҳоро арзишҳои таҳмилӣ ва тахрибгар ишғол мекарданд. Ҷомеаро идеологияи ҳоким ба самти фосилагирӣ аз арзишҳои миллӣ раҳнамоӣ мекард. Лоиқ бо шеъри зикршуда муҳтавои тозаро ба адабиёт овард. Масъалаеро ба миён гузошт, ки ба ёдкарди он бахусус дар солҳои шастум ҳар кас ҷуръат намекард. Масъала ҳифз ва посдории суннатҳои миллӣ ва самтгирӣ ба сӯйи худшиносии миллӣ буд. Ин шеър ҳам ҳасрати гумкардаҳост, ҳам ҳушдор барои ҳифзи асолат ва ҳувияти миллӣ.

Барои он ки моҳияти иҷтимоӣ ва ҳунарии ҷусторҳои Лоиқ аз оғози фаъолияти эҷодиаш дақиқ дарк карда шавад, аз шеъри «Кӯҳистон» зиёдтар иқтибос меоварем:

На масҷид монда, на минбар, ҳама вайронаву абтар
Намеояд дигар бар гӯш овози азонхоне.
Ба тоқу бар равоқи хонақоҳи бехудо холӣ
Кабӯтарҳои саҳро мекунанд акнун парафшонӣ.

Зи меҳробаш биёяд хониши гунҷишкҳо бар гӯш,
На овози кашишдори муаззин-ҳайкали фанде.
Дигар бар печи дастори сафеди мӯсафедон ҳам
Малоикҳо намешинанд чун файзи худовандӣ.

Ҷавонон пои маҳсӣ хонда оятҳои «Қуръон»-ро,
Дигар бар сӯи масҷидҳо худокобӣ намеоянд.
Саҳар ё шом пирони батоат рӯи ҷойандоз
Саропо гӯшу ҳуш бонги муаззинро намепоянд.

Паямбарҳо муаллақ мондаю ночор
дар байни худою бандагони ӯ,

Ба мисли содадузде, ки ба даст афтад шаби маҳтоб.
Замин аммо, агар коранд, ҳосил медиҳад ҳар сол
Ба деҳқони сабукдасти ба айёми дарав бехоб…

Дигар расму таомулҳои аҷдодӣ фурӯ мурданд,
Ки баҳри пойдорӣ ҳар яке муҳри худоӣ дошт.
Ба чашми мардумони хоксору содаи кӯҳсор
Чу мероси азизи модарон қадру сафое дошт.

Вале ман зинда хоҳам кард он расму таомулро,
Ки бар он муҳри дасти рӯзгорон пахш гардида.
Ҳамон расму таомулро, ки бо он мардумони пок
Чашида пухтаю хоми ҳаёту умр варзида (25, 55).

Лоиқ ба савганди «Ман зинда хоҳам кард он расму таомулро» вафодор монда, фаротар рафт ва мақолаи «Дар боби анъана ва русуми нав»-ро навишт. Шоир дар ин мақола масъалаи ҳифзи арзишҳои миллӣ, аз ҷумла расму ойинҳоеро, ки бақои миллат ва ахлоқи маънавии онро замонат медиҳанд, ҷасурона ба миён гузошт. Таъкиди шоир бар он буд, ки аз даст додани ойинҳои аҷдодӣ тахрибии ҳувияти миллист. Дар мақола ба усули аврупоӣ гузаронидани тӯйи арӯсӣ ва маросими мотам ҳамчун худбохтагии миллӣ маҳкум шуда, шоир дар фароварди он таъкид мекунад, ки ҳар иқдоме, ки анҷом мегирад, «бояд ба мафкура, рӯҳия ва кайфияти халқ, ба хештаншиносӣ ва шахсияти умумии ӯ асос ёбад. Халқро омӯхтан, донистан ва шинохтан лозим. Ибтидои ҳама чиз аз ӯст ва бар ӯст» (190).

Баъзе шеърҳо ва мақолаҳои шоир, аз ҷумла мақолаи боло ифодагари равияи муқовимат дар эҷодиёти ӯ буда, дар солҳои ҳаштод ва баъди он қувват мегирад ва тадриҷан тавсеъа меёбад. Ҳамчунон ки Ю. Акбаров хотирнишон кардааст, «барои чопи ин мақола, ки ҳадафи асосиаш эҳёи расму русум ва анъанаҳои миллӣ дар тӯйу маъракаҳои мотам, дар зиндагии ҳамарӯза буд, муҳаррири ҳамонвақтаи рӯзнома

(«Комсомоли Тоҷикистон» дар назар аст- Х.Р) шодравон Абдулло Зокиров ҷазои сахти ҳизбӣ гирифта, аз вазифа сабукдӯш гардида буд» (190).

Чунон ки бармеояд, Лоиқ аз оғози фаъолияти адабиаш ба воқеиятҳои зиндагӣ назари хос дошт. Чунин дидгоҳи шоир гоҳе муқобили талаботи дастурҳои ҳизбӣ оид ба адабиёт буд, ки ба доираҳои расмӣ низ писанд набуд. Ҳатто дар вақташ бо таъсири идеологияи замон шеъри ватанхоҳонаи «Зарафшон»-и ӯро А. Сайфуллоев дар мақолаи «Садои лирикаи гражданӣ» бо ҷурми васф кардани ватани кӯчак маҳкум карда буд (191).

Лоиқ дар муҳит ва фазои тоталитарии солҳои шаст дар шинохти воқеият ва тасвири он фардияти хоси эҷодиашро зоҳир кард. Ин иқдомҳои шоир дар ҳоле сурат мегирифт, ки дастгоҳи қудратманди идеологии Шӯравии собиқ ормони «ватани ягона ва халқи ягонаи Шӯравӣ»-ро зеҳннишин сохта буд. Касе, ки аз «осиёи кӯҳна» ва «ватани бобоӣ» сухан ба миён меовард, космополит шинохта мешуд ва мавриди муҳокима қарор мегирифт.

Воқеан ҳам он замон шеър ҳамчун як васила ва падидаи худшиносии миллӣ зуҳур карда, минбаъд тадриҷан ба як нерӯи қудратманди маънавию иҷтимоӣ табдил меёфт. Таъсири ин равияро дар адабиёти он солҳо наметавон инкор кард, ки Лоиқ аз пешсафони он буд. Мутаассифона, дар тадқиқоте, ки оид ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир то имрӯз анҷом гирифтааст, масъалаи мазкур ва таҳаввулоти ин давраинаи фаъолияти адабии ӯ то ҷое аз назарҳо дур мондааст. Муаллифони мақолаву рисолаҳои нашршуда, бештар ба таҳлили мундариҷаи шеърҳо машғул шуда, ба мушаххасоти фардияти эҷодиёти шоир дар давраҳои алоҳидаи эҷодиёташ кам эътибор додаанд. Ҳол он ки танҳо зикр ва таҳлили мазмуну мундариҷа нақш ва ҷойгоҳи ин ё он адибро дар ҷараёни адабӣ муайян намекунад.

Фақат муроҷиати Лоиқ ба мавзӯъҳои муҳим ва ҷовидона омили нуфузи осори ӯ дар зеҳни муосирон ва баъдиниёнаш нест. Дар як

фосилаи кутоҳ бисёре аз қаламкашоне, ки бо замон ва ҷараёнҳои муайяни иҷтимоӣ пайванди қавӣ доштанд, анқариб фаромӯш шуданд. Воқеияти муҳимми иҷтимоиву сиёсӣ ва мавзӯъҳои ҷовидона осори онҳоро натавонист зинда дорад. Ҳақиқат ин аст, ки оне ки «ҷовидонагӣ»-ро ҷустуҷӯ карда, аз зиндагии инсон дур мешавад, саъю талош ва андешаву эҳсосоти ӯро аз ёд мебарад, чизи барои муосирон ва ояндагон муҳимро аз даст медиҳад. Хатари воқеӣ барои ҳунарманд он нест, ки ӯро қисмати одамони замонаш ба ташвиш овардааст. Ин хатар, пеш аз ҳама, дар бетарафӣ ба зиндагӣ вашахсияти инсон ниҳон аст. Ҳамзамон дар он ниҳон аст, ки имрӯзу фардои наздикон, эҳтиёҷоти ботинии онҳо ва «дуриҳои дур» барои қаламкаш беаҳаммият бошад. Агар адиб чизи зоҳирӣ ва ҷориро ба ҷойи фазилати бунёдии ҷаҳон пазируфта, равишҳои амиқи ҳаётро ошкор насозад, вай дараҷаи касбияти худро дарнаёфтааст.

Пайванди ҳунарманди асилро бо воқеияти рӯзмара тасвири нишонаҳои замон муайян намекунад. Ин аломатҳо дар кашфиёти бадеӣ муҷассам мешаванд. Ҳамон кашфиёте, ки тавони хонандаро асир кардан дошта бошад. Умқи дили ӯро ба даст оварда, бо эътимоднокӣ ва нирӯи ҳиссӣ андешаи ӯро бедор карда, ба ӯ ёрӣ диҳад, то зиндагӣ ва худро дарк кунад. Чунин кашфиёт, агар он ҳақиқатан муҳим бошад, қалби афроди бисёре аз давраҳову асрҳоро гарм месозад. Агар дақиқтар бигӯем, умқ ва арзиши он чиро, ки ҳунарманд офаридааст, гузашти замон муайян мекунад, ҳукми ниҳоиро вақт содир хоҳад кард. Таҷрибаи эҷодии Лоиқ собит сохт, ки тасвири ҳақиқати мутлақи замон, ки ба инсонҳо тааллуқ дорад, бо гузашти вақт куҳна намешавад. Ба ифодаи Ж.П. Сартр Лоиқ барои муосирон ва замони худаш менавишт, ҳамчун адибони бузурге, ки чунин мекарданд. Вале на ба ин маънӣ, ки ӯ сирфан тобеи замон шуда бошад. Лоиқ ҳеҷ вақт тобеи фармудаҳои расмӣ ҳам нашудааст. Ба ин маънӣ, ки вай гоҳе аз рӯйдодҳо дифоъ карда, гоҳи дигар хостааст онҳоро тағйир диҳад, ба мақсади ба ҳарими ҳарами замонҳои баъд роҳ ёфтан. Бинобар ин, аввалин шеърҳояш бо

гузашти замон кухна нашудаанд, ба дилҳо менишинанд. Онҳо инъикоскунандаи воқеияти мушаххас ва ормони зиндагии инсонҳое ҳастанд, ки онро ташкил медиҳанд.

Робитаи замонҳо имкон фароҳам овардааст, ки он нирӯи иртиботие, ки дар шеъри шоир ҳаст, ҳифз шавад ва тақвият ёбад. Ба ифодаи М.Б.Храпченко «кашфиёти бадеие, ки аз вуруд ба ҳаёти даврони худ берун меояд, заминагузори воқеии ҷалби наслҳои баъдӣ ба онҳост» (139, 77) ва омили бақои ин гуна осор дар тӯли асрҳо низ хоҳад буд.

Таҷрибаи шоирии Лоиқ дар мисоли маҷмӯаи нахустинаш «Сари сабз» ба ин гуфта далел аст. Шеърҳои ин маҷмӯа новобаста ба гузашти замону тағйири сиёсатҳо, дигар шудани вазъи иҷтимоиву ахлоқӣ ва равонии ҷомеа ба хостаҳои инсони имрӯз ҷавобгӯянд ва завқи бадеии ӯро қонеъ мекунанд. Дар ин шеърҳо дарки воқеияти зиндагӣ ва тасвири бадеии он ифодагари шахсияти шоир ва муносибати ӯ ба эҳтиёҷоти маънавию зебоишинохтии ҷомеа мебошад.

Шеъри «Кӯҳистон», ки ёд шуд, дар матни ҳамин воқеият эҷод шуда, аз оғоз мавқеи шоирро дар шинохти муҳимтарин масъалаҳои зиндагӣ, ҳувияти миллӣ ва ормонҳои дарозумр муайян мекард. Дар ин замина Камол Насрулло барҳақ навиштааст, ки «Дар он рӯзгори оғози худшиносиҳои миллӣ, ки дар даврони Шӯравӣ дар эҷодиёти шоирони тоҷик шурӯъ шуда буд, яке аз аввалин шоирон, ки бо арҷгузорӣ ба миллати куҳанбунёди худ дар рӯҳияи худшиносии миллӣ бо ифтихор ва муҳаббати баланди ватандӯстӣ шеърҳо суруд, устод Лоиқ буд. Ифтихор аз гузаштаи фарҳангӣ, аз бузургон ва нобиғагони гузаштаи миллат, ифтихор аз сарчашмаҳои маънавиёти халқамон чун «Авесто»-ву Зардушт то Рӯдакию Сомониён, ифтихор аз абармардони оламшумули илму адаби тоҷик, кӯҳҳои сарбаланду хоки муқаддаси Тоҷикистони азизи он вақт барои бедор кардани эҳсоси худшиносии миллӣ, огоҳии миллӣ бедор кардани масъулияти ватандорӣ хеле зарур буд. Ва хусусан шеър, ки ба ҷомеа таъсири амиқ дошт, дар ин раванд нақши бузург бозид. Ва шоирони тоҷик, аз ҷумла устод Лоиқ бо дарки масъулияти

таърихии худ ин рисолаташонро бо эҳсоси баланди ватандӯстона иҷро карданд» (76, 103). Нахустин маҷмӯаи ашъори Лоиқ ин гуфтаҳоро комилан тасдиқ карда, пеш аз ҳама чеҳраи шоирии соҳибашро бо хонанда ҷилвагар намуд.

Маҷмӯаи «Сари сабз» бо шеъри «Ном» оғоз шуда, шеъри «Ба модарам» ба он ҳусни хотима мебахшад. Шеърҳои маҷмӯа на фақат ифодагари садои тапиши дили софу беғубори соҳибашон аст, балки ормону андешаи хонандаи дирӯзу имрӯзро низ дар худ ғунҷонида, ба андешаву орои ӯ таъсири амиқ мегузорад. М.Шукуров (М.Шакурӣ) дар бораи шеърҳои ин маҷмӯа сухан ронда, аз ҷумла навишта буд: «Шеъри Лоиқ пур аз ҳаяҷон аст, ки аз ҳар мисраи он ҳис карда мешавад ва аз ин ҷиҳат ба шеърҳои шоири шаҳид Ҳ.Юсуфӣ ҳамоҳангие дорад. Лоиқ мисли Ҳ.Юсуфӣ ошиқи ҳаёт аст… » (105, 210).

Ин муқоисаи М.Шукуров эътироф ва таъкиди истеъдоди ҳар ду шоир буда, ба умумияти ҳадафҳои ғоявии онҳо таъкид мекунад ва меафзояд: «Вақте ки кас шеъри Лоиқро мехонад, гумон мекунад, ки сесаду шаст раги вай ғайрату энергия аст ва ӯ тайёр аст, ки ин ҳамаро дар як лаҳза дар роҳи инсон ва бахту саодати вай ба харҷ диҳад» (105, 211).

Воқеан ҳам дар нахустин шеърҳои Лоиқ «шахсияти шоир дар ҷойи аввал меистад» (В.Г. Белинский), ки то ҷое фардияти эҷодиашро низ шакл медиҳад ва хонанда аз ин роҳ ҳама чизро қабул ва дарк мекунад. Бо ин усул Лоиқ дилашро дар пеши хонанда мекушояд ва ҳам холӣ мекунад. Ӯро бо шахсияти худ, ормонҳо ва гирудори замон, ки аз дилаш мегузаранд, ошно месозад. Шикофи дунёи пора-пораи аз дили шоир гузашта (Гейне) рамзи пайванди устувори шоир бо рӯйдоди воқеие, ки дар хислат ва шахсияти ӯ таҷассум ёфтааст.

Шахсияти Лоиқ дар ашъори ин давраинааш на фақат бо вежагӣ, нотакрорӣ, фардияти равшан, балки бо он чи ки дар он ҳаст ва ба дили мардум наздик аст, муҳиму таъмимӣ (типӣ) аст. Дар ин ҳол қаҳрамони шеър ормони шоирро таҷассум месозад, шахсияти инсонӣ ва фардияти

ҳунариашро месозад. Аз ин назар шеърҳои «Хандаи ҷонона» (1961), «Сабзаи баҳор» (1961), «Ба дустам Дӯст» (1962), «Ёди як ҳамсабақи марҳумам» (1962), «Во ҷавонӣ» (1963), «Худфурӯзӣ» (1963), «Занги охирин» (1963), «Кишвари баркамол» (1964), «Ба модарам» (1964) ва ғайра, ки дар солҳои гуногуни давраи аввали эҷодиёти шоир эҷод шудаанд, чеҳраи ҳунарии ӯро муҷассам кардаанд, ки муҳимтарин фазилати онҳо андешапарварӣ аст. Ин шеърҳо Лоиқро ҳамчун шоири андешаманд вориди майдони адабиёт намуданд.

Шеърҳои зикршуда паҳлуи дигари фардияти эҷодии Лоиқ ва табиати инсонии қаҳрамони лирикиашро ифода мекунанд, ки ба масъулияти инсонии фард таъкид дорад. Ин равиш ҷанбаи ахлоқии ашъори шоирро афзуда, бо ифодаи М.Шукуров «андешапарварӣ Лоиқро ба ҳикматомӯзӣ ва пандомӯзии классикӣ бештар наздик овардааст» (107, 128), ки реша дар суннатҳои ахлоқиии шеъри пешин дорад. Вале ин тарзи нигориши Лоиқ насиҳатпардозии хушк ва берӯҳ, ки дар шеъри тоҷикии он замон ривоҷ дошт, набуд. Ин гуна шеърҳои ӯ дар ин давраи эҷодиёташ гувоҳи онанд, ки шоир аз нақли маҳзи мазмун худдорӣ карда, гароиши бештаре ба тасвир дорад. Дар мисоли шеъри «Арча» (1961) метавон гуфт, ки дар ин шеър Лоиқ бо истифода аз забони воқеӣ бо усули бознамоии таҷрибаи ҳиссӣ ва акси табиӣ аз ашё (арча)-ро падид овардааст, ки дар оғози фаъолияташ таҷрибаи нодир аст. Лоиқ ба василаи тасвири забонӣ ва воқеии арча як тасвири содаро ба вуҷуд овардааст, ки дар ҳофизаи мо сабт шуда ва аз тариқи идроки калимаи арча сурати он дар зеҳн пайдо мешавад. Чунончи:

Дар кӯҳ варо на боғбон биншондаст,
На об ба вай додаю на парвардаст.
Ҳайрат бибарад маро ҳамеша, ёрон:
Ин гуна чӣ қувва бехазонаш кардаст?

Ин арча ба рӯи санги сахту сари кӯҳ
Худ рӯйидаасту реша бар шах мондаст.

Ҳоҷат ба касе набурда, аз санги сияҳ

Рӯзии худаш ба зӯри худ бистондаст (25, 19).

Лоиқ дар ин шеър бо тасвири тахайюлӣ дунёи матлуб ва дилхоҳ офарида, падидаи нимаинсонӣ ва ниматабиии тасвири моҳияти ҳаёти маънавиии инсонро таҷассум менамояд, ки аз андарзгӯиҳои хушку берӯҳ дур аст.

Охири солҳои панҷоҳу ибтидои шасти садаи гузашта тарзи нигориши ситоишу накӯҳиш, ки ба биниши сиёсиву ҳизбӣ асос ёфта буд, дар шеър нуфузи бештаре дошт. Бештарини шоирон кӯшиши тасвири ҳақиқати воқеиро надоштанд, балки вобаста ба фармудаҳои сиёсати давр ва ҳадафҳои идеологии табақотӣ таърифу тавсиф ва маломату мазамматро маҳаки тасвир ва арзёбӣ қарор дода буданд. Ин биниш ва тарзи тасвир шеъри тоҷикиро аз роҳи суннатии пешрафт то ҷое боз дошт. «Номатлубтарин паёмади ин равиш арзёбии ғаразноки гузашта ва ҳукми қатъии нигилистона буд, ки дар осори ҳамаи шоирон» (101,424) мавқеъ дошт. Ҳатто ин равиш ҷойи бисёре аз жанрҳои суннатии классикиро дар шеър танг кард ва ба таъбири Акбари Турсони Набипур, зери «таҳдиди идеологии «қизилбошон»-и адабиёти Шӯравӣ» (74,17) адабиётро аз роҳи табиии инкишоф берун бурд.

Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ дар қаринаи он замонии шеъри тоҷикӣ аз шахсиятҳое буданд, ки дидгоҳҳои ҳунариро бо таҷрибаашон тағйир доданд. Ҳар ду нахуст тарзи бархӯрдро ба воқеият дигар карда, минбаъд ба баёни мавзӯъҳои тоза ва тасвири мушаххас сахт гароиш пайдо карданд. Шинохти воқеъбинонаи ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақҷӯиву ҳақгӯӣ низ меъёри диди бадеии онҳо гардид.

Лоиқ ҳамеша вазъи адабиро, ки тобеъи рӯҳи замон буд, хуб дарк мекард. Шояд ба сабаби ҷавонӣ ва камтаҷрибагӣ ба умқи ҳаводиси муҳими адабӣ намерасид. Вале як нукта яқин буд, ки ҷараёни умумии воқеият ва таҳаввули онҳоро дуруст дарёфта буд ва ин аз бисёр ҷиҳат ба усули интихоби мавзӯъ афзоиши ғоя ва инъикоси онҳо дар шеъраш таъсир ҳам гузошт. Аз ин ҷиҳат, бурду бохти ашъори маҷмӯаи

аввалинаш дар кадом сатҳу савия бошанд ҳам, як чиз муҳаққақ ва бебаҳс аст: Лоиқро табъи салим, диди хос ва тарзи нави интихоб ва тасвири мавзӯъу муҳимияти ҳадаф ва идроки бадеӣ ба майдони адабиёт кашид. Ба ин далел, ба андешаи мо аз маҷмӯаи «Сари сабз» берун мондани баъзе шеърҳои аввалини шоир ба завқ ва диди интихобии шоир вобаста аст. Вале ин гуна шеърҳо мебоист дар «Куллиёт»-и Лоиқ пурра фароҳам меомад, то заминаро барои таҳқиқи қиёсии ҷомеъи осори шоир фароҳам месохт.

Мо дар заминаи шеъри танзомези «Наказ аз дилбари депутатам», ки аз «Куллиёт»-и шоир берун мондааст, чанд нуктаро баён карданием. Ин шеър бори аввал 18-уми майи соли 2006 дар рӯзномаи «Тоҷикистон» ба чоп расида, санаи таълифи он 18-уми майи соли 1966 зикр шудааст. Шоир ин шеърро дар рӯзҳои хизматаш дар аскарӣ навишта, ҳамчун «як шеъри саридастӣ» ба дӯсташ Абдунабӣ Сатторзода фиристода будааст. Ангезаи эҷоди ин шеър, ки шоир дар номаи ба дӯсташ ирсолшуда зикр карда, он будааст, ки қуттии меваҳои дӯсташ фиристодаро «хеле дер, пас аз як моҳ ба ӯ расонидаанд»(192).

Ин шеър ва бисёре аз шеърҳои дар маҷмӯаи «Сари сабз» гирдомада, собит месозанд, ки «ба эҷодиёти бадеӣ, на фақат чизҳои дида, балки фаъолона даркшуда ва аз сар гузаштаи ҳунарманд, ки ӯро ба ҳаяҷон оварда ҷузъи «ман»-и рӯҳониаш қарор гирифтаанд, таъсир мегузоранд» (139, 85).

Воқеан ҳам ин тарзи идроки бадеӣ аз оғоз суннати эҷодии Лоиқ будааст. Таъсирпазирӣ аз воқеиятҳои зиндагӣ ва аз он чи ки на фақат шоир онро дида, балки аз сар гузаронидаасту дарк кардааст, усули идроки бадеӣ ва тарзи нигориши Лоиқро муайян мекунад, ки дар шеъри тоҷикии он солҳо ҳодисаи нав буд. Ҳамчунон ки А.Сатторзода зикр кардааст, «дар ин шеъри нимшӯхию нимҷиддии Лоиқ фазои хафақонии маъмули хизмати ҳарбӣ дар сафи артиши Шӯравӣ, хусусан барои мисли шоир касоне «бо табъи суханпардози нозук», ки ҳам дар ҳунар ва

ҳам дар зиндагӣ озодиро болотар аз ҳама чиз медонистанд, хеле хуб бозтоб ёфтааст» (192).

Дар ин шеър Лоиқ танзомез аз гушнамонданҳояш, шабҳо «часовой» истоданҳояш, аз «наряд», аз кашокашҳояш дар аскарӣ ёд оварда, ба дилбари депутаташ наказ додааст, ки чун бар «Ту» (самолёт) нишаставу ба Маскав, ба қасри Кремл барои иштирок дар съезди навбатӣ равад, дар бехи гӯши вазири мудофиаи онвақта Малиновский, раиси Шӯрои вазирон Косигин ва котиби генералии бюрои сиёсии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ Брежнев бигӯяд, «ки дар баҳри Сиёҳ ғарқ аст Лоиқ» ва ӯро-«девонаи нағз»-ро бояд «аз дасти пехота» озод намуд. Лоиқ дар хитоб ба дилбари депутаташ қавл додааст, ки:

Агар озод созадам, бубахшам
Ба КМ ним қасида, ним рубоӣ (192).

Фикри эҷоди ин шеъри ба таъбири шоир «оптимистонаи замонавӣ», гумони ғолиб сирф вақте ки чашми шоир ба тасвири рӯи конверт-акси Қасри съездҳои Кремл мерасад, пайдо шудааст. Вале он шеър дар зимн масхараи ғайримустақими мунаққидон ва адибонеро дар худ дорад, ки он рӯзҳо шоирони ҷавоне, мисли Лоиқро ба гуфтани «шеърҳои оптимистонаи замонавӣ» дар ҳаққи қаҳрамонони он даврон, аз ҷумла депутатҳо даъват менамуданд ва намунаҳои он гуна «шеърҳоро» ба назм медароварданд.

А.Сатторзода арзиши шеъри «Наказ ба дилбари депутатам»-ро дар ҷанбаи ҳунарии он надида, таъкид мекунад, ки дар ин шеър «чеҳраи басо зиндаи ӯ (Лоиқ- Х.Р.» ба ҳайси як фарди нотакрори зиндадил, шахсияти хориқулодаи адабию фарҳангӣ, шоири тавонои навпардоз ва дӯсти самимии ҷонӣ ҷилвагар мебошад ва барои шинохти хубтару беҳтари ҳунари ӯ ва худи ӯ мадад мерасонад» (192).

Ин ва бисёре аз шеърҳое, ки дар маҷмӯаи нахустини ӯ гирд омадаанд, маҳсули давраи аввали эҷодиёти шоир буда, гувоҳи хусусиятҳои хоси тафаккури шоиронаи ӯ дар дарк ва таҷассуми бадеии воқеияти он солҳост. Албатта, шеърҳои ин давраи эҷодиёти шоирро

ҳамчун маҳсули эҷодии шоири ҷавоне бояд шинохт, ки ҳоло дар инъикоси бадеии воқеияти зиндагӣ мустақилияти комили ҳунарӣ надошта, зери таъсири суннатҳои шоеъи адабиёти он рӯз қарор дорад. Бахусус дар гуфтани шеъри лирикӣ, ки мухтавогароӣ ва тавсифу тамҷид дар он нуфуз дошт. Ин равиш дар шеъри солҳои панҷоҳи адабиёти тоҷик ба суннат табдил ёфта буд, ки таъсири он дар эҷодиёти шоирони тавонояммон М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, М. Миршакар ва насли баъдӣ, аз ҷумла М. Қаноат, У. Раҷаб, А. Қаҳҳорӣ ва дигарон чашмгир аст.

Лоиқ аз таъсири ин ҷараён эмин набуд. Вале ҳеҷ кас ҳукм карда наметавонад, ки шеърҳои маҷмӯаи аввали ӯ фардияти эҷодиашро ифода карда наметавонад. Фардияти эҷодӣ ва ҳунари шоирии ӯ, пеш аз ҳама, дар тарзи инъикоси баъзе мавзӯъҳо ва савтҳое, ки дар давраҳои баъдии эҷодиёташ ташаккул ва таҳаввул ёфтаанд, зоҳир мешавад ва суннати шеърияти осори ӯро ташкил медиҳанд. Ин равиши эҷодии шоирро тамоюлҳои ҳанӯз комилан шаклнагирифтаи мавқеияти фалсафиву зебоишинохтии муаллиф ва нуфузи тасвири ҳиссӣ дар заминаи таҷрибаи шахсӣ муайян мекунад. Ин таҷрибаи Лоиқ ашъори лирикии индавраинаашро аз маҷрои суннатӣ берун намекашад, вале ҳатто дар маҷрои суннатӣ ҳам оҳанги хос ва садои нотакрори соҳибашон фарқкунанда аст.

Мухтавои асосии маҷмӯаи «Сари сабз»-ро мавзӯъҳои анъанавии шеъри он рӯзгор ташкил медиҳад, ки иборат аст аз ишқ, яъс, дилмонӣ, ғояти ноумедӣ, ифтихор, масъалаҳои иҷтимоӣ, табиат ва ғайраҳо. Дар ин гуна шеърҳо кайфият ва ҳолати рӯҳии шоир (ва қаҳрамони лирикӣ), ки маҳсули таҷрибаи зиндагии шоир (шахсӣ ва ҷамъиятӣ) ҳастанд, инъикос ёфтаанд ва бесабаб нест, ки шоир шеърҳои маҷмӯаро ба бахшҳои «Умедҳо», «Солҳои студентӣ» ва «Худафрӯзӣ» қисматбандӣ кардааст.

Дар шинохти шоирии Лоиқ худи таҷриба, чун қоида, набояд тасвир шавад, вай аз матни шеър берун аст. Дар даврае, ки шеър ба

сармақолаи рӯзнома монанд шуда буд ва аксаран ахбори хушку берӯҳро мемонд, Лоиқ бо ин усул ба шеъри лирикӣ ҷон бахшид, ҳарчанд дар аксар мавридҳо мавҳумнигориву муҷаррадбаёнӣ низ дар ин гуна шеърҳои ин давраи эҷодиёташ ҷой дошт. Дар ин қабил шеърҳо аҳамияти категорияҳои замон, макон ва амал гоҳе ҳеҷ аст. Ҳамаи хусусиятҳои зикршуда дар шеъри ин замонии шоир тамаркуз ёфта, равиши минбаъдаи эҷодиёташро муайян намудаанд.

Тафовут ва худхосагии нахустшеъри ӯ «Ном» ва шеърҳои дигари маҷмӯаи аввалаш, аз ҷумла «Зарафшон», «Хандаи ҷонон», «Меҳр ва зар», «Сабзаи баҳор», «Ба дӯстам Дӯст», «Ёди як ҳамсабақи марҳумам», «Достони нотамом» дар он аст, ки ҳодисаи ҳиссӣ дар ин гуна шеърҳо ҳам маҳсули таҷриба аст ва ҳам тахайюл.

Ба назар чунин мерасад, ки шоир гӯё дидаву дониста то ҷое ҷаҳони воқеиро аз низоми бадеии ашъори онзамониаш берун андохта, онро бо тахайюл, умедҳо, ёдвора ва худафрӯзиҳо иваз кардааст, ки низ ҳис дар онҳо нисбат ба воқеият нуфуз дорад.

Шеърҳое, ки дар бахши «Умедҳо»-и маҷмӯаи «Сари сабз» омадаанд, аз тахайюлоти созандаи умедпарвар саршор буда, сарманшаъи онҳо зиндагии воқеии инсон аст. Ин шеърҳо таҷассуми саҳнаҳои пурҳиссиёти умедпарвар ва худафрӯзиҳои шоир буда, дар аксари мавридҳо ба ёдвораҳои шоирона дохил мешаванд. Ин ёдвораҳои хос аст, зеро чунон ки дар шеъри то солҳои шаст расм буд, аз назари ботинии шоир одамон, рӯйдодҳо ва ҳолатҳо нагузашта, балки ҳис, таассурот, умеду орзу ва рӯъё андешаи ӯро бо гузашта, имрӯз ва оянда мепайвандад. Албатта, ин таҷрибаи шоирии Лоиқ аз фаъолияти эҷодии насли пешин (пешкисватонаш), бахусус М. Турсунзода, М. Қаноат, А. Шукӯҳӣ ва чанд тани дигар ҷудо набуд, вале дар ин равиш усули ҷаҳоншиносӣ ва зебоишиносии Лоиқ фарқи ҷиддӣ дошт. Дар таҷрибаи насли пеш аз худаш Лоиқ воқеияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва тарҷумаиҳолӣ омили муҳимми низоми мундариҷавӣ ва зебоишинохтии шеър аст. Паҳлуҳои мусбат ва манфии ин таҷриба мавзӯи баҳси

ҷудогона буда, алҳол метавон гуфт, ки Лоиқ тавонист бо аввалин шеърҳояш нокоромадии ин таҷрибаро собит кунад.

Дар ашъори лирикии индавраинаи Лоиқ ҷиҳатгирии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва равиши тарҷумаиҳолӣ ба назар намерасад, балки ҷаҳони эҳсосҳо, таассурот, умеду орзуҳо ва худафрӯзиҳо тарзи диди бадеӣ ва арзёбиҳояшро муайян кардаанд. Бинобар ин, метавон хулоса кард, ки дар ниҳояти кор ғояҳо, тасвирҳо (бадеӣ ва шеърӣ) ва мундариҷаи ҳиссии ашъори шоир сарманшаи воқеӣ дошта, бархӯрд бо онҳо ангезандаи тахайюли шоир аст. Аз ин ҷиҳат, одамон, рӯйдодҳо ва ашёҳо дар шеъри ӯ ҳамчун василаи андеша, ҳис ва таассурот ёд мешаванд, на ба сифати сарчашмаи асосӣ. Чунин мавқеъгирии дурусти ӯро шеърҳои «Ёди як ҳамсабақи марҳумам», «Кишвари баркамол», «Сатрҳои нотамом» ва ғайра тасдиқ менамоянд, ки дар ин миён шеъри «Ёди як ҳамсабақи марҳумам» аз бисёр ҷиҳат ҷолиб ва муассир аст. Ин шеър марсия аст ва онро Лоиқ дар марги нобаҳангоми ҳамсабақи марҳумаш, ки «бозуи кӯҳбарандози ҷавонии» ӯро «хоки сияҳ пинҳон кард» сурудааст.

Ин марсия андешаи шоир, муколама дар боби зиндагиву марг аст. Шоир дар назари аввал гӯё фақат ба ҳамсабақи ҷавонмаргаш муроҷиат мекунад, вале маънӣ ва мазмуни шеър тадриҷан вусъат ёфта, онро аз ёдвораи шоирона ба васиятномаи хосе, ки на фақат ба дӯстон, балки хитоб ба муосирону пасояндагон низ ҳаст, табдил медиҳад. Ба ин маънӣ, ин марсия пайванд мехӯрад бо марсияҳои минбаъдаи ӯ, аз ҷумла «Марсияи Хуршед», «Қатли дарё», «Ситораҳои сӯхта», «Ба хотираи Ғоиб Сафарзода», «Гиряи хоҳар бар марги додари аскараш», «Мадҳияи аҷал», «Китобҳои шаҳид», «Дар ҷанозаи ҳамсолам», «Падарам, во падарам», «Марсияи Ҷамшед», «Чашмони Олимпур» ва ғайра, ки дар маркази ҳамаи онҳо на фақат арзёбии зистан, балки қадршиносии шахсият, нақши ӯ дар зиндагии гузарон меистад. Ба ифодаи дигар, Лоиқ сохтор ва мундариҷаи марсияро аз оғоз дигар кард, ки таҳқиқи

алоҳидаро тақозо мекунад. Алҳол чанд нуктаро доир ба марсияи дар боло зикршуда баён карданиям.

Дар марсияи «Ёди як ҳамсабақам» шоир маънан ба гузашта муроҷиат мекунад ва ёдвораҳои талху ширине, ки ӯро бо ҳамсабақаш мепайванданд, ба ёд меорад:

Ёд дорам, ки ба ангушти ишорат рӯзе
Духтареро ба қади роҳ нишонам дода,
Гуфт:ваҳ, ошиқи ӯям, хабараш нест аз ин
Меҳраш андар дилу ҷон сӯзи ниҳонам дода (25, 20).

Ин ёдвора дар ҳис ва андешаи шоир таассуроти алоқаманд ба имрӯзро бедор месозад, ки хеле дарднок аст. Ин ду ҳолати дарёфти шоирона аз муколамаи ботинӣ, ҳисобот барои худ ба дӯстон (хонандагон) интиқол ёфта, гузаштаро ба имрӯз ва оянда мепайвандад. Унсурҳои замонӣ дар марсия ба ҳам омезиш ёфта, яке дигареро тақвият мебахшад. Ин омил матнро пурмаънӣ карда, таносуби мазмуну мундариҷа ва сохтори марсияро қавӣ месозад. Хусусияти дигари ин марсияро талоши шоир барои ифодаи шоиронаи усули бисёровозӣ муайян мекунад, ки шароити баён ва тасвири маҷмӯи таассуроти ба ҳам зидро фароҳам овардааст. Ба ин далел марсия таассуроти саъб (душвор)-и шахсияти андешаманд (шоир), ҷаҳони маънавии пуробурангро, ки паси ҳар вожа ва сатр ҷорист, фаро мегирад, ки тарзи ифодаи он низ ҳунармандона мебошад.

Шоир зиндагии ботинии «шохи шикаста зи тани нахли бузург», «ду лаби нодида зи ҷонон бӯса»-ро (25, 21), ки пур аз тазодҳост, дар тағйир ва таҳаввул тасвир мекунад, ки моҳияти он бо арзиши ҷон ва талош барои ҳастии пурмаъниву судманд (барои худ ва ҷомеа) андоза карда мешавад. Ба ин тартиб, занҷираи тазодҳои ҳиссӣ, ақлӣ ва рӯҳиву ҷисмонӣ дар марсия шакл гирифта, паси ҳар сатр (ишқи нокоми дирӯза, дар «мавсими гулбоз» ёри нав ёфтани маъшуқе, ки ошиқи дирӯзааш ҷавонмарг шудааст ва дарду алами ҷубронноназири ҳамсабақ (шоир) аз он ки «кас ошиқ шаваду васл» надида бимирад (25,21) ҷорӣ мешавад ва ба андешаи ҷомеъи шоир маънии зиндагисоз мебахшад.

Чизи дигари муҳим дар ин марсия, ки минбаъд ба ин намуди шеър дар эҷодиёти шоир хусусияти хос бахшидааст, он аст, ки тазодҳо дар марсия ба таври алоҳида ҷудо карда нашудаанд, балки онҳо дар тасвири шоир омили рӯҳӣ ва маънавие будаанд, ки маҷрои андешаи ӯро аз гузашта (дирӯзи сарнавишти ҷавони «лаззати зиндагию рӯйи ҷаҳон нодида) ба имрӯз («ғӯраи сармозодаи фасли баҳор») мепайвандад. Аз ин ҷиҳат, маҷрои андешаи шоир аз гузашта ба имрӯз, аз шоир ба хонанда, аз як образи шоирона ба дигаре дар марсия хеле табиӣ ва воқеӣ буда, ба мухотабон таассуроти комил ва табиӣ мебахшад. Як образи шеърӣ аз қаъри андеша берун омада, гӯё ғайриихтиёр дигареро, ки ботинан ба пешина пайванд мехӯрад, такмил мебахшад. Ба ин тартиб, аз эҳсоси ҳолати –«кас ошиқ шаваду васл набинад, мирад» (25,21) шоир таҷриба кардааст, то умеди «роҳрави роҳи ҷавонист, ҷаҳон дар сари кор» (25, 21) дар марсия табиӣ ва таъсиргузор ба тасвир омада, баёнгари маҳорати Лоиқ дар оғози давраи эҷодиёташ дар сурудани ин навъи шеър мебошад.

Марсияи зикршуда чеҳраи шоири ғамзада ва ҳамкурси ғурамаргро, ки бо реҳлати нобаҳангом ҳамчун «мисраи вирднагардида» ва «лаззати нӯшлаби дилбару оғӯшу канор» нодида дар ёд мондааст, ба таври сода ва табиӣ муҷассам месозад. Дарди шоир таъмимӣ (типӣ) буда, бо гузашти замон таъсири он бар дилу рӯҳи мухотабон кам намешавад. Аз ҳасрати шоир бармеояд, ки хилқати инсонии Лоиқ дар мисоли ин марсия хеле мутаассир аз даргузашти дӯсти ҷавонмаргаш аст ва метавон гуфт, ки шоир ба сарнавишти инсонҳо бепарво набуд. Бинобар ин барои ӯ аз даст додани як инсони ноком андешидан дар бораи мавҷуде азиз аст, ки то аъмоқи вуҷуд ӯро гудохтааст.

Лоиқ бо таълифи ин марсия, ки аз аввалин озмоишҳои ӯ дар ин намуди шеър аст, консепсияи дарки хоси фоҷиаи шахсӣ ва пайванди моҳияти онро ба сарнавишти инсонҳо матраҳ карда, таҳким бахшидааст. Тарзи андеша ва тасвиру тафсири ӯ дар ин боб дар назми муосири тоҷик билкул бесобиқа аст. Шоир аз маҳдудаи қолабҳои суннатии марсиясароӣ

берун баромада, ҳама чизро дар пеши ҳастии инсонии ҳамсабақаш беқадр таъбир мекунад. Аз нигоҳи ӯ «ҷаҳон дар сари кор» бошад ҳам, дигар он «ангушти ишорат», «духтари тамкинпараст», ишқи «ҳолию ҳозирбин», «рӯҳи ҷавон» ва «дили хомӯшшуда» бозпас намеояд. Яъне ҳама чизро, ки ёди ҳамсабақ медиҳад, шоир рафта меангорад. Шоир дар ин марсия аз масири таслим ва ризо берун меояд ва мусибати марги як инсонро ҷуброннопазир таъбир мекунад, ки дар роҳи дарки моҳияти иҷтимоӣ ва фалсафии маргу зист низ равиши тоза аст.

Ҳамин тариқ, умед, ёдвора ва худафрӯзӣ дар шеъри Лоиқ мафҳумҳои шартии поэтикӣ ва воқеиву муҳим буда, паҳлуи дигари фаъолияти шоир, тасвир ва инъикоси рӯйдодҳо ва вазъиятҳои мушаххаси ҳаёти шахсии ӯро фаро мегиранд, ки аз аввалин шеърҳояш шурӯъ шуда, минбаъд ташаккул ва таҳаввул ёфтааст.

Табиист, ки ҳарчанд бисёре аз шеърҳои маҷмӯаи аввали Лоиқ шогирдона ҳастанд, вале тасвир дар онҳо тавсифӣ ва гузоришӣ нест, ҳамчунон ки дар шеъри тоҷикии солҳои панҷоҳ ба назар мерасад. Тасвир дар шеъри Лоиқ баёнгари эҳсос ва отифаи шахсии ҳунарманд аст. Ин тарзи тасвир, албатта дар адабиёти дунё, аз ҷумла шеъри рус ва Эрон мустаъмал аст ва ҳадафи он ин аст, ки рози ашёро аз раҳгузари изҳороти шахсӣ баён кунад ва маънои онро аз ин роҳ нишон диҳад. Шоир дар ин тарзи эҷод на ба зеҳни мантиқӣ ва нирӯи ақлонӣ, балки ба биниш, силсилаи хулосаҳои ҷомеъ ва ҳавосу авотиф такя меҷӯяд. Дар ин ҳол Лоиқ танҳо ба воситаи таҷрибаи шахсӣ ва тахайюлӣ тавонистааст, ки роҳи ҳис ва андешаашро баён кунад. Ҳамчунон ки муҳаққиқон низ таъкид варзидаанд, «таъбири як шайъ бидуни тасарруфи отифӣ дар он мумкин нест» (145, 139). Аз ин ҷиҳат, тасвирҳои Лоиқ дар беҳтарин шеърҳои давраи аввали эҷодиёташ аксаран ҳомили авотифи шахсии ӯянд, бинобар ин хоси ӯ буда, ранги махсуси шахсият ва ҳувияти фардии ӯро доранд.

Ранги махсуси шахсият ва ҳувияти фардии Лоиқ дар аввалин шеърҳояш чашмрас ва ба тарзҳои гуногун зоҳир шудааст. Масалан

баҳор, борон, тирамоҳ ва унсурҳои марбут ба онҳо маҳбубтарин ва роиҷтарин тасвирҳо дар шеъри давраҳои аввал ва баъдии Лоиқ аст. Лоиқ аз ин мафҳумҳо эҳсос ва ифодаи хоси худро дорад, ки ҳосили зеҳният ва нигариши шахсии ӯст, ки тарзи фардии нигориши ӯро сохтааст. Ба таври куллӣ дар шеъри «Сабзаи баҳор» (1961), тасвири дилчаспу нишотангези баҳори боронӣ, ҳамчун омили нумӯи сабзаву гул, лутфи ӯву висоли ёр ва сармастии мардум тарсим шуда, бо муҳокоти олидараҷа омезиш ёфтааст. Шоир ҷузъиёти ҳолатро як-як корбаст карда, ба тавре баён намудааст, ки манзара пеши чашм зинда мегардад. Дар баҳори шеъри Лоиқ табиат дар кори хеш аст:

Резаборон ба замин фасли баҳорон борид,
Ба рухи поки замин донаи марҷон борид.
Зарраи ҷон ба тани навгули хандон борид,
Лек борони муҳаббат нанамудам ҳунаре (25, 19).

Дар ин шеър дили шоир нигарони лутфи ёр аст. Баҳор дар биниши Лоиқ намуди вазъияте саршор аз муҳаббати поку беолоиш аст, ки шоир аз он умеди висол дорад. Чун баҳор аст «сабзаи ишқ аст ба ёди самаре» (25,19). Хулоса, баҳори Лоиқ дар ин шеър як вазъияти ҳам душвор, ҳам умедворкунанда аст, ки аз биниш, эҳсос ва андешаи соҳибаш ба таври мушаххас дарак медиҳад.

Маҷмӯаи нахустини Лоиқро алоқамандони адабиёт ва хонандагон хуш истиқбол карданд ва аз ҷониби мунаққидон ва доираҳои адабӣ баҳои баланд ҳам гирифт. Махсусан шеъри «Ба модарам», ки маҷмӯаи «Сари сабз» бо он хатм мешуд, барои муҳити адабӣ ғайриинтизор буд. Ин шеър ва бисёре аз дигар шеърҳои маҷмӯа собит кард, ки ба ҳар як ашёи моддӣ ва воқеоту ҳодисоти ҳаёт бо дидаи ибрат нигаристан, лафзи андаку маънии бисёрро ба ҳам қарин гардондани адиби тозанафас ва аз лиҳози тозагии мазмун, нафосати баланди шеърӣ, шакл, тарзи баён, бадеиёт, ба вижа ташбеҳу истиораҳои тозаю тасвирҳои нав ҷолиб будани шеъри ӯ аз мухтассоти ҳунар ва ҳувияти фардии шоирии ӯст.

Ҳамин тариқ, Лоиқро истеъдоди фитрӣ, ҳисси масъулият, рисолати шоириву инсонӣ, дарки эҳтиёҷи маънавии ҷомеа ба майдони адабиёт кашид ва нoвобаста ба талаботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фишорҳову монеаҳои идеологӣ дар давраи аввали эҷодиёташ бо сабку салиқа ва фардияти хоси эҷодӣ ба майдони адабиёт омад ва бо биниши тоза, ифодаи мавзуоти муҳим ва тасвиркориҳои ҷолиб чеҳраи ҳунариашро мушаххас намуд.

## БОБИ II
## ХУСУСИЯТҲОИ ЭҶОДИЁТ ВА ҲУНАРИ ШОИРИИ ЛОИҚ

Дигаргунии асосие, ки дар шеъри тоҷикии солҳои шасту ҳафтод ва баъди он ба вуҷуд омад, ба тағйири дидгоҳҳои ҳунарӣ ва таҷрибаҳои шоирӣ дар корбурди мавзӯву муҳтаво ва натиҷагириҳои ғоявӣ вобаста мебошад. Шеъри тоҷикӣ тадриҷан аз умумигӯйӣ, ки аз осори таърихиву фарҳангӣ фарқе надошт, озод шуда, шоирон кӯшиш мекарданд, ки то андозае «мутобиқи мушаххасоти рӯҳии худ ва бар ҳасби зарурат ё ҳақиқатнамоӣ (ҳақиқатмонандӣ)» (Арасту) шеър гӯянд. Ба мушоҳидаи А.Сатторов «таваҷҷуҳи шоирон ба тасвири ҳаматарафа ва доманадори олами бойи маънавии инсони муосир, ҷаҳони мураккаби он, мавқеи вай дар зиндагӣ, муносибати вай бо табиат ва ҷамъият; ба дарки маънии зиндагӣ ва диалектикаи инкишофи халқу кишвар, аз ҷумла корномаю диловариҳои фарзандони он, баёни ибратбахши саҳифаҳои дурахшону драматикии собиқи он, маданияти гузашта ва имрӯзаи вай, тадқиқи ҷиддӣ ва амиқи ҳаёти реалӣ, дахолати фаъолона ва воқеоти муҳимми рӯз» (90, 64) аз ҷумлаи тағйироти ҷиддӣ дар равиши ташаккул ва таҳаввули шеъри муосир мебошад.

Ин дигаргунӣ якбора ба амал наомадааст, балки натиҷаи таҷрибаҳои умумии муштарак мебошад, ки шабоҳатҳои зиёде бо ҳам доранд. Муайян намудани монандиҳои таҷрибаҳои шеърии он давра ва омилҳои таъсиргузори он мавзӯи баҳси алоҳида аст. Алҳол таъкиди мо пеш аз шурӯъ ба баҳси аслӣ аз он иборат аст, ки ваҷҳи муштараки ҳамаи шоирон интихоб ва ироаи ин ё он мавзӯъ аст. Масалан интихоби мавзӯи Ватан барои тарҳи тасаввурот ва эҳсосот. Шоироне зиёде дар боби Ватан шеърҳову достонҳо гуфтаанд. Аммо ҳар кадоме аз ин мавзӯъ эҳсос ва талаққии хоси худро доштааст, ки баёнгари фардияти эҷодии онҳост. Таҷрибаи эҷодии Лоиқ дар қаринаи васеъи шеъри навини тоҷик ҷолиби диққат буда, шинохти он, пеш аз ҳама, марбут мешавад ба муайян намудани нақши ҳунарии Лоиқ дар паҳнои адабиёти тоҷик.

## II.1. МАВЗӮЪОТИ ШЕЪРИ ЛОИҚ ВА БИНИШИ ФАРДИИ Ӯ

Баррасии мавзӯии ашъори Лоиқ арзиши хоси илмию адабӣ ва маърифатӣ дошта, василаи муассири шинохт ва арзёбии фардияти эҷодии ӯ мебошад. Дар ин замина муҳаққиқон М.Шакурӣ, А. Сатторзода, Х. Шарифов, А. Ҳаким, У.Ғаффоров, Гулназар, В.Элбоев, М. Нарзиқул ва дигарон изҳори назар кардаанд. Ҳамчунин ин масъала дар тадқиқоти рисолавии унвонҷӯён Н. Ҳаётов, Н. Ҳамидов ва Р. Муталибов мавриди таваҷҷуҳ будааст. Дар аксари тадқиқоти то ҳол анҷомгирифта ҷанбаи умумии масъала, яъне таснифоти мавзӯи ашъори шоир ва муҳтавогаройии ӯ мавриди назар буда, равиши эҳсос ва талаққии хоси шоир аз назарҳо дур мондааст. Ҳол он ки шинохт ва арзёбии ин масъала дар таъйиди фардияти эҷодӣ ва нақшу ҷойгоҳи ин ё он шоир дар ҷараёни адабӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Х. Шарифов бар ин назар аст, ки «ашъори Лоиқро дар атрофи се мавзӯъ фароҳам овардан мумкин аст, ки ишқу муҳаббат ва гирифтории ӯ дар атрофи онҳост: муҳаббат ба шеър ва завқи суханварӣ; муҳаббат ба Ватан ва ҳувияти миллӣ; ишқу муҳаббати табиии инсонӣ» (102, 131). Абдуҳамид Самад афзудааст: «Ашъори устод Лоиқ тамоми мавзӯъҳо: фоҷиаҳои бузурги таърихи миллат, фарҳанг, хӯву хислати ҳамзамонон, пастиву разолат, ифтихору ғурур, ишқу муҳаббат, шодиву нишотро бо набзу тапиши дигар ба мо муаррифӣ кард» (85, 88). М. Нарзиқул чунин хулоса мекунад, ки «мавзӯоти ашъори Лоиқ ҳамон мавзӯъҳое мебошанд, ки солҳои тӯлонӣ мавриди таваҷҷуҳи бузургтарин шоирони ҳар давру замон қарор гирифта буданд, яъне Инсон ва қадру қимат ва манзалати бузурги он, ишқ, ба вижа ишқи беолоиши навъи инсон ба инсон, модар ва бахусус, шукӯҳу шаҳомати модари тоҷик, Ватану миллат, адлу дод ва умуман масоили умдаи иҷтимоӣ, панду андарз… » (75, 68). Зимни ин таснифот муҳаққиқ, аз тарафи шоир «бо диди хос ба шахси хеш» ба риштаи тасвир кашидани ин мавзӯотро таъкид

кардаасту бас. Назариётчиёни шеър дар гузашта «маонии латиф»-ро (Шамси Қайси Розӣ) ба маънии тарзи ифодаи мазмуни шеър истифода кардаанд, ки таъкид бар фардияти эҷодии шоир аст.

Ба назари мо, таъкиди он ки Лоиқ «бо набзу тапиши дигар» ё худ «бо диди хос ба шахси хеш» ба мавзӯъ таваҷҷуҳ кардааст, нақши хоси шоирро дар тасвири ин ё он мавзӯъ ба таври мушаххас муайян намекунад. Донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст дар заминаи як нақди мавзӯӣ мавзӯъҳои таърихиву миллӣ, модару зан, кӯдакӣ, ҷанг ва сулҳ, мояҳои ошиқона, васфи табиат, мазмунҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, андарзи ахлоқӣ ва динӣ-ирфониро аз мазмунҳои муҳимми шеъри Лоиқ ба шумор меоварад ва шеърҳои ба ин мавзӯъҳо бахшидаи шоирро мухтасар таҳлил мекунад. Таҳлилу нақди ӯ хусусияти иттилоотиву тавсифӣ дошта, махсусиятҳои ҳунари шоир дар ин равиш нишон дода нашудааст (103, 77-78).

Ниҳоят А.Сатторзода ишқномаҳо ва ашъори ватанхоҳию миллатдӯстиро аз муҳимтарин мавзӯъҳои осори Лоиқ таъбир намуда (25,18), баъзе хусусиятҳои усули тасвири шоирро дар замина зикр мекунад. Ҳамчунин А. Абдуманнон мавзӯъҳои модар, ёди бачагӣ, ишқ, чеҳраи шахсиятҳои таърихӣ, ватан ва забони модариро аз мушаххасоти мавзӯии эҷодиёти шоир медонад. Таҳлили ӯ низ хусусияти тавзеҳӣ дошта, мушаххасоти бадеии тасвири ин мавзӯъро муайян намекунад (42,115).

Мазмуну муҳтаво дар шеъри Лоиқ масъалаи гароиш ба шеъри асилро матраҳ месозад, ки бармегардад ба тарзи ифодаи эҳсос ва талаққии хос аз ин ё он мавзӯъ дар эҷодиёти шоир. Х.Шарифов дуруст навиштааст, ки «дар шеъри замони шӯравии тоҷикӣ мавзӯъ ва муҳтаво, мақсад ва вазифаи мақоми аввали шеъру шоирӣ шудааст. Ҳунари шоирӣ, майли андеша ва мақсади эҷодӣ аз интихобу баррасӣ ва пешниҳоди мавзӯъ ва муҳтаво иборат буд. Шахсияти шоирии Лоиқ ҳам аз муҳтавои шеъри ӯ намудор мегардад. Мавзӯъ воситаи муҳимми ибрози назар ва робитаи андеша ба воқеият, мудохилаи зеҳнию адабӣ

ба раванди ногувор ва хушиҳои рӯзгор мебошад. Таснифу таҳлили шеър ҳам дар таҳқиқу нақди адабии Тоҷикистон мавзӯӣ будааст» (102, 135)

Таҳқиқу нақди адабии мавзӯӣ, мутаассифона, аксаран хусусияти иттилоотӣ ва тавсифӣ дошт ва ба ошкор сохтани хусусиятҳои хоси ҳунари бадеии ин ё он шоир дар тасвири мавзӯъ чандон эътибор намедод. Солҳои охир ин равиш таҳаввул пайдо кард ва дар заминаи осори Лоиқ низ таҳқиқу нақди мавзӯии қобили мулоҳиза, аз ҷумла мақолаи Х.Шарифов «Шоири бузург» ба майдон омад, ки ҳамчун таҷрибаи таҳқиқ арзишманд аст.

Аксари онҳое, ки оид ба мавзӯю масъалаҳои эҷодиёти Лоиқ таҳқиқот гузаронидаанд, дар вақти таҳлил хусусияти лирикии ашъори шоирро ба назар нагирифтаанд. Ҳол он ки яке аз омилҳои муҳимми афзалияти Лоиқ дар инъикоси мавзӯву масъалаҳо вусъати беандозаи тафаккури лирикии ӯ мебошад.

Тарзи тафаккури лирикии Лоиқ ба ҳис ва андешапарварӣ асос ёфта, «шеъраш асосан аз фикру андешаи мураккаб ва пуршиддат фароҳам омадааст ва дар ин ҷараён на фақат олами маънавию ахлоқии ҳамзамонони мо, балки моҳияти иҷтимоӣ ва эҳсосоти граждании онҳо низ ифода мешавад» (108, 128).

Ин нукта ишора ба он аст, ки фарогирии ин ё он мавзӯъ дар шеър тавсиф ва гузориш нест, балки ҳунарманд ба ин васила эҳсос ва отифаи шахсиашро баён мекунад. Ин таҷриба албатта якбора ба амал наомадааст, балки ҳосили таҷрибаи адабии солҳои пешин мебошад. Дар ин равиш кӯшишҳои судманди М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, Ғ.Мирзо, М. Миршакар, А. Шакӯҳӣ ва ашхоси дигар ба ҷараёни адабӣ, аз ҷумла эҷодиёти Лоиқ бетаъсир набуд. Вале, ба қавли Гулназар, «шеърҳои лирикии устодон Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзодаро агар ба ҷӯи ороме шабоҳат диҳем, лирикаи Лоиқ ба дарёи пуртуғён ва ошӯбгар монанд аст» (56, 10). Ин гуфтаи Гулназар ишораи сареҳе ба тозакориҳои Лоиқ дорад, ки ҳам ба бозтоби мавзӯву масъалаҳо дар эҷодиёташ, ҳам фардияти эҷодиаш марбут мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки тафаккури лирикӣ, биниши тоза ва корбурди тасвирҳои пӯёву боланда, ҳамзодии эҳсосу маънӣ барои ифодаи мавзӯву масъалаҳое, ки хоси эҷодиёти Лоиқ аст, имкони бештаре фароҳам оварда ва дар ин замина шоири мо тозакориҳои ҷолибе дорад, ки фардияти эҷодӣ ва хусусиятҳои эҷодиёташро дар фосилаи солҳои навадуми садаи гузашта муайян ва мушаххас менамояд.

Бар хилофи тасвири иҷтимоигароии солҳои чилу панҷоҳ, ки бар инъикоси тавсифии мавзӯву масъалаҳо асос ёфта, таҷрибаҳои дастҷамъиро фақат тавсиф мекард ва таҷрибаи шахсии шоир камтар дар тасвир инъикос мешуд, Лоиқ ва гурӯҳи шоирони ба ифодаи ӯ ҳамовардаш тарзу тариқи дигари тасвири мавзӯву масъалаҳои муҳимро ихтиёр карданд.

Метавон гуфт, ки «ҳунар бо вуҷуди гуногуниаш дар тӯли таърих ҳамеша ду намуди куллиро дар худ доштааст: яке табиати ом ва дигаре табиати фардӣ. Табиати ом намуди муштаракоти рӯҳӣ ва отифии оммаи инсонҳост; монанди марг ва зиндагӣ, ишқ ва парастиш ва…, ки дар тамоми афроди башар ба таври яксон вуҷуд дорад. Ва табиати фардӣ намуди ҳаяҷонот ва рӯҳиёти шахсӣ аст, ки дар афрод мутафовит аст» (145, 140).

Лоиқ аз аввалин қадамҳояш рӯҳиёти амиқи шахсӣ дошт, ки ҳувияти фардияшро дар шинохти воқеият муайян мекард. Ҳарчанд таҷрибаи шоириаш умумият ва муштаракоте бо пешгузаштагону муосиронаш дошт, аммо дар шеъри «Ном», ки намунаи эҷоди аввалинаш аст, нигариши хос ва фардияти ҷудогонаи ӯ ошкор буда, нигоҳаш комилан аз дигарон фарқ дорад. Худи унвони шеър мавзӯи онро матраҳ мекунад ва шоир ба суоли чӣ гуна зинда мондану номвар шудан посухи равшан медиҳад. Ҳарчанд дар ин шеър низ мисли баъзе дигар осори индавраи шоир муҳтавогароӣ нуфуз дорад, вале тасвири воқеӣ мавзӯъро муассир сохтааст.

Дар шеър андешаҳо дар раванди пайвастае пушти ҳам чунон омадаанд, ки гӯё ҳалқаҳои дарҳам пайвастаи як занҷиранд. Андешаҳо бе

он ки аз ҳам гусаста шаванд, ҳамдигарро ҳимоят мекунанд ва такмил мебахшанд ва бори эҳсоси шоирро дӯш ба дӯш то поёни шеър мунтақил медиҳанд. Дар шеър эҳсос ва андеша ҷои тасвирро гирифта, шеър шакл мегирад. Ин рӯҳ ва эҳсоси воҳид сабаби ваҳдати миёни мундариҷа ва шакл мегардад. Ҳангоми офаридани ин шеър шоир дар фазои воҳид ва ҳолати рӯҳии воҳиде қарор мегирад ва бар шуури шоирона нигариши бофтгаро ҳоким мешавад. Дар ин бофти руҳӣ ва маънавӣ тамоми мавзӯъ ба сурати ҳоли шоир ва эҳсосу шуури ӯ дармеояд. Шоир мавзӯъро сатр ба сатр матраҳ карда, дар он фурӯ меравад ва ба тақозои хости дили хеш натиҷагирӣ мекунад.

Гар ту хоҳӣ зинда бошӣ солҳои бешумор,
Умр бинӣ ҷовидонӣ то ҷаҳон дорад бақо.
Аз таҳи дил хидмати халқу диёри хеш кун,
Сабт кун номат ба қалби мардумони бовафо (25, 17).

Мавзӯъ, андеша ва масъалаи ахлоқӣ дар ин шеър ҷузъе аз таҷрибаи зиндагӣ ва рӯҳии шоир буда, бо эҳсоси куллии шеър ҳамранг мегардад. Ҷузъҳои шеър (шуҳратталабии ҷавон, номашро дар санг ҳак кардан) аз батни эҳсоси шоир рӯйида, ҳамагӣ як ҳол ва андешаи ҳикматомези воҳидро ҳамл мекунанд.

Тафаккури лирикии шоир, эҳсоси воҳид ва таҷрибаи шеърӣ ҳамчун як ришта дар шеъри Лоиқ дар заминаи мавзӯъҳои гуногун тасвирҳоро ба ҳам пайваста, сохтори дарунии шеърҳои ӯро меофаринанд. Ҳамаи аҷзои шеър дар партави як нури отифӣ ранг мегиранд. Вақте он рӯҳ (ҳолати рӯҳӣ) поён ёфт, шеър тамом мешавад. Ин тарзи тасвир дар эҷодиёти Лоиқ тадриҷан ташаккул ва таҳаввул ёфта, шеъри ӯро аз муҳтавогароӣ мераҳонад ва тасвирҳо ва мазмунҳоро ба ҳам пайванд медиҳад. Дар ҳамин матн тарзи интихоб, арзёбӣ ва пешниҳоди мавзӯъ ҳунари шоирӣ ва фардияти эҷодии Лоиқро дар ҳама давраҳои эҷодиёташ намоёнгар аст.Мавзӯъ чеҳраи шоирии Лоиқро мушаххас месозад. Яке аз ҳамин гуна мавзӯъҳо дар эҷодиёти шоир ишқ аст.

Бештарини муҳаққиқон бар ин андеша ҳастанд, ки ишқ анвои мухталиф дорад, яъне ишқ ба Ватан, ишқ ба ҳамнавъ, ишқ ба хонавода ва фарзанд, ишқ ба ҳунар ва билохира яке аз анвои он ишқи мавриди назари Лоиқ аст, ки фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳашро дар ҷараёни адабӣ муайян мекунад.

Ин ишқ ба назар яке аз масъалаҳои сода ва табиӣ буда, ҳар мавҷуди зиндае бо тамоми зоҳиру ботини худ, ки гоҳе зебо ва гоҳи дигар фиребанда аст, дар он худнамоӣ мекунад. Ин ки дар замони зиндагӣ ва эҷоди Лоиқ навъи охири ишқ дар адабиёт хеле бузург ҷилва дода шуд, ҳодисаи одӣ нест. Вай бо тағйироти бунёдии зеҳнӣ ва идеологии ҷомеа вобастагӣ дошт, ки дар бисёр мавридҳо ин мавзӯъро аз назари ахлоқ олуда ва дилбазан сохт. Дар гузаштаи адаби мо ин навъ ишқ бузург ва арзанда шинохта намешуд. Ба андешаи Х.Шарифов «Маънии ишқ дар адабиёти муосири тоҷикӣ аз консепсияи ишқ дар адабиёти гузашта ҳатто дар маънии, чунон ки гузаштагон гуфтаанд, «ишқи маҷозӣ» ва мо онро ишқи дунявӣ мегӯем, мувофиқат надорад». Ин ишқ ба қавли ин донишманд «маънои андаке хусуситар ва шавқонитар дораду бас» (102, 135).

Дар замони мо ин ишқи дунявӣ ҳамчун ғаризае ба назар омад, ки ҳама аз он суҳбат мекунанд. Шоирони тавоно дар миёни диду водидҳояшон аз ғаризаи он бардоште ҷовидона низ кардаанд. Лоиқ аз ҷумлаи шоиронест, ки ҷилваҳои тозаи ин ғаризаи зебои инсонӣ, ин афсари зиндагониву саъодати ҷавонӣ» (Гёте) ва «кӯтоҳтарин роҳ аз қалбе ба қалбе дигар» (Морис)-ро дар шеъри имрӯз бо рангу мазмуни дигар падид овард.

Ишқи дунявӣ барои Лоиқ як таҳаввули амиқ дар роҳи шинохти ҳақиқати зиндагонӣ ва кашфи холигоҳҳои замири инсон буд. Ба назари мо, яке аз омилҳои тавоноии рӯҳ, зиндадилӣ ва ҷасорати ҳунарии Лоиқ дарёфти моҳияти инсонӣ ва созандагии ишқ буд. Ба мушоҳидаи Х.Шарифов «мавзӯи ишқро Лоиқ аз ҷумлаи розҳои хусусии мухолиф ба мавзӯоти умумию расмии давр инкишоф дод» (102, 139). А. Сатторзода

шеърҳои ошиқонаи Лоиқро зеботарин қисмати мероси адабии ӯ дониста, меафзояд, ки дар гуфтани чунин шеър «ҳунари шоирии Лоиқ, алалхусус дар солҳои 80-ум ба тамомӣ зуҳур дорад. Зебоӣ ва нотакрории шеърҳои ошиқонаи замонии шоир дар он аст, ки онҳо ҳар як дар худ як ҳолат, як рӯҳия, як манзара, як фазо, як эҳсоси муайян ва нотакрори олами ишқро шоирона ва ошиқона ва бе рӯву риё бозтоб медиҳанд. Шоир дар онҳо аз васл, ҳаҷр, дард, ҳасрат, хотирот хушиҳои ҷавониву ормонҳои пирӣ, ба сухани дигар, аз баҳору хазони ишқ, аз гулу хори ишқ, аз сӯзҳои ширину талхи ошиқон қиссаҳои ошиқонаи дарзамонӣ мекунад. Ишқияҳои шоир чунон фаровон ва чунон гуногунанд, ки ҳар каси гирифтор чизи муносиби ҳолу аҳволи хеш, мувофиқи эҳсосу андешаҳои хешро пайдо менамояд» (87,9).

Дар шинохт ва муайян кардани моҳияти шеърҳои ошиқонаи Лоиқ муҳаққиқон назари ягона надоранд. Аз ҷумла бар хилофи пайбурди болоии А.Сатторзода, Х.Шарифов миқдори ин навъи шеърҳои шоирро «чандон зиёд нест» (102, 140) мегӯяд, ки ба ҳақиқат рост намеояд. Гулназар ба ин назар аст, ки дар адабиёти садаи бисти тоҷик ҳеҷ шоире ба монанди Лоиқ ошиқонаҳои зиёде насурудааст ва бидуни тардид, ишқияҳои вай дар қиёс бо ашъори ҳамгуни дигар шоирони ишқиясаро сифатан нав буда, ҳамзамон «ба ниёзҳои хонандае, ки аз адабиёти ҳамзабонон бохабар аст, ҷавоб гуфта метавонад» (56,15).

Дарвоқеъ, шеърҳои ошиқонаи Лоиқ гуногунрангу пурмаъно ва муассир буда, ба таъкиди Ю.Акбаров дар онҳо «як ҳиссу ҳаяҷон, як лаҳзаи зебову ҳузнангези шодӣ ва азобу уқубат, ташвиш ва садои дили пурҳарорати ошиқони ҷавон бо санъати баланд ифода ёфтааст. Дар ин шеърҳо лаҳзаҳои мухталифи ҳолату вазъият, хислату характери дилдодагон ба шаклу услуб ва фикру ақидаҳои тоза ифода ёфтаанд. Шоир қариб дар ҳар шеъраш то андозае тағйир ва инкишоф ёфтани характеру ҷаҳони маънавиёти ошиқонро тараннум кардааст ва аз ин ҷиҳат аксари шеърҳои ошиқонаи ӯ (ва на фақат шеърҳои лирики

ишқиаш) давоми ҳамдигаранд, яке дигареро аз ягон ҷиҳат пурра ва саҳеҳу равшан месозанд» (46, 30-31).

Лоиқ дар як мусоҳибааш гуфта буд, ки «ишқ маънии ҳастӣ, умеди зиндагии инсон ва шинохтани қадри худи инсон аст. Одам ҳар қадар ошиқ бошад, зиндагӣ барояш ба андозае азиз ва ғанимат менамояд. Рӯзе, ки ошиқ астӣ, одамон ба назар зеботар, офтоб равшантар, боди сабо дилангезтар менамояд. Ошиқ набошӣ субҳу шомро фарқ намекунӣ:

Мардумо меган, ки ошиқӣ осунай,
Хок осунай, алови даргиронай…(159).

Тамоми шоирони дунё ишқро маънӣ кардаанд ва касе нагуфтааст, ки ишқ ба як сухан чист? Ишқ мисли рози коинот, рози ҳастӣ, рози дунёст, «Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо»:

Эй ишқ, ки бо ҳазорон чун бечунӣ,
Аз ҳар чӣ бигӯянд аз он афзунӣ.
Ҳафтоду ду миллат он чӣ гуфтанд туро,
Ҳастӣ ҳамону аз ҳама ҳам берунӣ» (159).

Дар ин мусоҳиба шоир ба суоли он ки «худатон ошиқ будаед?» посух медиҳад, ки «ошиқ будам ва чандин дарду балоҳои ишқро кашидаам» (159).

Лоиқ дар шеъраш низ ҷо-ҷо ба суоли «бо ҳазорон чун бечунӣ»-ҳои ишқ ҷавоб гуфтааст. Масалан, дар як чаҳорпорааш, ки аз тавсифи «аввали ишқ», «охири ишқ» иборат аст, бо шаш банди чаҳормисарӣ ҷавоб мегӯяд:

Аввали ишқ- осмони баланд,
Охири ишқ- хоки домангир.
Аввали ишқ-орзуҳои баланд,
Охири ишқ- орзуҳои пир.
Аввали ишқ- гулафшони баҳор,
Охири ишқ- баргрезиҳост.
Аввали ишқ-аввали дунё,
Охири ишқ-охири дунёст (25, 156).

Чаҳорпораи дигар, ки бо мисраи «Ошиқон шоирони бедевон» сар мешавад, асосан дар шарҳи калимаи ошиқон ва ҳолу ҳавои онҳост. Ин ду шеър, ки зикр шуд, барои шинохти манбаъи зеҳнии шеърҳои ишқии шоир ёрӣ мерасонанд.

В.Г.Белинский гуфта буд, ки «шахсият дар шеъри ишқӣ дар ҷои аввал меистад ва мо аз тариқи он ҳама чизро мепазирем ва дарк мекунем» (113, 260).

Хусусияти асосии ашъори ишқии Лоиқ низ ҳамин аст, яъне дари дилро ба рӯйи хонанда кушодан, ба ӯ дар бораи худ, замон ва розҳои инсонӣ чизе гуфтан ва ҳамаи инро аз қалбу рӯҳи худ гузаронидан. Рамзи таркиши дунё, ки Гёте аз дили шоир мегузаронад, алоқаи амиқи шоирро бо воқеият ба сурати маҷоз таъкид карда, ба шароити зиндагӣ, ки дар хислат ва шахсияти ӯ таҷассум меёбад, ишора мекунад. Лоиқ дар гуфтани ашъори ошиқонааш ба ҳамин усул содиқ монд. Беш аз ин, агар барои ӯ ишқ ширинтар аз изтироб буд, ба ин далел, ки замони ҳол ширинтар аз таърих буд. Лоиқ тавонист маҳз дар оинаи замон ширинтарин хушӣ ва бадтарин андӯҳ будани ишқро дарёбад ва ба тасвир гирад.

Ҳамин равиши дарки сареҳи воқеият дар замон ва макони мушаххас Лоиқро водошт, ки дар заминаи эҳсос ва андешаи фардӣ, ки ҳамагонӣ низ ҳаст, шеъри ишқӣ гӯяд. Аз ин ҷиҳат, бемуболиға, ҳамчунон ки Ю. Акбаров, Х. Шарифов ва А. Сатторзода низ пай бурдаанд, сурудаҳои ишқии шоир саромади соири нағмаҳои ӯст. Вале аксари ин гуна шеърҳояш, ки ифодагари «ман»-и ӯянд, таҷрибаи дигаронро низ фаро мегиранд, махсусан дар ашъори ишқияш. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Ризо Бароҳанист, ки мегӯяд: «Дар тамоми ин ҳолат шоир ба пуле дутарафа мемонад, ки аз як сӯи он моводи хоми табиат ҷараён меёбад ва аз сӯи дигари он махлуқоти шеърӣ. Ё шоир ҳукми корхонаеро дорад, ки дар коргоҳи заҳни худ ба ашё шакли инсонӣ мебахшад. Тавре ки ишқ ҳам ҳолати айнии худро дошта бошад ва ҳам ҳолати зеҳнии идрок ва тахайюли инсонро: ҳам худ бошад ва ҳам чизи дигар, ки инсон

аст. Ва воқеан ҳамин худ будан ва дигаре будан, айнӣ будан ва худро дар ашё ва ашёро дар худ дидан, пояҳои аслии шеър ҳастанд ва шеър вежагиҳои худро, ки иборат аз доштани дунёе аз тасвир, ташбеҳот, истиорот, сумбулҳову киноёт ва асотир аст, аз ҳамин пояҳои асосӣ ва аркони асосӣ мегирад» (160).

Лоиқ дар охири солҳои панҷоҳ ва нимаи аввали солҳои шасти садаи бист аввалин шеърҳои ошиқонаашро суруд. Замон муҳити зеҳнии шеърро зери таъсир ва хостаҳои сиёсиву худхоҳӣ нигоҳ медошт. Вале Лоиқ тавонист аз ин панҷара ба дуртар нигарад. Ӯ ҳама чизро бо чашми худ дид ва бо меъёрҳои зеҳниву ахлоқӣ ва зебоишинохтӣ андоза кард. Дар ҳоле ки ишқномаҳои Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, ба ифодаи Гулназар «ба ҷӯи ороме шабоҳат доштанд, Лоиқ тавонист «ба ҳассосияти фавқулода ва қудрати баён» ба ниёзмандиҳои даврони зиндагиаш ҷавоб гӯяд. Дунёи ба қавли Марк Ален аз маънӣ тиҳии шеъри ишқиро ғано ва зебоии дигар бахшад. Ба ифодаи дақиқтар, Лоиқ мисли Иқбол «дар заминаи анвоъ ва ақсоми эҳсосот ва авотифи башарӣ» (144, 64) мазмунҳои ошиқонаро ба шеър овард, натиҷаи таъсири онро ба шахсият ва ахлоқи худаш дар як чаҳорпора иқрор шудааст:

Ишқи ту, эй зани покизаназар,
Шоири покназар кард маро.
Қудрати шӯру шарорам бахшид,
Раҳрави роҳи ҳунар кард маро.

Он ҳама шеър, ки гуфтам дар ишқ,
Ба худо як қалам ашъори ту аст.
Аз ман осоре агар мемонад,
Ба худо як қалам ашъори ту аст.

Гар ту бишнохтиям ошиқи хеш,
Ошиқи ҷумлаи дилҳоям ман.
Гар ту бишнохтиям шоири хеш,

Шоири ҷумлаи дунёям ман (25, 178).

Дар ин ҳол Лоиқ дар шинохти фалсафаи ҳастӣ дар баландии андеша ба Муҳаммад Иқбол мерасад. Фалсафаи ҳаёт дар назари Иқбол «мубтанӣ бар фаъолияти мустамир ва аташи шавқ ва орзуст ва ин маънӣ ҷузъе аз доктринаи ишқии ӯ: бо ин ки мусталзами нороҳатӣ аст, маъазолик ҳамин нороҳатӣ ва адами оромиш аст, ки ба ҳаёт арзиш медиҳад, то идомаи онро бихоҳем» (145, 65)

Ҳамчунон ки Иқбол мегӯяд:

Ишқ аст, ки дар ҷонат ҳар кайфият ангезад,
Аз тобу таби Румӣ то ҳайрати Форобӣ.
Ин ҳарфи нишотовар мегӯяму мерақсам,
Аз ишқ дил осояд бо ин ҳама бетобӣ.
Ҳар маънии печида дар ҳарф намегунҷад,
Як лаҳза ба дил дар шав, шояд, ки ту дарёбӣ (144,168).

Ва Лоиқ низ ба маънии боло ишораи сареҳе дорад:

Дили осударо пур мавҷи тӯфон мекунӣ, эй ишқ,
Сари бедардро гардуни гардон мекунӣ, эй ишқ (25,362).

Ва ё:

То қиёми ишқи шӯридаат, эй маҳваш, набуд,
Ҳеч гаҳ дар синаи ман ин қадар оташ набуд (25, 340).

Х.Шарифов дар боби ишқияҳои Лоиқ мушоҳидаи ҷолибе дорад. Ба назари ӯ Лоиқ «дар мавзӯи ишқ такя ба завқу фаросати инсонии худ дорад, аз сарчашмаи фикрию таълимӣ ва ҳунарии касе баҳра намегирад ва ба салафҳо пушти ҳимоят намениҳад. Ӯ бо табъи саршор бар рӯи боли шавқ ва фаросати дарёфти худ ба сӯи олами маънӣ парвоз мекунад» (102,142)

Ба назари мо ин андешаи муҳаққиқ ба тамоми марҳилаҳои эҷодиёти шоир мутобиқ нест. Зеро Лоиқ баҳрабардориҳояшро аз салафҳои худ ҳамеша эътироф намудааст. Мулоҳизаи зикршуда ба давраи аввали эҷодиёти шоир мувофиқ меояд, ки бардошти шахсӣ аз «ишқҳои воқеӣ» дар шеъри индавраинаи шоир нуфуз дорад. Масалан,

Лоиқ дар маҷмӯаи «Сари сабз» мавзӯъҳои ишқиро аксаран дар заминаи фаросати дарёфти худ ба тасвир кашидааст, ки чаҳорпораи «Меҳр ва зар» аз ин ҷумла аст. Дар ин шеър бархӯрди қаҳрамони лирикӣ ба воқеияти рӯзгор ба қалам омадааст, ки аз мушоҳидаҳо ва натиҷагириҳои фардӣ маншаъ мегирад. Қаҳрамони лирикӣ аз он ки дӯстдоштааш қадри ӯро намешиносад, сахт нороҳат аст. Эҳсоси табиии дарки фосилаи ахлоқии қаҳрамон ва дӯстдоштааш шоирро ба хулосаи зер меоварад:

Гар дар назарат, ёр, манам донаи гӯгирд,
Шояд, ки шавам машъала баҳри каси раҳгум.
Дар қадр манам пораи ангишт, умедам:
Оташ шаваму гарм кунам хонаи мардум…

Соҳиб набурад нахли ҷавонро чу бараш нест,
Уммед аз он, ки бидиҳад соли дигар бор.
Аз чист, аё ёр, бигуфтӣ, ки зараш нест,
Чун нест ба ҷуз ишқ дигар давлати подор (25,19).

Дар ин тарзи идроки воқеият шоир ба ифодаи Х.Шарифов «такя ба завқу фаросати инсонии худ дорад» (102,142). Чунин тарзи нигоришро мо дар шеърҳои давраи аввали эҷодиёти шоир бештар мушоҳида мекунем, ки хусусияти муҳтавогароӣ доранд. Шеърҳои «Дидгоҳи хотира», «Дар базм», «Хотира дар пушти сурат», «Маро хушбахт кун, эй гул» ва ғайраҳо аз ин ҷумлаанд. Тафовути ишқияҳои баъдии шоир аз давраи аввал дар он аст, ки аз солҳои ҳафтод ба баъд дар тарзи нигориши ӯ тасвиркорӣ бар муҳтавогароӣ нуфуз пайдо мекунад.Илова ба ин дар ишқияҳои баъдиаш Лоиқ пироҳани хоси миллӣ пӯшонд, ки яке аз омилҳои дигари нуфуз ва афзалияти ин қабил шеърҳои муҳити адабии солҳои ҳафтоду ҳаштод ва баъди он мебошад.

Дар шеъри «Кӯзаи ормон» мо мебинем, ки дигар шоир фақат бо эҳсос коре надорад. Ин шеър намунаи муваффақи тасвири эҳсоси драматикии ошиқ аст. Ин аз фазилатҳои умумии шеъри солҳои ҳафтод ва

баъди он аст, ки бо кӯшиши Муъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир ва чанди дигар дар шеъри тоҷикӣ таҳким ёфт. А.Ҳаким (А.Ҳакимов) яке аз фазилатҳои шеъри ошиқонаи Лоиқро дар фарогирӣ ва таносуби комили эҳсос бо воқеият донистa, ин ҳодисаро омили тақвияти драматизми шеърҳои ишқии Лоиқ медонад (96, 120-121). Лоиқ ин тарзи нигоришро дар ишқияҳояш барои ифодаи мураккабиҳо ва зиддиятҳои ҳиссиёт ва андешаҳои қаҳрамони лирикиаш ҳунармандона ба кор бурдааст ва натиҷаҳои матлуб низ ба даст овардааст. Шеърҳои «Моҳии тилло» (1970), «Бо ту будам як шабе танҳо ба танҳо то саҳар» (1970), «Ишқи аввал –ғӯраи сармозада» (1970), «Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагиаш» (1972), «Ало, эй дилбари дар бехудӣ гум кардам, боз о!» (1972), «Имшаб аз кӯчаи хаёлам боз» (1973), «Ту, эй гаҳвораю тобути ишқи ман» (1974) ва ғайра, ки дар ибтидои солҳои ҳафтод навишта шудаанд, марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули ин мавзӯъро дар эҷодиёти шоир ифода мекунанд. Шоир дар ин шеърҳо, пеш аз ҳама мафтуни зебоиҳо, нафосат, дилбарӣ ва «достони ишқи инсонӣ»-и зан аст. Ба ифодаи Ю.Акбаров «барои Лоиқ маъшуқ, ки олиҳаи зебоист, тимсоли рангиниву ҷило ва нуру сафо, рамзи айёми шубобу гулчинӣ, меҳроби ойину тумори зарин (он ки инсонро аз балоҳои азим нигоҳ медорад), ишқи нахустину ибтидои инсондӯстиву хештаншиносист» (44, 39).

Вақте дар бораи шеъри ошиқонаи Лоиқ меандешем, мо бояд мутаваҷҷеҳи фардияти эҷодии ӯ шавем. Ҳоло гуфтан осон аст, ки Лоиқ абзори фарсудаи шеъри ошиқонаи аз худаш пешро, ки ба таъбири А.Ҳакимов (А.Ҳаким) «баёни мухтасари ҳиссиёти ошиқ» буд, дигар кард. Ин гуна усули ба роҳи ифодаи таассуроти фардии шахсият ё худ нақл баён кардани сарнавишт ё ормонҳои фард, ба мушоҳидаи мо омиле буд, ки шеъри тоҷикиро аз сатҳи бозҷустҳои маънавию бадеии адабиёти дунё дур дошт. Аввалин ишқияҳои Лоиқ аллакай нусхабардорӣ аз воқеият набуданд. Ӯ аз тарзи намоиши воқеияти ишқи инсонӣ парҳез кард ва ба дарки зеҳнии фарозу фуруди ин ҳодиса иқдом намуд. Дар тасвир ва таъбири мавзӯи ишқ Лоиқ ба шеваи зеҳнмеҳварӣ

такя кард ва ҳарфи худро гуфт, ки монанд ба гуфтаҳои дигарон набуд. Дар ин замина таъсирпазирии Лоиқро аз Есенин наметавон инкор кард.

Лоиқ бо ба коргирии шеваи зеҳнмеҳварӣ тавонист паёмҳои ҷаҳони ботини инсонро ба воситаи мушоҳида ва дарёфтҳои зеҳнӣ ба хонанда расонад. Роҳи судманди истифода аз ин шева дар тарзи нигориши Лоиқ баҳрабардорӣ аз «Ман»-и зеҳнӣ ё шахси аввали зеҳнии ӯ буд. Ин усул марзҳои тасвир ва андешаҳоро дар шеъри Лоиқ фарох сохт ва бешак, сабаби маҳбубияти ҳайратангези ашъори ошиқонаи ӯ гардид. Сабаби «чун осори нодири сухани бадеъ дар байни мардум машҳур» (136, 90) гардидани ишқияҳои шоирро маҳз дар ҳамин тарзи нигориш ҷуст, ки мутаассифона, ҳанӯз ба дараҷае, ки лозим аст, таҳқиқ нашудааст.

Дар ишқияҳои аввалини Лоиқ «ман»-и шеър ё қаҳрамони лирикӣ танҳо назаре буд, ки рӯйдодҳо ё амалу кирдори шахсияти лирикиро, ки дар баробари чашмони ӯ буданд, ё зистаанд, шарҳ медод. Ва ба назари мо омили ҳамон кӯтоҳӣ, ки Гулназар дар ишқияҳои Лоиқ мушоҳида кардааст, ҳамин ҳодиса аст (56, 25).

Дар шеъри «Кӯзаи ормон» шеваи «ман»-и зеҳнии муаллиф ва қаҳрамони лирикӣ ё худ шахси аввал якест ва он чи дар шеър мехонем, аз чашми ӯ гузориш мешавад. Ин ҷо шоир ба дурустӣ ё нодурустии дарунмояи шеър (ҳатто тасвир) кор надорад. Акнун меъёри қазоват дигар аст: агар «ман» муътод аст, ҷаҳон (ҷаҳони инсон низ) аз чашми ҳассоси як мӯътод, ки худ қаҳрамони хеш (хуб ё бад, палид ё касиф) аст, дида мешавад. Инсон ва сарнавишту андешаи ӯ тарзе тасвир мешавад, ки шоир ба онҳо менигарад. Дар ин гуна шеърҳои Лоиқ (қаҳрамони лирикии мӯътод) дигар мо ба чашми ӯ мебинем, ба гӯши ӯ мешунавем ва лаззати таҷрибаи рӯҳии аз сар гузаронидаи ӯро мечашем. Шеъри «Кӯзаи ормон» нахустин таҷрибаи муваффақонаи Лоиқ дар ин самт буд. Дарунмояи шеър иборат аст аз ишқи бебарор, «ишқи лавҳсодагӣ», «муҳаббати бедоғи бачагӣ» ва ҳасрату ормони ҷигари сӯхта. Дар ин шеър сарнавишт, эҳсосу андешаи инсон аз чашми эҳсоси як муътод

мегузарад. Шоир ба он чӣ ки ба тасвир кашидааст, бепарво нест. Дар шеър Лоиқ аз тарзи тасвире кор гирифтааст, ки ба шеваи зеҳнии идроки бадеӣ комилан мувофиқат дорад. Кӯзаи тори сар, курсиҳои мактабӣ, кокули маҳину чилтор, ду милаи сиёҳу дутор, оҳанги рез-рези рухсораи чу зарварақ рахшону зарфишон[1], пешонаи чу коғази афшон ситорарез, ду чашми ду каффаи мизони ошиқӣ, мулкҳои баччагӣ, роҳҳои баччагӣ, қатори чун фасли бачагӣ зудрав, оҳанраҳи як раҳу ду хати аз ҳам ҷудо, поезди аз миёни саҳрою даштҳо, ағбаҳои саҳмгин, рахнаҳо гузашта, шоҳиди муҳаббати бедоғи баччагӣ ва ишқи лавҳсодагӣ воситаҳои зеҳние ҳастанд, ки ҳамчун шабеҳ ба намудани фоҷиаи зеҳнии рӯҳии шоир мусоидат кардаанд. Ҳамин омил аст, ки ин шеър шакли осори бадеиро гирифта ва «ҳарфӣ будани қисме аз» (Гулназар) онро беасос хонем.[1]

Дар ин шева шоир шеърҳои зиёде гуфтааст, ки «Ҳусн», «Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагиаш», «Кабӯтарҳо», «Дар Варзоб», «Дар тобу табат бинам», «Дар он соат», «Ошиқон шоирони бедевон», «Духтари хоназоди хатлонӣ», «Оваҳ, оваҳ, чӣ тирамоҳе буд», «Оҳ, эй зан, зани оташбунёд», «Аввали ишқ- осмони баланд», «Дуо», «Номаҳоят», «Ғурби офтоби

---

*1.Гулназар таъкид менамояд, ки «боре шодравон Тӯрақул Зеҳнӣ бахшида ба эҷодиёти Лоиқ мақолае овард. Тақрибан соли 1968 буд ва ман дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекардам. Муаллиф дар мақола ҷо-ҷо Лоиқро сарзаниш мекард, ки вазнро риоя намекунад, калимаҳоро ноҷо истифода мекунад ва ғайраҳо. Як байти Лоиқ, ки дар ёд буд, ба устод Зеҳнӣ хондам.*

*Рухсораат чу зарварақ, рахшону зарфишон,*
*Пешоният чу когази афшон ситорарез.*

*Ва гуфтам: «мисраи аввалӣ фаҳмост. Аммо дар мисраи дувум пешонаро когази афшон ва ситорарез гуфтан чӣ маъно дорад?*

*Устод Зеҳнӣ, ки аслан шеъри нав ва гӯяндагони онро дӯст намедоштанд, ғайри чашмдошт дар ҷавоб гуфтанд: «Дар қадим зарандуд мавҷуд буд ва ин ташбеҳи Лоиқ дуруст аст»(56,24)*

ҳуснат омад», «Дидам ӯро боз баъди  чанд сол», «Дар буттаҳои гул нашкуфта ғунчаат» ва даҳҳои дигар аз ҷумлаи онҳост.

Баъзе аз муҳаққиқон, аз ҷумла А. Сатторов комёбиҳои Лоиқро  дар гуфтани  шеъри ишқӣ ба таъсирпазирии ӯ аз Есенин алоқаманд медонанд. Шоир ин баҳрабардориро иқрор карда, меафзояд, ки «мумкин аст дар як байт ҳам таъсири  Есенин бошаду ҳам Соиб» . Шеъри мақбул ба гуфтаи ӯ «гоҳ ба хонанда Есенину Соиб, гаҳ-гоҳ Рӯдакиву Ҳофизро ёд меорад» (87, 12). Дар ин боб як  ишораи ҷолиби Лоиқ аст, ки хеле  пештар гуфта буд. Вай дар як  мусоҳибаи ихтисосӣ ба мухбири рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба суоли «агар шумо моҳии тилло медоштед, аз  ӯ чӣ бозхост мекардед?»  чунин  посух  додааст: «… Мехостам ӯ Есенинро ҷон бахшад ва ба Душанбе оварад. Ва мо  бо ҳам ҷоме  бардошта,  аз гардани ҳамдигар  оғӯш карда, гашту гузор мекардем ва ман «Савтҳои форсӣ»-ро  ба форсӣ барояш мехондам  ва мегуфтам: ту моро ба дарди ишқ ва дарди шеър ошно кардӣ» (159). Ин иқрори  Лоиқ  андешаи зерини Гулназарро қувват мебахшад: «Албатта ба Лоиқ тарҷума кардани «Савтҳои форсӣ»-и Сергей Есенин мактаби бузурги эҷодӣ гардид. Дар бисёр ошиқонаҳои Лоиқ таъсири  бевоситаи шоири ишқиясарои рус, ба вежа шӯру қиём, бепардагӣ, ҷунун, сармастии ӯро дарак медиҳад»(56,19).

Шеъри ошиқонаи Лоиқ аз шеъри шоирони гузаштаи мо, дунё ва зиёдтар аз шоири рус Сергей Есенин таъсир гирифта бошад ҳам, вале заминаи ҳунарии он зеҳнӣ буд, ки яке аз омилҳои ифодакунандаи фардияти эҷодии ӯст. Дар  фарогирии мавзӯи ишқ дар давраи аввали эҷодиёташ агар эҳсоси сода нуфуз дошта бошад, шеърҳои баъди солҳои ҳафтод фарогири эҳсоси дил ва унсури андеша буданд. Чунон ки ишора кардем шеърҳои  аввалинаш дар мавзӯи ишқ зодаи мушоҳида ва як эҳсоси қалбӣ буданду  бас. Дар онҳо хуни мутафаккир гардиш надошт. Шеърҳои баъдии ӯ омезае аз ғаризаву  эҳсос ва андеша буд, ки нишонгари  хусусиятҳои хоси ишқияҳои ӯянд. Ҳамин омезае аз ғаризаву эҳсос ва андеша Лоиқро баргардонд ба сӯи замин, модар, мазҳаби ишқ,

мазҳари болandaгӣ, борварӣ, рушд, ба сӯи фаро рафтану фурӯтар нигаристану волотар андешидан.

Дар ин равиш шеъри «Хумор», ки яке аз беҳтарин ишқияҳои ӯст дар фарогирии мушаххасоти фардии эҷодиаш беназир аст. Шоир дар ин шеър ҳарфи муҳаббаташро бо эҳсоси амиқи боланда ва бо ба кор гирифтани омезае аз ғаризаву эҳсос ва андеша ифода кардааст, ки рӯҳияи хаёлписандона низ дорад. «Хумор» дар нигоҳи аввал шеъри сужадор аст. Ин шеър бо истифода аз шеваи меҳвари зеҳнӣ нигошта шуда, ёди ширини бачагӣ, ки бӯйи ҷигари сӯхтаи ушшоқ мекунад, шоирро ба эҷоди ин шеъри зебо ва пурсӯз таҳрик бахшидааст. Шояд зеҳни шоирро саргузашти воқеие ба ҳаракат оварда бошад. Дар ҳар сурат нақши тахайюли шоирро дар ин ва бисёр шеърҳои ба ин мавзӯъ бахшидааш наметавон кам гирифт.

Аз аввалин сатрҳо ҳарфи шоир нисбати қаҳрамонаш пурэҳсос, самимӣ ва ғамхоронаву тараҳҳумомез аст. Дилаш ба Хумор месӯзад (Гулғунчаи таре, покизагавҳаре). Ин тавсифи одӣ нест.Зеро дар ин ифодаҳо ҳис, андеша ва орои хос ниҳон аст. Шоир шитобзада нест. Вай «он ишқи кӯдакӣ»-ро қобили тасвири зинда мебинад:

Мерафтам аз бараш
Бигрифта дафтараш.
Чашмам гирифта буд
Чил кокули тараш.
Рӯи баҳор буд
Рӯи баҳориаш.
Номаш Хумор буд,
Будам хумориаш (25, 319).

Дар ин пораи иқтибосшуда нишонаҳои мушаххаси қаҳрамони лирикӣ ба назар намерасанд: чил кокули тараш, рӯи баҳорияш, номи Хумораш ба мо низ чизи ҷолиб ва муассир намегӯянд. Инҳо метавонанд нишонаҳои дигар духтарон низ бошанд. Як рӯзи тирамоҳ, Аз дил кашида оҳ… Ӯ кӯч басту рафт, Моро шикасту рафт. Ёде ба тирамоҳ, Аз он баҳор

монд. Аз деҳ Хумор рафт, Дар дил Хумор монд низ ҳоло пайғоми нишондор нест. Вале ба ду мисраи охир бояд таваҷҷуҳ кард. Аз деҳ рафтани Хумор ва низ дар дил мондани Хумор. Ин байт мақтаъи шеър нест, вале маънӣ ва ҳадафи шеърро истиқлол мебахшад. Акнун дар шеър чизе зинда мешавад, ки бори онро фақат дил бардошта метавонад. Ин ҷо омезае аз ғариза, эҳсос ва андеша хости фардии шоирро таҳаққуқ бахшидааст. Аз рӯи мундариҷа муҳим он аст, ки шоир дар фазои худситезӣ бо ҳиссиёте, ки дастрасиаш осон нест ё осон набудааст ва аз дасташ меравад, видоъ мекунад. Ин духтари одии домони баҳор дар деҳи Мазор, гулғунчаи таре, покизагавҳаре, ки замоне ин «ман»-и зеҳнӣ мерафт аз бараш, бигрифта дафтараш бо ҳамон содагӣ, покӣ чун хаёли ширин, чун як гавҳари бебаҳои ногаҳон аздастрафта дар дилу рӯҳу ёд абадан боқӣ мемонд.

Аз кӯчаи Мазор
Бо ашки шашқатор
Моро надиду рафт,
Гӯё париду рафт
Мисли кабутарак,
Ҳамсоядухтарак.
Чил кокул аз қафо
Гуфтанд алвидоъ… (25, 319)

Дар ин шеър низ таваҷҷуҳи шоир ба тафсилот бештар аст: қаҳрамони вай дар деҳи Мазор буд, берун аз хона шуд, ба мактаб равона шуд, бо дафтараш, чил кокул дошт, номаш Хумор… «Ман»-и зеҳнӣ ба ӯ хуморӣ буд… Вале ин тафсилот анбориш нест, онҳо дар шеър нақш ва ҷойгоҳи маънавию зебоишинохтӣ доранд. Ин тафсилҳо афзудаҳое дар чеҳраи инсонӣ- маънавии Хумор низ доранд, ки сӯзи шеърро афзун кардааст. Тафсилот дар шеър ҳадафи бадеӣ дорад.

Вале чаҳор мисраи василаӣ ба чеҳраи инсонӣ ва маънавии қаҳрамон рӯҳи болbackандагӣ меафзояд. Шоир бо ин мисраъҳо хонандаро ба нуқтаи атф мепайвандад. Ин мақомест, ки рӯҳи шеър ба рӯҳ ва ҷони

хонанда нузул мекунад. Дар ин ҳол ба шеър на чизе афзуда мешавад, на кам кардан.

Ёдаш ба хайр бод
Он ишқи кӯдакӣ,
Он ишқи гумшуда
Чун шеъри Рӯдакӣ (25, 319).

Ду мисраи охир чун суоли саъбе дар зеҳни хонанда менишинад. Ин мисраъҳо нуқтаи авҷи ҳиссии шеъранд, ки андешаро низ таҳрик мебахшанд. «Он ишқи кӯдакӣ» дар паси худ исёни наврасеро ниҳон дорад. Шоир номи ӯро ба мо гуфта, нишонаҳояшро низ менамояд, ҳузури ӯ дар шеър мушаххас аст. Ҳузури ӯ калиди дарёфти ормони шоир аст. Шоир шеърро тавре тамом кардааст, ки он ба хонанда имкони нуқтагузорӣ намедиҳад. Вай хонандаро ба ин андеша савқ медиҳад, ки танҳо ишқи пуршӯр, сӯзнок, хаёлписанд метавонад зеҳнро зинда дорад, гузаштаро бо имрӯзу фардо пайвандад.

Дар заминаи ин ва чанд шеъри дар боло ёдшуда, метавон гуфт, ки эҳсосоти фардӣ ва таассуроти нотакрор бунёди ашъори ошиқонаи Лоиқро ташкил медиҳанд. Вале ин эҳсосу таассурот дар шеъри ӯ якрангу дилбазан нест. Тағйироти рӯҳии «ман»-и зеҳнии ӯро хеле амиқ, воқеӣ ва навҷӯёна ифода мекунад. Дар ин равиш шоир ба ишқе, ки мавриди назари ӯст, хоси «ман»-и зеҳнӣ ё қаҳрамони лирики ӯст, арҷгузорӣ мекунад ва мегӯяд:

Ишқи ман ҳар ҷо равӣ, бо хеш пиндорам туро,
Бо ҳама ин дасткӯтоҳӣ, ба даст орам туро.
Кокулони майдабофатро шумурдам бо нигоҳ,
Баъд аз он рӯзи сиёҳи хеш бишморам туро (25, 551).

Мавзӯи ишқ дар пайвастагӣ бо тағйироти рӯҳии инсон низ ифодагари фардияти эҷодии Лоиқ буда, ин ҳунар на ба ҳар шоир даст додааст. Дар замина шеъри «Қасидае барои Сапеда» бо усули гуногуни ифодаи дарунмояи шеърӣ ҷолиб буда, хусусияти дигари ишқияҳои Лоиқро зоҳир мекунад.

Мафҳуми қасида ин ҷо ба маънии қолаби шеърӣ нест, балки ба маънӣ ва дарунмояи тағаззулии он ишора дорад.

…Ва донистам, ки шеъри сафед ҳақ медиҳад,
то ба номи Сапеда,
Яъне исми ту дар шеъри ман
Ниҳон аз анкабутони туҳматбоф
Шеъри сафед бигӯям ( 25, 204-205).

Дар ин шеър Лоиқ таҳти таъсири сарнавишти қаҳрамони лирикӣ (зоти ашё) қарор дошта, дар коргоҳи шоириаш ба ашё (ҳодиса) шакли инсонӣ медиҳад. Ба ифодаи дигар, вай осмон ва замини ишқро дар қафаси қолаб андохта ва як лаҳза ба замони гузаро, ба сарнавишти инсон бо эҳсоси собит дар ҷомаи калимаҳо ҷовидонагӣ мебахшад. Бинобар ин шеъри мазкур бо тамомияти бадеии худ ҷолиб аст. Нақши сапеда, муносибати шоир ба сарнавишти вай, муҳтавои шеър, фарогири воқеияти зиндагии ошиқонаю шоирона аст. Мантиқи маънии шоирона дар ин шеър ба ҳадде қавист, ки дар хонанда хоҳиши ёфтан ва шинохтани қаҳрамони он пайдо мешавад.

Дар «Лоиқнома»-и Сорбон (92) шурӯъи ишқварзиҳои шоир бо Сапеда ба замоне нисбат ёфтааст, ки Лоиқ ва Сорбон дар шуъбаи адабии радиои Тоҷикистон кор мекарданд. Агар соли таълифи шеърро (1983) ба назар гирем, он умри 34-сола дорад. Бо гузашти ин қадар солҳо шеър ҳамчунон дилрасу таъсиргузор аст. Лоиқ дар ин шеър на аз ашёву ҳодисаҳо, балки аз ҳолату рӯҳ ёд медиҳад. Ӯ кореро анҷом медиҳад, ки Ризо Бароҳанӣ чунин таъбир кардааст: «Шеър ҷовидонагӣ ёфтани истинботи эҳсоси инсон аст аз як лаҳза аз замони гузаро дар ҷомаи вожаҳо» (160).

Имрӯз барои хонандаи огоҳ чандон муҳим нест, ки Сапеда шахси воқеист ё тахайюлӣ. Муҳим он аст, ки ҳамин гуна нақши гиро ба адабиёт овард. Хонанда ин қаҳрамонро ҳамчун рамзи зебоии заминӣ ба ёд месупорад.

Шахсият ва ахлоқи Лоиқро дар ишқияҳояш аз ҳам наметавон ҷудо кард. Ин ҳам далели қавӣ будани фардияти эҷодии ӯст. Шоир низ дар ин боб ишораи ҷолибе дорад:

Ишқ дар ман чӣ ҳунарҳо парвард,
Шеваи шоирӣ омӯхт маро.
Бурду овард ба сад шебу фароз
Сӯхтаву сохта, афрӯхт маро (25, 154).

Лоиқ пораҳои шеърие дорад, ки хилқати ошиқи «ман»-и зеҳнии ӯро ошкоро арза медорад. Гоҳе қаҳрамони ишқияҳояш фарди фосиқ, фоҷир ва ҳавасбоз ба назар меоянд. Масалан, ин дидро шоир дар шеъри «Тарона» ҳамчун як навъ ифшои розҳои ибтидоии булуғ ба қалам медиҳад. Вале байти зерини шоир маҳаки дигар дорад:

Мисоли гулпаракҳо дар баҳорон,
Зи як гул бар гули дигар нишинам (25, 220).

Ю. Акбаров дар заминаи шеърҳои ошиқии Есенин, ки қаҳрамонаш якмеҳру собитқадам нест, ба хулоса меояд, ки «чунин тамоюли манфӣ дар шеъри ҳамсони шоирони тоҷик, аз ҷумла Лоиқ низ ба назар мерасад» (46,120). Ин мушоҳидаи Ю. Акбаров нисбат ба баъзе ишқияҳои давраи аввали эҷодиёти шоир сидқ дорад. Вале дар маҷмӯъ ишқ аз нигоҳи Лоиқ маҳзари имону эътиқод ва маҳаки камолоти инсонӣ аст, ки шоир то вопасин нафасҳояш аз ин меҳвар берун нарафтааст.

Лоиқ бо номи «Никоҳи марг» шеъре дорад, ки назари боландаи ӯро ба ин мавзӯи ишқ хулоса мекунад. Ин шеър ҳосили андешаи шоирона, сари одати мардумист, ки ба ифодаи шоир «ҳар касе издивоҷ накарда аз ҷаҳон бигзарад, рӯзи ҷаноза ба дарахте, санге ё буттае никоҳ баста, ба хок месупорандаш, то ба он дунё танҳо наравад» (25, 238). Дар ин шеър шоир дунёбезорӣ ва ба қадри ишқ нарасиданро маҳкум карда, консепсияи ахлоқии ишқи пок ва якмеҳриву собитқадамиро омили саодати индунёии инсон таъбир мекунад.

Таҷрибаи шоирии Лоиқ дар фарогирии мавзӯи ишқ чехраи хоси шоирии ӯро мушаххас сохта, фардияти эҷодиашро ошкор менамояд. Таҷрибаи ӯ на фақат баёнгари ҷустуҷӯҳову дарёфтҳои ҳунарии ӯст, балки намоёнгари равиши мусбати инкишофи шеъри тоҷикӣ дар замон ва макони мушаххас ҳам ҳаст, ки истифода аз он ба такомули минбаъдаи шеъри тоҷикӣ бетаъсир нахоҳад буд.

Таҳлили шеъри Лоиқ дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии солҳои ҳаштоди асри бист ва баъди он барои арзёбӣ ва муайян намудани равишҳои хоси таҷрибаи шоириаш дар корбурди ин ё он мавзӯъ маводи фаровонеро дар ихтиёри муҳаққиқон мегузорад. Дар ин замина, чунон ки ишора ҳам шуд, нақд ва таҳқиқи мавзӯӣ, бе дарназардошти маҳорати адабии шоир асолати фардиву ҳунарии ӯро муайян карда наметавонад.

Лоиқ аз ба нудрат шоироне буд, ки дар оғози фаъолияти эҷодиаш аз дастурҳои назарии тафриқаандози табақотиву ғоявӣ фосила гирифта, зебоишинохтии заифниҳоди нормативӣ ва примитивӣ низ дар тафаккури бадеиаш таъсир ва нуфуз надошт. Назари хоси фардии эҷодиаш дар инъикос ва фарогирии мавзӯъҳо шеъри ӯро аз муҳтавогароии маҳз ва қолабҳои якранги бадеӣ раҳонид. Бинобар ин ҳам дар чӣ мавзӯе шеър гуфта бошад, мавриди қабули завқи умум ва пазироии хуш аз он гардидааст. Ҳамчунон ки «шеърҳои нағзи ошиқонаи шоир» (А.Сатторзода), бо ифодаи Гулназар номаҳои ошиқонро оро дода, ҷавонон бо шеъри Лоиқ ишқварзӣ мекарданд (56, 12), шеърҳои дар васфи модар, ватан, миллат, инсон навиштааш, афкори ҳикамиаш низ мавриди қабули хосу ом буданд ва тарзи идроку инъикоси ин мавзӯъҳо омили асосии нуфузи шеъри шоир дар зеҳнияти мардум буд.

Мо бо дарназардошти баъзе паҳлуҳои назарии инъикоси мавзӯи ишқ дар эҷодиёти шоир дар боло оид ба ин мавзӯъ муфассалтар сухан кардем. Ҳоло масъалаи инъикоси мавзӯъҳои ёдшударо дар заминаи таҷрибаи фардии шоир аз назар мегузаронем.

Х.Шарифов ба сабаби он ки «ишқ дар адабиёти тоҷики аҳди Шӯравӣ аз меҳру муҳаббат дида маънои андаке хусуситар ва шавқонитар дорад, «шеърҳои дар васфи модар сурудаи Лоиқро ҳам аз ҷиҳати мавзӯъ» (102, 135) ба ин даста дохил мекунад. Ба далели он ки инъикоси ин мавзӯъ дар эҷодиёти Лоиқ ва шоирони дигар низ фақат маънои хусусӣ надорад ва равиши ҷудогонаи инъикоси мавзӯӣ ва таҳқиқи мавзӯиро муайян мекунад, ҳамчунин Лоиқ бо тарзи бархӯрдаш ба ин мавзӯъ ба он ҳувияти хос бахшидааст, мо онро ба алоҳидагӣ баррасӣ мекунем.

Таҳлилҳое, ки доир ба инъикоси ин мавзӯъ дар эҷодиёти Лоиқ анҷом гирифтаанд, хусусияти арзёбии мавзӯӣ дошта, муаллифон ба масъалаи шаклгирии фардияти эҷодии шоир дар заминаи тасвири ин мавзӯъ чандон эътибор надодаанд. Ҳол он ки бо эҷоди шеъри «Ба модарам» Лоиқ соҳиби биниши хос будан ва бардошти дигари бадеӣ доштанашро аз ин мавзӯъ собит карда буд.

Муҳимтарин нуктае, ки дар ин замина метавон зикр кард, мустақилияти диди миллӣ, бадеӣ ва фардии шоир дар шинохти модар аст. Ҳамин равиши эҷодӣ ӯро аз таъсирпазирӣ аз фармудаҳои нигилистона ва нормативии шинохти инсони воқеӣ, ки раҳбараш дастгоҳҳои идеологии давр буданд, раҳонида сарнавишт ва чеҳраи миллӣ ва воқеии модари тоҷикро ба адабиёт овард. Аз ин ҷиҳат, ҳеҷ гоҳ намешавад, ки симои ин модарро дар қаринаи адабиёти ҷаҳон бо навиштаҳое мисли шеърҳои ба модар бахшидаи Эраҷ Мирзо ва Сергей Есенин ҳамранг шинохт.

Аввал дар силсилаи «Модарнома», баъд дар шакли китоби ҷудогонаи «Дасти дуои модар» (1991) гирд овардан ва ба чоп расондани шеърҳои дар ин мавзӯъ эҷод кардааш гувоҳи ҳусни хоси таваҷҷуҳи Лоиқ ба чеҳраи инсонӣ ва маънавии модар аст. Бинобар ин, ба назари мо, ҳамчунон ки Х. Шарифов низ пиндоштааст, ба ин мавзӯъ муроҷиат кардани шоир фақат «сабаби хусусӣ ва ом» (102, 136 ) надошта, омилҳои зеҳнӣ ва ҳиссии ҳунарӣ таҳрикбахши тафаккури бадеии ӯ будаанд.

Таҷрибаи шоирии Лоиқ дар тасвири мавзӯи модар бозгӯи паҳлуи дигари асолати фардият ва ҳунарии Лоиқ аст. Дар замоне, ки равиши оммаписанди фармуда ҳатто ҷойгоҳи ҳунариро дар ҳавзаи адабиёти Шӯравӣ барои Набоков, Гумилёв, Ахматова, Пастернак, Светаева, Кузмин, Ходакевич ва дигар нависандагони бузурги рус танг кард, дасткашӣ аз суннатҳои ҷамъии идеологии адабӣ ва рӯ овардану таҳаққуқ бахшидан ба таҷрибаи фардӣ дар инъикоси воқеияти зиндагӣ ва замон ҷасорати ҳунарии Лоиқ буд. Ин марҳалаи интиқолӣ бахши муҳиме аз пешзаминаи фарҳангии тулӯъи шеъри навини тоҷикӣ буд, ки баъдтар чеҳраҳое мисли Бозор Собир, Гулрухсор ва Гулназарро ба майдон овард.

Нуктаи боаҳамият он, ки гароиш ба навмоягӣ дар инъикоси мавзӯъҳои модар, Ватан, миллат, инсон нахустин бор ба нирӯмандтарин шакл дар эҷодиёти Лоиқ ташаккул ва таҳаввул пайдо кард ва ҳатто ҳамон шеъри «Ба модарам» барои муҳити адабӣ ва ҷомеаи дирӯзу имрӯз низ ҳамчунон навмоя, бикр ва бадеъ аст. Бурди Лоиқ он аст, ки дар инъикоси ин мавзӯъ фақат аз идроки ҳиссӣ кор нагирифт, балки ҳамчунон ки Х.Шарифов низ пай бурдааст, таҷрибаи рӯҳӣ ва «хотироти айёми кӯдакӣ» (102, 136) низ ангезандаи андешаю орои ӯ дар замина будаанд.

Истифода аз тарҳҳои мавзӯии ғайрисуннатӣ дар шеър яке аз таҷрибаҳои аввалин ва эҳтимолан ҷудогонаи ин таъкид бар навмоягӣ аст, ки Лоиқ дар эҷоди «Модарнома» ва шеърҳои дар дигар мавзӯъҳо навиштааш огоҳона ва ҳунармандона таҷриба кард. Лоиқ дар инъикоси мавзӯъҳо тарҳро тобеи қолиби хотироти зиндагӣ ва идроки ҳиссии шахсӣ кард ва ин кораш ҳукми эъломи ҷасуронаи авлавияти таҷрибаи фардиро дошт, ки дар оғоз мухолифони сарсахте низ дошт ва ин масъала баҳси ҷудогона мехоҳад. Ин таҷрибаи Лоиқро ҳарфҳои Декарт «меандешам, пас вуҷуд дорам» дақиқ таъбир мекунанд.

Дар мавзӯи модар андешидани Лоиқ ҳастии инсонӣ ва фардияти эҷодиашро тарҳ дод. Таассурот, авлавияти таҷрибаи фардии ҳиссӣ на

фақат навмоягии андешаҳои ӯро муайян карданд, балки ба сохтори шеъраш низ таъсири судманд расониданд.

Шеъри «Ба модарам» бо баёни рози худӣ мавқеияти Лоиқро дар баробари хостҳои мавзӯии замон, ки ҳамеша дар инъикоси ин ё он мавзӯъ манфиатҳои иҷтимоиву ахлоқии умумиро ҳимоят мекард, мушаххас сохт. Аз ин ҷиҳат ин шеър муҳимтарин хусусияти фардияти эҷодии ӯ тобеъ набуданаш ба ягон таълимоти маъмулии фишоровар ва озодии биниши фардиашро дар шинохт ва таъбири «розҳои хусусӣ» (Х. Шарифов) собит мекунад.

Зимнан бояд зикр кард, ки пайдоиши шеъри «Ба модарам» ва истиқболи гарми хонандагону роҳбари вақти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода аз он ҳодисаи тасодуфӣ набуд. Ин шеър бо муҳтавои тоза ва тозагии тасвир диққати Мирзо Турсунзодаро ҷалб кард ва ба шаҳодати Камол Насрулло «устод Турсунзода бо як шеър устод Лоиқро бидуни риояи қонуну тартиботи қабул ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфтанд» (76, 46).

То ба чоп расидани шеъри «Ба модарам» дар ин мавзӯъ шоирони хурду бузург бисёр шеър гуфта буданд. Шеърҳои онҳо низ мисли шеъри Лоиқ вазн, муҳокот, яъне кашидани чеҳраи модар ва низ хаёлбофӣ, алфози содаву ширин, басти софу ҷиддияти тарзи адо доштанд. Вале суол ин аст, ки чаро маҳз шеъри «Ба модарам»-и Лоиқ дар дилҳову ёдҳо нишаст. Он чи ки дар ашъори ба модар бахшидаи дигарон буд, ҷузъи зарурии шеър буданд, вале он унсури аслии шоирӣ набуд. Вале дар шеъри Лоиқ унсури аслии шеър муҳокот вуҷуд дошт. Лоиқ тавонист, ки дар ин шеър чеҳраи модарро тарзе офарад, ки сурат ва сирати аслии он дар пеши назар муҷассам гардад. Илова ба ин дар ин шеъри Лоиқ тасвир ба муҳокот ҷон бахшида, сохтори шаклӣ ва мундариҷавии шеърро таҳаввули чашмгир бахшидааст. Бубинед кунед,ки Лоиқ ба чӣ ҳиммат, банду баст ва баёни сеҳрангезе сурат ва сирати модарро дар матни воқеияти зиндагӣ аз назар мегузаронад:

Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо,модари пирам,

Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният,

Ки рӯзи тӯй дида бар қади ман, бишканӣ ормон,

Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният,

Ба он дастони ларзони шарафмандат бимирам ман!

Дар эҷоди «Модарнома», бахусус дар шеъри «Ба модарам» бо вуҷуди Лоиқ як шоири ҷавон ва навроҳ будан аз худ дар он замон як ҷасорати баланди адабӣ нишон дода, калимоти дар он айём мамнӯъро ба мисли «Худо», «оят», «Ҳафтяк»,«пайғамбар»-ро вобаста ба мазмуну муҳтавои шеър мавриди истифода қарор додаст:

Худо гуфтию оят хондию таъбирҳо ҷустӣ,

Ту доим «Ҳафтяк» мондӣ ба зери болиши кӯдак,

Ки шояд тифл бебоку далеру қаҳрамон гардад.

Дили пайғамбарон гунҷад даруни синаи кӯчак…

Даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд,

Ба ҳукми қарзи инсонӣ ҷаҳонеро бигунҷондӣ,

Шабонгаҳ мижжа таҳ нокарда, пухтӣ кулчаи ширӣ,

Саҳар фарзандҳоятро ба майдонҳо гуселондӣ,

Шараф андӯхтӣ аз ҷонфишониҳои фарзандон,

Аё модар, аё модар!

Дар идомаи шеъри мазкур Лоиқ бар он ақида аст, ки тавассути тарбияву роҳнамоиҳои созандаву нек фарзанд-ҷигарбанд соҳиби ҳунар, ризқу рӯзӣ мегардад ва дар ин ҷода дуои хайри модар барои фарзанд фатҳу кушоиш ба бор меорад:

Кунун имрӯз фарзандат- ҷигарбандат ҳунар омӯхт,

Ки ёбад нони beминнат.

Ба номат дафтаре бикшод,

Дуои хайр гӯ, модар,

Ки ӯ бо номи ту дар роҳи раҳҷӯӣ қадам бинҳод.

Варо ту мағфират кун, раҳнамоӣ кун,

Аё модар, аё модар!

Дар фарҷоми шеъри номбурда шоир андешаҳояшро некбинона ҷамъбаст намуда, ба модар мурочиат менамояд, ки рӯзгори ҳузнангези пешинро аз мадди назар дур намояду дилашро бо сурудҳои нав шод гардонида, ҳангоми дӯхтани дастархону ҷомаи нав бо умеди хушбахтии ҳамагон ҷаҳд намояд, ки ин аз инсонгароии устод Лоиқ шаҳодат медиҳад:

Суруди ҳузнангези қадимиро махон, модар!
Дилатро бо суруди аввалини ман даме афрӯз!
Агар дасторхону ҷомаи нав дӯзӣ бо уммед,
На танҳо бахри ман,
Баҳри ҳама фардоиён ҳам дӯз!
Ғанимат дон насиби вопасинатро, саломат бош,
Аё модар, аё модар! (25, 264-265)

Бояд гуфт, ки он чи Лоиқ дар ин шеър гуфтааст аз шахсияти модар, аз ашёи моддӣ буда, аммо тарзи адо кардани хаёлоту эҳсосот ва низ кайфиёти шоирона ва ҳадафмандона буда, ба маротиб мушкил аст ва на ба ҳар қаламкаш муяссар мешавад. Маҳорату камоли шоирии Лоиқ ин аст, ки он чӣ дар асл аст ва ба сарнавишти модар пайванд мехӯрад, ҳамаро ироа додаву намоён карда тавонистааст.

Дигар аз имтиёзоти тасвири Лоиқ дар ин шеър аз он иборат аст, ки бо асли сарнавишти воқеӣ ва табиии модар мутобиқати комил дорад. Ӯ дар ин шеър сурат ва сирати модареро тарсим кардааст, ки ҳарчанд аз ҳайси обутоб ва ҳусну зебоӣ бар асл мерасад, вале бо нирӯи тахайюл мухотабонро асир мекунад ва ин ҳамон чизест, ки будаву барҷост. Шоири тавонманд тавонист, ки чизеро ки хонанда дарнаёфта буд, ба ӯ намояд.

Фазилати дигари шеър ин аст, ки шоир чеҳраи модарро тавре офаридааст, ки асли он дар пеши назари хонанда муҷассам мешавад. Мутобиқати чеҳраи модар бо аслро дар ин шеър ифодаи ҷузъиёти зиндагии ӯ таъмин намуда, ба ин далел шеър таъсиргузор воқеъ шудааст

ва фарқи умдаи ин ва дигар шеърҳои ба модар бахшидаи Лоиқ аз шеърҳои ҳамсони шоирони дигар дар ҳамин аст.

Арзёбии хусусиятҳои миллии тафаккури бадеии Лоиқ дар инъикоси ин ё он масъала мавзӯи баҳси алоҳида буда, ҳоло оид ба ин паҳлуи фардияти эҷодии ӯ ҳамин қадар метавон гуфт, ки аз шеъри «Ба модарам» сар карда, то дигар шеърҳои дар ин мавзӯъ эҷодкардааш Лоиқ аз тафаккури хоси миллӣ кор гирифтааст. Ин усули тасвири ӯро ҳолати модар, андешаҳои худи шоир ва истифода аз суннатҳои миллӣ дар шеър мушаххас сохта, ҳам чеҳраи миллии модар ва ҳам биниши миллии шоирро таҳаққуқ бахшидааст. Ин хусусияти фардияти ҳунарии ӯ фақат бо шеъри «Ба модарам» маҳдуд нашуда, дар шеърҳои «Насиҳати модар», «Нону насиб», «Қарз», «Фарзандон», «Модар», «Домони модар» ва ғайраҳо низ ҳам идома ёфта ва ҳам такмил ёфтааст. Дар ин замина сӯгвориҳояш дар ҳаққи модар низ ифодагари тафаккури хоси милли ӯ дар шинохти воқеияти зиндагии модари тоҷик аст.

Дар шеъри «Ба модарам» асли тасвири кунҷи сандалӣ, модари пир, ҷомаи домодӣ, дастони ларзони шарафманд, чашми камбин, дасти пурэъҷоз, дастурхони гулдӯзӣ, гуселу пешвоз, гӯшаи қарси сафед, оят хондану таъбирҳо ҷустан, «Ҳафтяк» зери болини кӯдак гузоштан, кулбаи пасти назарногир, кулчаи ширӣ, фарзанди мурда, дидорбиниҳои рӯҳонӣ, нахӯрдану напӯшидан, сайёдҳои сайдгашта, нони беминнат, роҳи раҳҷӯӣ, лабҳои фурӯрафта, ожанги пурасрор, нафасҳои ғанимат, нақши гул, рӯи сӯзаниҳо, дурахши охирини чашм, гулу нуру шарофат, суруди ҳузнангези қадимӣ, суруди аввалин, дастархону ҷомаи нав ва насиби вопасин аз Лоиқ буда, онҳоро дар ҳеҷ кадоме аз шеърҳои то ин шеър эҷодшуда дучор намеоем. Лоиқ ба воситаи ин тасвирҳо эҳсоси шахсиашро ифода кардааст, вале ин эҳсоси шахсӣ отифаи инсонитаре монанди муҳаббат, ғам, шодӣ, яъсу навмедӣ, умед, тарс, раҳм, малол ва ғайраро ба тасвир даромехта ва ҳолати умумии марбут ба одамро дар тасвир рехта ва аз ин раҳгузар рӯҳи фалсафӣ, отифӣ ва миллии худро дар он дамидааст, ки бемонанд аст. Каломи Лоиқ дар ин шеър аз он

ҷиҳат таъсиргузор аст, ки марбут ба ҳамаи инсонҳост ва як ҳисси мондагори ностальжикро дар шинохти чеҳраи модар бар ҳамаи наслҳо ва замонҳо талқин мекунад.

Ҳамин усули тасвир дар дигар шеърҳои ба модар бахшидаи шоир ва сӯгвориҳояш низ нуфуз дошта, иртиботи шоир бо мавзӯъ, шахсият ва ҷаҳони берун тобеъи ҳолоти отифӣ ва навъи нигариши ӯст, ки фардияти эҷодӣ ва биниши миллии ӯро дар инъикоси мавзӯи мавриди назар нишон медиҳад.

Мавзӯъ ва масъалаҳои осори Лоиқ ҳосили отифа ва нигариши фардии ӯ буда, фардияти эҷодиашро шакл медиҳанд. Дар ин равиш мавзӯъҳои ватан, ситоиш ва қадршиносии он, ифтихороти таърихӣ, мазмунҳои сиёсӣ- иҷтимоӣ, табиат ва андарзҳои ахлоқӣ бо усул ва тарзи хос дар эҷодиёти шоир инъикос шудаанд.

Ватан дар шеърҳои давраи аввали эҷодиёти шоир бо даъвату ахбор ва тавсиф маъно ва мазмуни фарҳангӣ дошт. Ин кӯшишҳои Лоиқ нияту мақсади бедорӣ ва даъвоҳои милливу худшиносӣ надоштанд. Дар ин замина метавон аз шеърҳои «Кишвари баркамол» (Ба ҷашни 40-солагии Тоҷикистон), «Суруди хайрбод» ва «Ватан» ёд кард, ки зери таъсири идеяи ватани ягона ва халқи Шӯравӣ эҷод шудаанд. Вале аз ҳамин шеърҳо ҳам андозагириҳои Лоиқ дар шинохти ватан ва манфиатҳои он эҳсос мешуд. Масалан, дар шеъри «Суруди хайрбод» мисраъҳои «ҳамнажоду ҳамсифат бо Шеракам, Хуни поки тоҷикам…» далолат ба ҳисси андозагирӣ дар шинохти ватани ягонаи Шӯравӣ ҳастанд.

Шеъри ватанхоҳии Лоиқ аз солҳои ҳафтод ба баъд ба таҳаввулоти чашмгире рӯ ба рӯ гардида, «ҳамчун тариқи худшиносии таърихӣ ва рамзи ҳувияти миллӣ зуҳур карда ба як нирӯи қудратманди маънавию иҷтимоӣ табдил ёфт» (74, 19). Ба ин далел мо баҳсро сари ин мавзӯъ дар бахши поёнӣ ба тариқи алоҳида давом медиҳем.

Ҳоло чанд нуктаеро дар боби мазмунҳои собити ашъори Лоиқ - иҷтимоиву сиёсӣ, табиат ва андарзҳои ахлоқӣ ба тариқи мухтасар баён медорем, ки дар шинохти ҳувияти ҳунарии шоир муҳим аст.

Мавзӯъҳои иҷтимоиву сиёсӣ, табиат ва андарзҳои ахлоқӣ ҷузъи муҳимми осори шоир дар солҳои ҳафтоди садаи гузашта ва баъди он мебошад. Дар интишори ин мазмунҳо дар шеъри тоҷикии давраи мавриди назар таъсири сиёсати давр фарогир буд. Дар замоне, ки таъкидоти ҳизбӣ шоиронро ба навиштани шеърҳои сиёсиву иҷтимоӣ маҷбур мекард ва ин гуна шеърҳо қадр мешуданд, Лоиқ наметавонист ба ин ҷараён ҳамроҳ нашавад. Вале ӯ ба ҷараёни содаандешӣ дар ин замина напайваст. Дар шеъраш ба мазмунҳои иҷтимоӣ ва сиёсие таваҷҷуҳ кард, ки бо ҳастии инсон ва зиндагиву орзуву омоли ӯ рабт доштанд. Аз ин назар шеъри иҷтимоии индавраинаи шоир тафсири шоиронае аз сарнавишти инсонҳо ва кишвар буд, ки то солҳои ҳафтод аксаран ситоишу накӯҳиш меъёри онҳо буд. Шеъри иҷтимоии «Кишвари баркамол» ҳамин тамоюли эҷодиро дар эҷодиёти Лоиқ таъйид мекунад. Ин шеър аз тасвир саршор буда, дар он ситоишу накӯҳиш маҳаки эътибор аст. Гузашта ҳамчунон тираву одамхор имрӯз (соли1961) равшану саодатофарин. Яъне:

Миёни тирамоҳ омад баҳоре,
Баҳори бехазоне, бобароре (25, 35).

Лоиқ дар шеърҳои сирф иҷтимоиаш ба инсон ва мавқеи ӯ дар ҷомеа назари интихобӣ дорад. Шеъри «Қористон» беҳтарин намунаи ин гуна нигариши иҷтимоӣ ва ахлоқии шоир аст. Аз солҳои ҳафтод ба баъд нигариши иҷтимоии Лоиқ ба воқеоти иҷтимоӣ тағйир ва таҳаввул пайдо мекунад. Андешаҳои шоир дар бораи ҷомеа, вазъи сиёсиву иҷтимоии он ва мақоми шахс дар ҷомеа на ба мавқеияти сиёсиву табақотӣ, балки ба ҳақиқати воқеӣ такя дошт. Шеъри «Қадри шоир» (1973) аз ҳамин гуна шеърҳо буда, қадршиносии холисона аз мартабаву мақоми шахси ҳунарманд дар ҷомеа мебошад. Шоир ҳамин маънии

иҷтимоиро дар шеъри «Қатли дарё» тақвият бахшида, фоҷиаи зиндагии Саҳбои шоирро дар матни таърих менамояд.

Дар шеърҳои иҷтимоияш Лоиқ дар боби мушкилоти моддӣ ва маънавии ҷомеа ва инсон меандешад. Агар дар шеъри «Меҳр ва зар» (1961) мушкилоти иҷтимоии набудани «хонаву дар», «ганҷу сарват» сабаби дурӣ ҷустани маъшуқ аз ошиқ бошад, дар шеъри «Ситораи саҳарӣ» (1973) «оташи ҷаҳли беамони падар», «оташи нангу ори додари ӯ», «оташи бехудию бехабарӣ» пайкари «духтаре субҳдам барошуфтаро» «дар миёнаи раҳ» месӯзад. Чунончи:

Дилгазон аз муҳити заҳролуд-
Чордевори хонаи лойӣ,
Даргурез аз қаламкаши тақдир,
Аз фишори русуми бобоӣ:

Ташнаи бахту ишқу озодӣ,
Толиби рӯзгори нуронӣ,
Ошиқи зиндагии табъи дил,
Ошиқи нашъаҳои рӯҳонӣ.

Духтаре субҳдам барошуфта
Тунду хашмӣ ба Чорсӯ биштофт.
Омаду чор сӯ назар афканд,
Чодар аз рӯи хештан партофт…

Субҳи дигар ба Чорсӯ месӯхт
Пайкари ӯ ба ҷои чодари ӯ.
З-оташи ҷаҳли беамони падар,
З-оташи нангу ори додари ӯ.

Пайкари ӯ ба Чорсӯ месӯхт
З-оташи бехудию бехабарӣ.

Гӯӣ месӯхт дар миёнаи раҳ
Уфтода ситораи саҳарӣ… (25, 102)

Дар шеърҳои ичтимоиву сиёсии Лоиқ воқеияти замон инъикос ёфтаанд. Ин гуна шеърҳо ҳоли замон, замондорон ва инсонҳоро таҷассум менамоянд. Илова ба ин, дар ин гуна шеърҳо «дарки бадеии ҳаёт» (А.Сатторзода) ба мушоҳида мерасад, ки дар ҷараёни ҳамовозиҳои маҳз ба ҳодисаҳои муҳимми сиёсиву ичтимоии солҳои ҳафтоду ҳаштоди садаи бист ва баъди он ҳодисаи нодир аст.

Корбурди мазмунҳои сиёсӣ ва ичтимоӣ низ аз оғоз дар шеъри Лоиқ огоҳона ва ҳунармандона будааст. Мо дар эҷодиёти ӯ ҳолатеро мушоҳида намекунем, ки ба ҳодисоти сиёсӣ ҳамовозӣ ё вокуниши маҳз карда бошад. Ба ифодаи А. Абдуманнонов «… мазмуни ашъори сиёсӣ, ҳадафи ғоявӣ ва доираи васеъе, ки сухани шоир ба онҳо нигаронида шудааст, оҳангу услуби публитсистӣ, даъвату хитобаҳоро тақозо мекунад. Яъне оҳангу шакли публитсистӣ аз мазмуну ҳадафи шеър бармеояд. Вале мазмунҳои сиёсӣ низ модом, ки дар қолаби шеър гуфта мешаванд, бояд шеърияте дошта бошанд, вагарна танзими ҳақиқатҳое, ки аз сармақолаву мақолаҳои матбуот ва аз маърӯзаҳои расмӣ мазмун мегиранд, ҳанӯз моли адабиёти бадеӣ нестанд» (43, 89).

Мутаассифона, сиёсати расмии инъикоси воқеияти сотсиалистӣ дар адабиёт роҳро барои ҳамин гуна осор кушода медошт. Аксаран моҳияти бадеии шеърҳои сиёсиву ичтимоӣ сарфи назар мешуд. Ҳатто накди адабӣ «корнамоию фидокориҳои комсомолону коммунистон, … В.И.Ленин, Партияи Коммунистӣ, Инқилоби октябр»-ро «мавзӯъҳои муқаддаси адабиёти советӣ» (А.Сатторзода) эълон карда дар ин замина ба нашру тарғиби осори камранг майдон кушод.

Дар чунин шароит дар адабиёти тоҷик осори назмӣ ва насрии фаровон пайдо шуд, ки ба тақозои сиёсати давр чеҳраҳои сиёсӣ ва бунёдкориҳои замониро васф ва инъикос мекарданд. Дар ин замина Лоиқ низ ашъори сиёсиву ичтимоӣ гуфтааст, ки низ чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии ӯро шакл додаанд. Шеъри Лоиқ монанди осори М. Турсунзода,

Б. Раҳимзода, М. Миршакар ва дигарон шеъри сиёсиву иҷтимоии саршор аз сиёсати ҷорӣ набуд. Вале чун аксари эҷодкорон тамоюлҳои сиёсиву иҷтимоие, ки дар мамлакати Шӯравӣ ва ҷузъи он Тоҷикистон ҷараён дошт, ба тафаккури бадеии ӯ низ таъсир доштанд. Лоиқ ҳам мисли дигар ҳамқаламонаш ба воқеаҳои муҳимми сиёсии ҷаҳон, мисли табаддулоти Чили ва Инқилоби Саври Афғонистон, «сохтмонҳои бузурги аср» (М. Турсунзода) БАМ, Норак ва ғайра ҳамовозӣ карда, осореро ба мисли «Бонги ожир», «Ба Хиросимаю Нагасаки», «Аз Боми ҷаҳон, аз номи ҷаҳон», «Ниҳеб», силсилаи «Користони Норак» ва ғайра эҷод кардааст, ки хусусиятҳои идроки бадеии ӯро дар ин мавзӯъ ифода мекунанд. Ин равиши ҳамовозӣ зери таъсири сиёсати ба истилоҳ интернатсионалистии давлати абарқудрати Шӯравӣ ва ҳизби ҳоким-коммунистӣ сурат гирифта, гоҳе адабиётро ба дастгоҳи лабайкгӯӣ табдил дода буд, ки эҷодиёти Лоиқ низ аз ин раванд ҷудо набуд. Аз ҷумла, шеъри «Ҳамосаи бародарӣ» дар ҳамин замина эҷод шуда, ифодагари ғояи бародарии халқҳои Шӯравии собиқ мебошад. Тафсири шоиронаи ин воқеият дар шеъри мазкур ба тариқи зайл аст:

Мо-шуълаи як оташ, шогирди як дабистон,
Гулҳои ранг-ранги як гулшани шукуфон,
Сарчашмаҳои як рӯд аз авҷи кӯҳсорон,
Ангуштҳои як даст, як дасти пуртавонем,
Ҳамбахту ҳамнасиба-ёру бародаронем!

…Як кӯраи табу тоб ин сон гудохт моро,
Будем мо фулузе, шамшер сохт моро.
На қавм! На қабила! Миллат шинохт моро!
Абёти шоҳвори як шеъру достонем,
Ҳаммаслаку ҳамойин-ёру бародаронем! (25, 104-105).

Шеър моҳияти сиёсати ҳизби коммунист ва давлати Шӯравиро ифода карда бошад ҳам, моҳияти башарӣ ва дарёфтҳои воқеии шоиронаи он қадри онро пойин намебарад. Ба ифодаи дигар, шеър

ҳосили дил, рӯҳ ва андешаи солим ва созанда мебошад, ки гуфтани чунин шеърҳои сиёсӣ на ба ҳар кас муяссар мешуд. Дар пораи иқтибосшуда оҳанги асосии ахлоқии шеърро, ки башардӯстист, андешаҳои фалсафӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва шоиронаи Лоиқ тақвият бахшида, онро новобаста ба замон, ҷовидонагӣ мебахшад.

Шеъри сиёсиву иҷтимоии Лоиқ, пеш аз ҳама, бо забоне асил ва устувори худ аз навиштаҳои дигар фарқ карда, ҳолу ҳавои сиёсат ва иҷтимоиёти як давраи мушаххаси замон ва макони муайянро инъикос мекунад. Лоиқ дар ин гуна шеърҳои сиёсиву иҷтимоӣ талош надоштааст, ки ғуломи сарбамуҳри низоми ҳоким бошад. Дар ин гуна шеърҳо ҳадафи ниҳоии ӯ оромиш ва саодати ҷомеаи инсонӣ, аз ҷумла ҳаммиллатонаш мебошад. Ин гуна шеърҳо бо дарки фалсафаи рӯйдодҳои сиёсиву ичтимоӣ имтиёз дошта, бо дигар шудани режими Шӯравӣ ва ба истиқлол расидани Тоҷикистон мавқеияти ғоявиашон хатм нашудааст.

Шеърҳои сиёсиву иҷтимоии Лоиқ, аз ҷумла «Бонги ожир», «Ба Хиросимаю Нагасаки», «Аз Боми ҷаҳон, аз номи ҷаҳон», «Користони Норак» бо хусусиятҳои хоси бадеӣ ва арзиши умумиинсониашон моҳияти худро ҳифз кардаанд. Ҷузъияти тасвири бадеӣ, сохтори жанрӣ, лиризми амиқ ва муассири воқеият сирри ҳунарии ба истилоҳ «шеърияти меҳнати илҳомбахш ва созанда»-ро (129,333) ошкор месозанд. Лоиқ дар ин гуна шеърҳо ба талаботи усулӣ ва ғоявии онзамонӣ нисбат ба осори адабӣ содиқ буда, дар эҷоди ашъори фалсафӣ, ки моломоли андешаҳо оид ба зиндагӣ, сарнавишти мардуми сайёра ва ҳаммиллатонаш аст, муваффақ шудааст. Аз ҷумла шеъри «Бонги ожир», ки бар асари рӯйдодҳои Чили навишта шудааст, силоҳи сиёсӣ нест, балки фоҷиаи сиёсиву иҷтимоии кишвареро дар оғози даҳаи ҳафтоди асри бист таҷассум менамояд, ки дар охири садаи бист ба сари шоир, кишвараш ва ҳаммиллатонаш низ омад. Рӯйи шоир дар ин шеър ҷониби онҳоест, ки «бозичаҳои симу зар» ва «ҳавасбозони савдои худӣ» гашта, «аҳли санъатро ба куштор» оваранд, «панҷаи марди гиториро» буранд.

Ин шеърро Лоиқ дар матни воқеияти сиёсии ҷаҳонтақсимкунии даврони шӯравӣ навишта бошад ҳам, моҳияти иҷтимоиву ахлоқии он ба замони мушаххас маҳдуд намешавад, балки ин шеър «зиштию номардумӣ»-ро маҳкум карда, аз «тоҷи закову фитрат» ва «бо ғами кулли ҷаҳон ҳамғам» шудан дастгирӣ мекунад, ки ифодагари моҳияти умумиинсонии он аст, ки порчаи зер ба масобаи намуна аз он аст:

Эй шумо бозичаҳои симу зар,
Эй ҳавасбозони савдои худӣ,
Бо чӣ миқдоре зи дунёи ҳама
То кунун ҷӯед дунёи худӣ!?

Эй гунаҳкорони дузахошён,
Одамизод аз шумо безор шуд.
Дошт вақте қадр агар тиру камон,
Пеши тадбири бузургон хор шуд.

То ба кай, эй кӯрботинони ҷанг,
Гар надорад тоби савте гӯшатон,
Гар надорад тоби оҳанги малеҳ
Завқи кӯру гӯши карри ҳушатон,
Аҳли санъатро ба куштор оваред,
Панҷаи марди гиториро буред?!
Эй шумо нохондагони бенишон,
Интиқоли номусовӣ ёфтед:
Кушта натвонед санъатро агар,
Соҳибашро мекушед.
Рӯҳро осон чу натвон кушт,
Қолибашро мекушед.
Шеърро осон чу натвонед кушт,
Шоирашро мекушед… (25, 95-96).

Лоиқ дар ин шеъри сиёсӣ ва «Аз Боми ҷаҳон, аз номи ҷаҳон» ба ифодаи худаш «шеваи тасхир дошта, оташи эҳсоси ӯ ба муқобили «ноогоҳони фикру ҳис» равона шудааст, ки имрӯз низ арзиши маънавиаш барҷост.

Дар силсилаи «Користони Норак» шоир, қабл аз ҳама, эҳсосот ва таассуроти инсони бунёдкорро ба тасвир кашида, ба ин васила нигаришро ба ин гуна шеър тағйир дод. Шеърҳои ин силсила аз ҳамду сано ва тавсифҳои аз воқеият дур орӣ буда, фалсафаи зиндагӣ ва талошҳои инсони бунёдкорро ба хонанда менамоянд.

Аскар Ҳаким нақси шеърҳои силсилаи «Користони Норак»-ро дар он дидааст, ки гӯё дар баъзе шеърҳои ин силсила, аз ҷумла «Бунёдкорон» ва «Суруди тунелкорон», «ғоя бар мавзӯъ бор карда» шуда бошад (95,174). Ин андеша саҳеҳ набуда, дар шеърҳои ин силсила «ҳарфи шоирона чун нуқтаи гардиши ҳаракати сужет»(152, 84) арзиши хос дорад ва ифодагари вежагии маънавӣ ва шаклии шеърҳои ин силсила мебошад. Лоиқ дар ин силсила бо тасвири воқеият ва қиёси таърихию устураии он ба ҷанбаи лирикии осор вусъати ҳамосӣ бахшида, онро бо кӯшишҳои маънавии ҷомеа ҳамоҳанг сохтааст, ки имрӯз низ бо рӯҳ ва ормони воқеии мардум ҳамоҳангии комил дорад. Дар ин гуна шеърҳои Лоиқ ҳолатҳо, ҳодисаҳо ва ашёҳо омили аслии таҳрики рӯҳ ва ҳиссу андешаанд, ки аз хусусияти муҳимми шеърҳои дар ин мавзӯъ гуфтаи шоир мебошанд.

Яке аз ҳамин гуна шеърҳои Лоиқ «Балладаи офтоби Норак» мебошад. Албатта, дар эҷодиёти Лоиқ ба вуҷуд омадани жанри баллада ҳодисаи тасодуфӣ набуд.Ҳамчунон ки Қутбӣ Киром баъди тарҷумаи сонетҳои Шекспир ин гуна шеър навишт, Лоиқ низ зери таъсири воқеияти адабию фарҳангии замони шӯравӣ ва пайвандҳои адабию фарҳангӣ ва таъсирпазирии онҳо аз якдигар ба ин кор даст зад.

Истифодаи вожаи баллада дар шеъри «Балладаи офтоби Норак» тасодуфӣ нест. Ин ҳолатро мо дар шеъри «Ғазали боғбони пир» ва «Ғазали дарё» низ мебинем, ки ҳар дуи он шеър ғазал нестанд. Вале

шеъри «Балладаи офтоби Норак» бо вежагиҳои шакливу мундариҷавӣ хусусияти ин шеъри лирикиро ифода мекунад.

Ба назари А.Михайлов «навҷӯӣ дар шакл ин коркарди тозаи тасвирро ворид кардан аст. Ба назар мерасад, ки ғанӣ сохтани суннатҳо низ навоварӣ мебошад. Ҳама кор вобаста ба миқёс ва арзиши зебоишинохтии кашфиёт барои пешрафти адабиёт дар оянда аст» (128, 87). Аз ин ҷиҳат ҳам тозакорие, ки Лоиқ дар шеъри тоҷикӣ кард, кашфиёти зебоишинохтӣ буд ва тамоюлҳои пешрави адабиёти тоҷикиро ифода мекард. Аз ҷумла вусъати тасвири ҳамосӣ дар шеъри лирикӣ аз ҳамин гуна навҷӯиҳои ӯ буд. Ҳамосисозии шеъри лирикӣ дар таҷрибаи шоирии Лоиқ маънии «тақвияти миқёси андеша ва ҳисси шоирона»-ро (128, 42) мебошад. Ин тарзи эҷод ташаккули маънавии шахсият, вусъати доираи манфиатҳои вай, умқи интеллект ва маънавияти ҳиссиро дар назар дорад.

Дар «Балладаи офтоби Норак» ҳарфи шоирона ифодагари вижаи маънавӣ ва шаклии шеъри зикршуда аст. Тасвири воқеият ва қиёси таърихию устураии он ба ҷанбаи лирикии асар вусъати ҳамосӣ додаст, ки «онро ба партгоҳи зиндагии маънавии ҷомеъа» (128,43) медарорад.

Дар «Балладаи офтоби Норак» корнома ва фидокории бунёдкорони «нуристони Норак» ба тасвир омада он аз воқеиятҳо нишона дорад, вале афсонамонанд аст.

Басо ин сарзамини офтобӣ
Ба ҷуз хуршед ҳам хуршед дорад.
Даруни ҳар диле як пора хуршед-
Фурӯзон шуълаи ҷовид дорад.

Басо хуршед дар ҳар резаи санг,
Басо хуршед дар ҳар зарраи хок.
Басо хуршед дар ҳар гавҳари чашм
Басо хуршед дар ҳар чеҳраи пок…(25,301)

Ҳар сатри шеър нируи созанда ва мутаҳаррики халқи созандаро дар худ ниҳон дорад. Нируи ғолиб ҳаракатдиҳандаи тафаккури лирикии шоир бо вусъати ҳамосӣ аст. Ин тарзи  нигориш дар ҳар калима, ҳар талмеҳ зоҳир мешавад.

Дар ин шеър қиёси муҷизоти олам бо воқеият, яъне нури Норак мавқеи муҳим дошта, ба ҷанбаи лирикӣ ва ҳамосии баллада вусъат бахшидааст. Қиёсоти таърихиву ҷуғрофиёӣ ва  устураӣ тақвиятбахши андешаи созанда ва ҳисси ифтихор буда, дар баробари тақвият бахшидани  вусъати ҳамосии  баллада, ҳамчунин лирикӣ онро низ дар композитсияи асар  равшантар кардааст.

Оғози шеър вазифаи  дебочаро иҷро кунад ҳам, он пеш аз ҳама руҷӯи лирикист, ки  ба интизориҳои ҳазорсолаҳо ва ҷустуҷӯи нур хотима мебахшад. Нимаи дувуми баллада аз воқеияте нақл мекунад, ки  тарзи нигориши он ба қонуниятҳои  адабиёти шифоҳӣ тобеъ аст. Чаҳорпораҳои ин қисмат корномаи инсонро бо талмеҳ ба сарнавишти шахсиятҳои реалӣ (Муҳаббат Шарифов-сардори бригадаи бетонрезон ва Севенард  Юрий Константинович- сардори сохтмон) тасвир ва васф карда, қиёсоти таърихӣ, ки низ  талмеҳист, ҳашамат ва бузургии кори анҷомгирифта-бунёди ниругоҳи барқии Норакро ба тарзи образнок таҷассум менамояд. Бинобар ин воқеият ва эҳсосоту таҳаррукоти рӯҳӣ дар он ба тарзи драмавӣ ба тасвир омадааст. Чунончи:

Зи кулли муҷизоти рӯи олам
Дар ин ҷо нусхае ҳасту нишоне.
Агар дар ӯ ба чашми дил бубинӣ,
Агар аз ҳар варақ шеъраш бихонӣ:

Дар ин ҷо  бурҷи Эйфал сар кашида-
Нишони меҳнату меҳру садоқат.
Ниагар аз тунилҳо  тунд ҷорист-
Нишони хуни гарми аҳли заҳмат.

Дар ин ҷо маъбади хуршед бинӣ-
Гувоҳи шуълаи дилҳои равшан.
Ҳама аҳромҳои Миср ин ҷост-
Гувоҳи ранҷи мардони таҳамтан.

Ба сони пайкари рахшандаи Зевс
Дар ин ҷо маъбади нури замон аст.
Ҷаҳон дар рӯшноӣ раҳ биҷӯяд,
Дар ин ҷо роҳи фардои ҷаҳон аст! (25, 302).

Лоиқ дар ин баллада тавонистааст, ки ба воситаи ибтикороти шоирона эҳсосу андешаро ба сужет ворид созад ва баръакс, сужетро бо ҳис ҳамхонӣ бахшад. Ба ин тартиб, «Балладаи офтоби Норак», пеш аз ҳама бо тазйини ҳиссии густурда, ки аз вижагиҳои ин намуди шеър аст, фарқ мекунад. Лоиқ дар шеъри мавриди назар нафақат аз ҳодисаи муҳими аср ва таърихи тоҷикон-бунёди «Нуристони Норак» ёд мекунад, балки таассуроти худашро ба шеър ворид карда, дар вақти таҳкия ҳоли даруниашро, ки тасвир илқо мекунад, зуд тағйир ва такмил медиҳад. Дар ин баллада мавзӯи тасвири шоир нафақат воқеияти муайяни ҳаёт аст, балки бархӯрди ҳиссӣ ба воқеият низ ҳаст.

Мавзӯъҳои сиёсиву иҷтимоӣ аз солҳои ҳаштод ба баъд дар эҷодиёти Лоиқ оҳанги худшиносии иҷтимоиву маънавӣ касб карда, инсонро сӯйи худсозиву ҷомеасозӣ раҳнамоӣ мекунанд. Шоир дар ин марҳала ҳам доираи мавзӯву масъалаҳоро дар шеъраш тавсиа мебахшад, ҳам «дар ба кор бурдани абзору аносири баёнии худ озодона амал мекунад» (103, 106).

Ин марҳалаи тозаи шеъри иҷтимоӣ-сиёсӣ дар эҷодиёти Лоиқ буда, нирӯи корсозӣ ва сафарбарӣ дорад ва истиқлоли табъу андешаи ӯро собит месозад. Дар ин замина метавон аз шеърҳои «Шоири набардҳо» (1978), «Ҷавоб ба номаи Сулаймон Лоиқ» (1980), «Қасидаи миллион» (1980), «Шеъри сафеди «тиллои сафед» (1983), «Ниҳеб» (1984), «Ту куштӣ шоири қодирсуханро» (1988), «Танзе андар фироқи собун» (1989),

«Минбари коммунизм» (1991) ва ғайраҳо ёд кард, ки масъалаҳои ба сарнавишти миллат, фарҳанг ва таърихи он алоқаманди сиёсиву иҷтимоиро фаро гирифта, ҳадафҳои ғоявӣ ва миллию инсонии шоирро ифода мекунанд.

Дар ин замина шеъри «Минбари коммунизм» мавқеи иҷтимоӣ ва ахлоқии шоирро дар он замони худкомагӣ, ки низоми давлатдории шӯравиро фалаҷ карда буд, равшан ба назар менамояд. Шоир дар заминаи воқеияти давлатдории шӯравӣ, ки заифшуда буд, расмӣ, назарфиребӣ, ба дарсҳои таърих беаҳамият будан, «яккатозу якказору яккахор», «осмонҷӯи замингирӣ»-ро ҳамчун омили вайронгар ба тасвир гирифта, сипас меафзояд:

…Коммунизм ту –ҷавонии ҷаҳон,
Лек бетадбиру бепирӣ, дареғ.

Рӯи оламро гирифтӣ гӯиё,
Рӯи одамро надидӣ кӯрвор.
Рӯй меорӣ кунун бо сад ниёз
Сӯи ҳар мулке ба дӯшат кӯлвор.

Ҷони «ғоя» мояи мардум рабуд,
Ҷони «ғоя» хӯрд молу ҷони халқ,
Ҳар шикасте бар ту меояд сазост,
Чун шикастӣ қалъаи имони халқ.

Кардӣ ворун мактаби торихро,
Мактабат шуд мактаби бемактабӣ.
Рахна чун бар мазҳаби мардум задӣ,
Сӯи бесӯит шуд бемазҳабӣ…(25, 249-250).

Дигар аз мавзӯъҳои муҳимми шеъри Лоиқ андарзи ахлоқӣ мебошад, ки ҳам ба таври суннатӣ ва ҳам ба гунае дигар матраҳ шудааст. Ин хусусияти тафаккури таҳлилии шоирро дар аввалин

навиштаҳояш мушоҳида карда, А. Сатторов навишта буд: «Лоиқ аз нахустин шеъраш- «Ном» ва баъдан бо навишитани боз чанд шеъри дигар, мисли «Қулф», «Насиҳати модар», «Чашмаи дилёб», «Мукофот», «Арча» ва як силсила рубоӣ собит намуд, ки табъи ӯ ба гуфтани ашъори ҳикматомез майл дорад ва анъанаи назми Хайёму Саъдӣ, Шекспиру Пушкин ва дигар бузургони олами адабро давом доданист» (193,150). Ба андешаҳои андарзии ахлоқӣ таваҷҷуҳ доштани Лоиқро М. Шакурӣ (98,33-34), Х.Отахонова (187,131-140), М. Нарзиқул (75,81-82) ва Х.Шарифов (102, 140) ва В.Элбоев (206) низ таъкид ва таъйид кардаанд.

Лоиқ дар баёни андарзҳои ахлоқӣ тарз ва равиши хосро, ки маҳсули тафаккури таҳлилии ӯст, пеш гирифта, ба ин васила дастурҳои ахлоқӣ ва рафтори некро шоистаи ибрат медонад. Ба ифодаи В.Элбоев «Ҳадафи Лоиқ аз гуфтани мазмунҳои ҳикматомез ҳамоно тарбияи маънавии инсон аст, ки ин рисолати ростини шоирони ҳар давру замонҳост» (206).

Ин гуна шеърҳои ӯ аз аҳкоми хушк ва омӯзаҳои берӯҳ дур буда, «ҳосили як иртиботи дугона байни мушаббеҳ ва мушаббеҳубеҳӣ аст» (147,79). Масалан, дар ҳамон шеъри нахустинаш шоир тамсилро ҳунармандона ба кор гирифта, ба он маънои сонавӣ додааст. Маъно дар сурати шеър нест, балки дар лояи дарунии он хуфтааст. Шоир лояи берунии шеърро бо ёрии тасвир (дар санг кандани ном) шакл дода, унсурҳои тасвирӣ дар низоми маҷозии шеър маънои пинҳонро шакл медиҳанд. Рӯсохти шеър (шуҳратхоҳии ҷавон, зинда сохтани номаш, андешаи кандани ном дар рӯйи санг, ҷовид набудани санг, хидмати халқу диёр ва дар қалби мардумон сабт кардани ном) вазъиятест, ки дар зерсохти он нуҳуфтааст ва паёми ахлоқии фалсафиро, ки аз таҷрибаи зиндагӣ берун меояд, ба хонанда мерасонад.

Дар шеъри зикршуда ва «Арча» дарунмоя бар тасвир ғалаба дорад, ки аз вежагии ин гуна шеърҳои андарзии ахлоқии Лоиқ аст. Дар шеъри «Арча» сурати шеър, яъне арчаи кӯҳӣ, ки онро на боғбон нишондааст, на касе парвариш кардааст, бо бехазониаш шоирро ба

ҳайрат меоварад. Маълум мешавад, ки ин арча бар санги сахти кӯҳ худ рӯида, реша рондааст ва ҳоҷат ба касе набурдааст. «Рӯзии худаш ба зӯри худ бистондааст» (25, 19) абзоре ҳаст, ки паёми одӣ ва аз пеш маълумро шоир баён кардааст ва мазмунаш содаву идрокаш осон аст. Лоиқ як ҳақиқати ахлоқиро баён карда, сипас онро ба василаи тамсил муҷассам месозад ва натиҷаи ахлоқиро мисли Саъдӣ дар шакли зер пеш мегузорад, ки хонандаро раҳнамоӣ мекунад:

Ин аст туфайли худ ба худ печидан,
Ин аст ба чашми хеш олам дидан.
Ин аст баҳори ҷисми соҳибэъҷоз,
Ин аст ҳузури соҳиби худ будан (25, 19).

М.Шукуров дар мақолаи «Панду ҳикмат фалсафафурӯшӣ нест» навишта буд, ки «… панду ҳикмат як навъи эътироз ба он ҳама муносибатҳои ноодилона буда, қадри инсонро хеле баланд бардошта буд. Меҳри махсуси панду ҳикмат дар дили мардуми мо дар давоми ҷустуҷӯи ҳақиқат, ҷустуҷӯи моҳияти ҳаёт ва оламу одам пайдо шуда буд. Мардум натиҷаи ҳамин ҷустуҷӯҳои маънавиро ба шакли панду ҳикмат ба наслҳои оянда талқин мекарданд» (106,50).

Лоиқ бо ашъори ахлоқиаш ин равияро дар шеъри муосири тоҷикӣ ташаккул ва таҳаввул бахшида, тавонистааст, ки муҳимтарин масъалаҳои ахлоқиро дар шеърҳояш ба муҳокима кашад. Аз таҳлили чанд шеъре, ки ҷанбаи қавии ахлоқӣ доранд, ба ин натиҷа расидем, ки дар шеър барои Лоиқ таъсири намунаҳои ахлоқӣ беш аз таъсири аҳкоми ахлоқӣ будааст. Дар ин равиш барои шоир он чи ки нафратангез аст, накӯҳиданӣ буда, он чӣ матбуъ ва сутуданӣ аст ба маротиби бештар қадру манзалат дорад. Намунаҳои ахлоқие, ки шоир дар шеъраш тасвир кардааст, ба хонанда имкон медиҳанд, ки дар бораи адлу дод, баду нек, дӯстиву душманӣ ва ғайра биандешад. Ба ифодаи дигар, Лоиқ бо тасвири мавзӯву масъалаҳои ахлоқӣ дар шеъраш равиши рӯшангарии ахлоқиро дар адабиёти имрӯз ташаккул ва таҳаввул бахшид, ки ҷанбаи хоси бадеӣ низ дорад.

Шеъри «Қарзи фарзандӣ» дар нигоҳи аввал мавзӯи муқаррарии ахлоқиро матраҳ кардааст. Дар шеър масъалаи масъулият ва ҳувияти инсонии шахс ба миён гузошта шудааст. Агар ба фалсафаи ахлоқии Лоиқ аз мавқеи шинохти аслии рисолати инсон дар зиндагӣ таваҷҷуҳ кунем, мебинем, ки меъёрҳои таъолими ахлоқии ӯ ба боло бурдани фазилатҳои корсози инсонӣ равона шудааст. Лоиқ мисли пешгузаштагонаш ба мавзӯъҳои тарки дунё, қаноат, таваккул, тавозуъу фурӯтанӣ, хоксории ғуломвор, авфу ҳилм, ризову таслим, ҷуду сахо ва монанди инҳо гароиш надорад. Зеро шоир аз оғоз саҳеҳ дарк карда буд, ки ҳукумат бар озодӣ ва рифоҳи иҷтимоӣ барҷост ва таъолими ахлоқие, ки сафолат (сифлаҳо), диноат (пастфитратӣ) ва пастҳимматӣ меоварад, бар хилофи пешрафт ва тамаддун аст. Бинобар ин, дар яке аз аввалин шеърҳои тамсилии ахлоқиаш «Арча», ки дар боло ёд шуд, намоди арчаро ҳамчун намунаи ахлоқӣ ба тасвир кашида буд. Дар шеъри зикршудаи «Қарзи фарзандӣ» низ масъалаи озодӣ ва ҳувияти шахсият, бо талош ва ҷонсупорӣ ҳамроҳ тасвир шудааст:

Мард он, ки ба корзори ҳастӣ
Бе ханҷару бе сипар барояд.
Бе ханҷару бе сипар, валекин
Бо ҷавҳари сад ҳунар барояд.

Баҳри каму беши миллати худ
Бо бешу ками ҷаҳон ситезад.
Он ҷо, ки бирехт хуни нофаш,
Бояст, ки хуни дил бирезад (25, 99).

Ҳамчунон ки дар шеъри ахлоқии гузаштагон сабр, қаноат ва таваккул (ба чизе умед кардан) меъёри ахлоқ будааст, Лоиқ дар шеъри боло ва бисёре аз навиштаҳои дигараш мустақилият ва тавоноии инсонро суруда, мулозимат ва нӯкариро омили озодӣ ва саодат намедонад. Шеърҳои «Аъмо», «Умри булбул», «Эй дарахти безабон», «Рӯи одамҳо», «Фиръавни устухонӣ» ва ғайра дар ҳамин равиш навишта

шуда, баёнгари меъёрҳои собити ахлоқи инсонӣ, аз ҷумла озодӣ ва иззати нафс дар шеъри шоир ҳастанд.

Лоиқ андешаҳои ахлоқиашро дар ҳамаи шаклҳои шеъриаш баён кардааст. Вале дар ин замина китобаҳояш хусусиятҳои хоси шеъри ахлоқии ӯро ифода мекунанд[1]. Дар ин китобаҳо матлаб ва андешаи ахлоқӣ на ба таври урён ва хитобаи хушк, ки хоси бештарини ашъори ҳамсони замони шӯравӣ буд, балки тавассути сувари хаёл, ташбеҳу истиора ва муболиғаву ташхис ва дигар воситаҳои тасвири шоирона бо вазн, қофия, радиф ва лаҳни муассир баён шудааст. Барои мисол, китобаи «Дар минбар», ки аввалин намуди ин гуна шеър дар эҷодиёти Лоиқ аст, аз ду банди чаҳорпора иборат буда, аз бисёр ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Муҳтавои тоза, сохтори нави шеър, усули тасвир, ки лаҳни тозаи хитобӣ ҷузъи он аст, аз вижагиҳои ин китоба мебошад:

Эй шумо, ки нотиқони минбаред,
Аз Сисерон ҳам шумо нотиқтаред.
Иқтибос аз дигарон бишнидаем,
Иқтибос аз ақли худ ҳам овared!

Дастро бардошта сӯи само
Ҳар гаҳе ки нутқи бурро мекунед.
Аввал андешед, баъди анҷуман
Гуфтаҳои хеш иҷро мекунед? (25,530).

Ин китоба дар матни воқеияти замони зиндагии шоир суруда шуда, дар он як матлаби муҳими иҷтимоӣ ва ахлоқӣ баён шудааст. Шоир яке аз авомили манфии ахлоқиро, ки зоҳирнамоӣ, бадаҳдӣ ва бемасъулиятии

---

*1.Лоиқ нахустин бор ин намуди шеърро бо номи* ***китоба*** *дар маҷмӯаи «Хоки Ватан» гирд оварда буд. Мутаассифона, дар нашрҳои тозаи осори ӯ, ки баъди сараш чоп шудаанд, шакли тасҳифшудаи он* ***катиба*** *омадааст, ки ғалат мебошад. Шакли саҳеҳи ин вожаро муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» ба ин дастур забт кардааст: «Китоба-(کتابه) бар вазни* ***висода;*** *он чи ба хати ҷалии насх ё настаълиқ ё ба хати туғро бар масоҷид ва мақобир ва дарвозаи умаро нависанд ва ё нақш кунанд» (4,162).*

афрод дар баробари рисолати инсонӣ, иҷтимоӣ ва одамият аст, зери боди масхара мегирад. Танзи кушандаи ӯ таъкид бар муқаддасии минбар ва собитқадамию озодии инсон дорад. Ин андешаи иҷтимоиву ахлоқиро шоир на ба тарви урён, балки ба сурати хаёл, ки ҷавҳари шеър ва боиси бақои он низ ҳаст, ироа кардааст.

Лоиқ дар банди аввал дар муқоиса бо нотиқи Руми қадим-Сисерон хилқати нотиқони худхоҳу зоҳирнамо ва мулозиму нӯкарро нишон медиҳад. Дар банди дувуми шеър масъулияти ин афрод дар пеши озодӣ ва масъулияти инсонӣ таъкид шудааст. Китоба хусусияти таълимӣ ва ахлоқӣ дошта, моҳияти иҷтимоии ин навъи шеърро дар эҷодиёти шоир муайян мекунад. Ташбеҳ ва талмеҳи Сисерон ҷанбаи тахайюлӣ ва ҳусни тасвирро дар китоба афзудааст.

Доираи мавзӯъҳои ахлоқие, ки дар китобаҳо ба тасвир омадаанд, гуногун буда, масъалаҳои қадршиносии шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ, шинохт ва қадрдонии падару модар, эҳтиром гузоштан ба суннатҳои миллӣ, ғанимат донистани зиндагӣ, қадри одам ва ғайраро дар бар мегиранд.

Шоир барои тарҳ ва тасвири мавзӯъҳои ахлоқӣ нуктаҳои муҳимеро, ки метавонанд ифодагари эҳсосу отифаи шоирона бошад, дарёфта ва дар қолаби шеърӣ ифода кардааст. Вале ин тамоюли ҳунарии ӯро дар вақташ нақди адабӣ дуруст арзёбӣ накарда буд. Аз ҷумла, А.Ҳакимов дар як суҳбаташ бо Лоиқ аз китобаҳои шоир ёд карда, гуфта буд: «Парвоз дар бисёре аз шеърҳои шумо ҳаст. Бештар ин парвозҳо ба дуродур ва ба фазои мақсадҳои бузургу наҷиб аст. Бидуни он ки дар шеърҳои «Ҳамсолони паровари ман», «Ба ёдбуди Гагарин» парвоз табиист, яъне худи мавзӯи шеърҳо парвоз аст, дар аксари шеърҳои шумо парвози илҳом ҳис мешавад, чӣ ҳоҷат буд, ки дар «Китобаҳо»-и китоби наватон (манзур «Хоки Ватан» аст-Х.Р.) «суханреза» гӯед? Гирем, китобаҳои шуморо дар чигас (асо), шпал ва ишорачӯби раҳбон. Шояд, ҳамин хел хурд варзидани мақсад, ҳатто Хайёме, ки аз рубоиёти Шумо

бештар чун файласуф ва марди оламшинос арзи ҳастӣ карда буд, ба майкадаи «Фароғат» омада мегӯяд:

Шумо шоҳид, ки ҳозир омадам ман,
Дар он дунё буфету ресторан нест» (95,164).

Ин тафсир, яъне хурд шинохтани мақсади шоир дар китобаҳояш аз воқеият билкул дур аст. Лоиқ китобаеро, ки А.Ҳакимов байти болоро аз он иқтибос кардааст, дар назар дошта, дар он ҳазл карданашро таъкид варзидааст (95, 165). Аслан байтеро аз катибаи тамомиёр ҷудо карда, дар бораи он хулоса кардан ҳадафи ғоявии шоирро таҳриф кардан асту бас.

Китобаи мавриди назар «Дар сақфи майкадаи «Фароғат» унвон дошта, аз ду банди чаҳормисраӣ иборат аст ва ҳар банд сохтори қавии шеърӣ ва тасвирӣ дошта, ғояи аслии мавриди назари шоирро тақвият мебахшанд. Байте, ки А.Ҳакимов иқтибос кардааст, аз банди дувуми ин китоба гирифта шуда, мазмун ва муҳтавояш банди китобаи аввалро тақвият мебахшад. Дар ҳар ду банди китоба ҳам сохти композитсионӣ устувор буда, шаклу мундариҷа таносуби комил доранд. Шоир ин китобаро дар шакли чаҳорпора гуфта, мазмуну муҳтаво низ тоза ва ғайрисуннатӣ аст ва ҳадафи хоси ғоявии муаллифро ифода мекунад:

Аз он дунё агар Хайём ояд
Ба ин майхонаи кошию гулрез,
Бинӯшад ҷоми моломолу гӯяд:
-Нигаҳ дорад Худо аз дарди парҳез.
Бирақседу бибӯседу бинӯшед,
Ки ин ҷо ҷои баҳси мову ман нест.
Шумо шоҳид, ки ҳозир омадам ман,
Дар он дунё буфету ресторан нест… (25, 535)

Ғояи китоба зидди меъёрҳои ахлоқии дар шеъри гузаштагон шоеъи тарки дунё, қаноат, ризову таслим ва дунёбезорӣ буда, бар ғанимат шумурдани вақту умри гузарон таъкид дорад, ки ҳеҷ гоҳ «хурд

варзидани мақсад» (95.164) нест, балки таносубе бо машраби хайёмӣ дорад.

Лоиқ китобаро ба як василаи муҳими баёни афкори иҷтимоиву ахлоқӣ, панд ва софкории хилқати инсон табдил додааст. Шоир дар ҳар китоба, ки дар мавзеъе ё ашёе забт шудааст, алоқаманд ба ҳамон мавзеъ ё ашё санад ё воқеаеро зикр карда, моҳияти ахлоқии онро мекушояд. Аз ин назар китобаҳои «Дар санги мазори падар», «Дар санги гӯрҳо», аз ҷумла санги гӯри модар ҳоли инсон, манзалат ва эҳсосу андешаи ӯро намуда, ҳамчун ҳушдори ахлоқӣ садо медиҳанд.Инҳо ва бисёре аз дигар китобаҳои шоир нақши ахлоқии инсонро дар ҷомеа матраҳ мекунанд, ки ҳарфи тоза аст.

Ба ин тартиб равиши мазмунофарӣ, аз ҷумла андарзҳои ахлоқӣ ифодагари хусусиятҳои хоси тафаккури бадеии Лоиқ буда, то охирин рӯзҳои ҳаёти шоир ҳамсафари ҷустуҷӯҳои эҷодиаш будааст, ки тадқиқот ва арзёбии татбиқиро тақозо мекунад.

## II.2. Лоиқ ва ҳувияти миллӣ

Мо дар боби мавзӯи Ватанхоҳӣ дар эҷодиёти Лоиқ дар фавқ чанд нуктаро баён доштем. Ин мавзӯъ аз оғоз масъалаҳои худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллиро дар тафаккури бадеии Лоиқ ҳамроҳ дошт ва баъди солҳои ҳафтод ба тарзи чашмгир дар шеъри ӯ рушд кард.

Х. Шарифов инкишофи ин равиши мавзӯиро дар эҷодиёти солҳои ҳафтоду ҳаштод ва баъди Лоиқ ба дигаргуниҳои дар сохти иҷтимоӣ ва рӯҳияи умумии ҷомеа ба амал омада вобаста дониста, аз ҷумла ба ин хулоса меояд, ки дар он рӯзгор «нишонаҳои суннатҳои миллӣ костан гирифтанд, хавфи гум шудани чеҳраи худӣ ва асолати миллӣ пайдо шуд. Дар натиҷа шоирон рӯй оварданд ба тарғиби нигаҳ доштани фарҳангу тамаддуни миллӣ» (102, 145).

Акбари Турсони Набипур низ омили аслии таваҷҷуҳи Лоиқ ба масъалаҳои худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллиро «ба марҳилаи

нави таҳаввули шӯравӣ» (74, 19) вобаста медонад. Вале агар мо ба масъалаи марҳилаҳои худшиносии фардӣ дар тафаккури бадеии Лоиқ назар кунем, мебинем, ки ҷустуҷӯҳои шоир фаротар аз омили замонӣ аст.

Дар асл низоми Шӯравӣ ҳатто дар ҳамон замон «фазои нисбатан озоде»-ро ба вуҷуд овварданаш ба тамоюлҳои инкишофи маънавии миллатҳо чандон таваҷҷуҳ надошт. Сахаров барин шахсиятро барои ҳимоятҳояш аз озодии ақаллиятҳои миллӣ ҳабси хонагӣ кард. Солженитсин фирор намуд. Фоҷиаҳои солҳои навади Тоҷикистон низ маҳсули ҳамон «фазои нисбатан озод» аст.

Мақолаи А. Сайфуллоев «Садои лирикаи гражданӣ», ки дар қатори шоирони дигар, аз ҷумла Бобо Ҳоҷӣ, Файзулло Ансорӣ, Мастон, Ғоиб Сафарзода ва дигарон Лоиқро низ барои шеърҳои «ба ватани хурд»- Тоҷикистон, зодгоҳ бахшидааш зери тозиёнаи танқид гирифта буд, ки муносибати воқеӣ ва реалии «фазои нисбатан озод»-ро ба адабиёт сареҳан нишон медод.

Ба назари мо, такондиҳандаи аслии зеҳнияти Лоиқ ба дарк ва фарогирии масъалаҳои худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллӣ, ҳувияти инсонӣ ва фардияти ҳунарии ӯ буд, ки баъдтар ҷунбиши фарогири миллиро пояризӣ кард.

Ҳувияти инсонӣ ва фардияти ҳунарии Лоиқ дар шинохти миллат, ватан ва арзишҳои миллӣ аз нахустин шеърҳояш, аз ҷумла шеъри «Зарафшон» (1960) ва мақолаҳояш, ки дар мавзӯи ҳимоят аз расму оини миллӣ дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп карда буд (190), равшан ба назар мерасид. Дар ҳамон шеъри «Зарафшон» унсури муҳими табиати диёр-дарё намоди миллии ибрат ба назар омада буд. Юсуф Акбаров дуруст мушоҳида карда буд, ки «меҳри деҳу зодгоҳ, сангу дарёи диёр шоир ва қаҳрамони лирикиро ба корномаҳои тоза дар роҳи ободию саодатмандии халқу Ватан даъвату сафарбар мекард» (46, 124). Поёнтар ҳамин муҳаққиқ васфи «хонаи хурди падарро», ки

Гулрухсор «як пораи хоки Ватан донистааст», маҳдуд меҳисобад ва чашмандози онҳоро «дар фазои Ватан тангтар» (46, 126) унвон мекунад.

Муқовимат ба шеъри худшиносии миллӣ, аз ҷумла навиштаҳои Лоиқ дар муҳити илмиву адабӣ дар солҳои ҳафтоди садаи гузашта равиши сиёсӣ ва мавкуравиро муайян мекард. Ин нигариш ба шоироне, ки ба зодгоҳ ва муҳити миллӣ гароиш доштанд, назари нек надошт. Хулосаи дидгоҳҳо оид ба ин масъала ҳамон буд, ки К. Беков, М. Ҳазраткулов ва С. Аҳмадов дар мақолаи «Чанд андеша» баён карда буданд: «Дар эҷодиёти шоирони ҷавон ба шеърҳое дучор шудан мумкин аст, ки дар онҳо зодгоҳ, маҳалли зиндагӣ ва ғайра тасвир ёфтаанд. Доираи мавзӯи ин қабил шеърҳо аксаран хеле маҳдуданд, чунки онҳо фақат ба як гурӯҳи одамон, ба аҳли як маҳалли муайян бахшида шудаанд. Васфи маҳал ва мардуми он, ба фикри мо, ба шоирони ҷавон авфпазир нест...» (71,286). Мавзӯи зодгоҳ ба андешаи ин файласуфон «фазои танги деҳа»-и шоирон ҳисоб меёфт.

«Фазои нисбатан озоди солҳои шасту ҳаштод» (74, 19), ки Набипур гумон кардааст, оид ба шеъри миллатдӯстонаву худшиносии миллӣ ҳамон гуна монеаҳои идеологие ба вуҷуд оварда буд, ки зикр кардем. Дар ин рӯзгор Лоиқ зери фишори шадиди идеологии ҳоким қарор дошт, гоҳе он чи ки дилаш мехост гуфтан наметавонист, вале бо ин ҳама бо нубуғи шоирӣ, ки бидуни шак худодод аст, он чизҳоеро гуфт ва он нукотеро рӯшан кард, ки то устод касе аз хомазанони мо дар он бора ҳатто фикр накарда буд. «Дар он рӯзгор ҳарфҳои миллию меҳаниеро устод ба адабиёт кашид, ки аз як сӯ, мағзҳои моро таҳрик мекард ва, аз сӯи дигар, шоирону адибони моро низ ба ҳамин ҷараён мекашид» (71, 287).

Дар давраи аввали эҷодиёташ биниши бадеии Лоиқ мисли дигар шоирон дар идроки воқеияти таърихӣ, шинохти ҳастӣ ва ҳувияти миллӣ мустақил набуд. Ҳатто ҳамон шеъри машҳури «Ватан», ки бо мисраи «Ватан сар мешавад аз гоҳвора» сар мешавад, зери таъсири шеъри шоири рус М.Матусовский «С чего начинается Родина?» эҷод шуда буд.

Вале дар ҳамин шеър низ рӯҳи мушаххаси миллӣ, эҳсосу таассуроти бо андешаи миллӣ ба ҳам омада, шеъри Лоиқро аз умумигӯиҳои он рӯзгор ҷудо мекард.

Аз солҳои ҳафтод ба баъд афзудани гунҷоиши ёди таърихӣ равиши худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллиро дар эҷодиёти Лоиқ муайян кард. Ҳамчунон ки М. Шакурӣ низ таъкид варзидааст, шеъри асили худшиносӣ «бо ҷусторҳои Лоиқ ва Бозор Собир шурӯъ шуда, то имрӯз дар рушди он Мӯъмин Қаноат, Гулрухсор, Гулназар, Аскар Ҳаким, Фарзона нақше вежа доранд. Аммо рушду камоли шеъри худшиносӣ бештар аз ҳама ба нигоҳи хос ва сухани обдори Лоиқ вобаста аст» (99, 453).

Огоҳии комил ва дилбастагии хирадмандона ба фарҳанг, таърих ва тамаддуни гузаштаи миллат Лоиқро водошт, ки бо озодагӣ ва ҷавонмардии тамом гузаштаи пурифтихорро дар ёдҳо зинда сохта, арзишҳои ҷовидонаи онро дар ҳифзи асолати таърихӣ, нажодӣ ва фарҳангии миллат ба кор гирад. Лоиқ бо таваҷҷуҳ ба асли асолати Ватан дар шеъраш рукнҳо ва намодҳои асосии ҳастии таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳувияти тоҷикиро барои хонанда менамояд. Дар ин замина барои шоир сарнавиштҳо ва хулқу хӯҳое, ки сабаби идомати таърихӣ, суботи шаън ва эътибори миллат дар тӯли таърих будааст, арзиши хос доштаанд.

Лоиқ дар асоси воқеияти рӯзгор, ҳуҷҷатҳои таърихиву адабӣ ҳастии таърихиву фарҳангӣ ва ҳувияти миллии тоҷиконро дар шеъраш фаро мегирад. Шоир дар ин равиш саъй кардааст, ки ҳувияти миллии тоҷиконро аз аъмоқи тамаддун, таърих ва амалу кирдори шахсиятҳои таърихӣ ва воқеӣ берун биоварад ва дар шеъраш таҷассуми бадеӣ бахшад. Ҳамин диди бадеии Лоиқ ба мо имкон медиҳад, ки дар масири осораш ба кашфи ҳувияти тоҷикӣ ва шинохти меъёрҳои он даст ёбем.

Лоиқ аз солҳои ҳафтод ба баъд ба сарзамини ниёгони мо-Эронзамин, ки Тоҷикистон як ҷузъи он аст, ба унвони як сарзамини ҷуғрофиёӣ наменигарад, балки онро ҳамчун як суннати шинохташудаи

фаромаънавӣ медонад. Бинобар ин шоир муваффақ шудааст, ки шеъри худро ба намоди фарҳангии миллат табдил диҳад. Дар ин замина ӯ аз ба нудурат шоиронест, ки зиндагии ҳаммиллатонашро дар қаринаи воқеиятҳои таърихиву замонӣ дар осораш мавриди қазоват қарор дода, ифтихорот, суннатҳои дилбастанӣ ва имтиёзоти рафтору ахлоқи мардумро ба шеър меоварад. Дар шеъраш бо усули гуногун офатҳои ғурур, худбиниву бадбинӣ, фиребу риё, истибдоду золимӣ, ҳавасбозиву гумроҳиҳои фардиву иҷтимоиро тасвир карда, натиҷагириҳои рӯшанфикрона, амиқ ва хирадмандонаи худро аз ҳастӣ, марг, ҷабру гароишҳои неку бади сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқӣ баён медорад. Шоири бузург ба ин васила бо кашфи арзишҳо ва зидди арзишҳое, ки дар бақои фарҳанги иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаи тоҷикон соҳиби саҳм ҳастанд, ҳушёрии миллӣ ва инсонии ҳаммиллатонашро талаб мекунад. Ин усули ҳувиятшиносӣ дар таҷрибаи шоирии Лоиқ беназир буда, умқу паҳнои маънавию ҳунарии мушаххас дорад ва баёнгари биниш ва тафаккури хоси бадеии ӯ дар шинохти ҳувияти миллӣ мебошад.

Ин тарзи нигариш ва ҳувиятҷӯии Лоиқ нахустин бор дар шеъри «Хоки Ватан» бо «нигоҳи тоза ва сухани обдор» (А.Сатторзода) ҷолиби диққат буд. Бинобар ин шеъри «Хоки Ватан» баробари нашр шудан мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифт. Аз ҷумла А.Сатторов онро «яке аз беҳтарин шеърҳои Лоиқ» шинохта навишта буд, ки «ин шеър бо мазмуну образҳои тозаи шоирона, ғояи неку олӣ, вусъату амиқии тасвирҳо, вазни хушу интонатсияи бой имтиёз дорад» (90,96). Имтиёзи дигар ва муҳимми ин шеър дар мавзӯву мундариҷаи он аст. Таваҷҷуҳи зеҳнии шоир (қаҳрамони лирикӣ) ба санади таърих яке аз усули шинохти ҳувияти миллӣ дар шеър аст, ки тадриҷан дар эҷодиёти шоир ташаккул ва таҳаввул меёбад. Дар шеър санади таърих ҳофизаро таҳрик мебахшад, гузаштаро бо имрӯз қарин месозад, ки тарзи тоза ва пурмаънии худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллӣ дар эҷодиёти шоир аст. Дар ин шеър андешаи зеҳнии шоир таъкид бар фоҷиаҳои

сарнавишти таърихии тоҷикон дорад, ки ба ифодаи А.Ҳакимов намоёнгари «бузургии маънавии халқ» (95, 167) мебошад.

Мо дар боло ишора кардем, ки назарияи идеологии ҳукмрони замони Шӯравӣ бар афкори адабӣ низ ҳокимият дошт ва ваҳдати назарии ягонагии халқҳои шӯравӣ, ватани ягона ва халқи ягонаи шӯравиро дар зеҳни мардум парвариш медод. Ин ва назарияи исломии ваҳдати фарзандони одам новобаста ба нажод, забон ва фарҳанг бо ҳам монанд буданд. Вале бо гузашти замон маълум шуд, ки ҳадафи асосии ин назария (ҳам коммунистию ҳам исломӣ) бар миллатҳои дигар султа пайдо карда, аз байн бурдани ҳувияти таърихиву фарҳангӣ ва миллии онҳо будааст.

Лоиқ дар зиндагӣ ва шеъраш ба ин назар эътиқод ва бовар надошт ва шеърҳои дар мавзӯи таърих навиштааш, аз ҷумла «Хоки Ватан» як навъ вокуниши ӯ дар ин боб буд. Чунон ки мебинем дар ин шеър Ватан беҳтарин василаи будан ва зистани миллат ва афроди он аст. Лоиқ Ватанро, пеш аз ҳама иттиҳоди иҷтимоии соҳибони он медонад. Бинобар ин тасвири шеърии <u>як каф хоки Ватан</u> ифодагари ҳастии таърихӣ ва фарҳангии Ватан ва миллат аст. Дар ин шеър барои Лоиқ Ватан фақат як истилоҳи ҷуғрофиёӣ нест, балки меҳвари рӯҳоният ва ҳувияти миллат аст, ки Ватан ба он нисбат дода мешавад. Бинобар ин маънии маҷозии <u>хоки Ватан</u> ва ифодаи <u>мардони пурҳасрат,</u> ки хоки Тоҷикистонро парешон кардаанд, дар таъйиди ҳамин назари меҳвари рӯҳоният ва ҳувияти миллӣ будани Ватан аст. Рамзҳои гӯё ва ҳоловар дар ин шеър ба хонанда роҳеро менамоянд, ки ба воситаи он метавон байни зиндагӣ ва сарнавишти намояндагони ин миллат ва андешаю орои созандаи он ҳамоҳангӣ эҷод кард ва ин шарти муҳими бақои миллат аст, ки шоири ормонҷӯ мехост. Чунончӣ:

Гарчи номат
Ҳамчу мулки кӯҳсорон дар ҷаҳон машҳур шуд
Лек боке нест!
Баҳри он сангат зиёду кӯҳҳот

То бисозӣ пайкара бар ёдгори он ҳама
Мардони пурҳасрат,
Ки хокатро парешон кардаанд.
Баҳри он мардон,
Ки номатро ба олам Тоҷикистон кардаанд.
Пайкара чандон тарошӣ месазад
Баҳри он мардон, ки хокатро кунун зар кардаанд,
Кӯҳҳоятро барои арзи меҳру дӯстӣ
Ин замон озод минбар кардаанд… (25,125)

Дар ин ва бисёр шеърҳои дигар, ки Лоиқ ба чеҳраҳои таърихии миллӣ бахшидааст, шахсияти шоир аз ҳайсияти қаҳрамони лирикии шеър ҷудо нест. Ин ҳодиса намоёнгари ҷасорати шоирии ӯ дар шинохт ва арзёбии ҳифзкунандагони асили ҳуввияти таърихиву фарҳангии миллат мебошад. Ин нукта бо он ишора дорад, ки дар он замони каҷдору марез «Лоиқ дар ягон қолаб намеғунҷид» (56, 54). Агар ба тарзи дигар гӯем «Лоиқ мутобиқи идеологияи ҳоким кор ва рӯзгор» (56,54) надошт. Ин ҷасорати ҳоким бар зеҳни шоир барои адабиёти мо ва рушди тафаккури таърихиву ҳувияти миллӣ муассир буд. Лоиқ бо чунин шеърҳояш «бо бозҷустҳои таърихӣ барои амиқбурди худогоҳии миллӣ» (М.Шакурӣ) замина гузошт, ки шеъри «Хоки Ватан» оғози ин ҷустуҷӯҳо буд. Ба таъсири ин шеър дар зеҳнияти хонандаи он рӯзгор шаҳодати зерини Гулназар гувоҳи содиқ аст: «Ба ман,- менависад Гулназар, - шумораи нави «Садои Шарқ» расид. Онро кушодаву бо шеъри «Хоки Ватан»-и Лоиқ рӯ ба рӯ омадам. Банди аввалро хондаму карахт шудам. Шояд асари ғурбат буд, шояд асари сухан, беихтиёр аз чашмонам ашк равона гардид. Ман то ба он лаҳза чунин шеъреро бо чунин муҳтаво нахонда будам» (56,54).

Сабаби муваффақияти ин шеър аввалан аз шеваи меҳварии зеҳнӣ кор гирифтани шоир аст, сониян, ҳадафи ғоявии он, ки марбут мешавад ба масъалаҳои худшиносии таърихӣ ва ҳувиятии миллӣ. Ба ҳамин сабаб андешаи шоиронаи Лоиқ дар шеъри мо пайравони зиёд пайдо кард, вале

шеъри ҳеҷ кадоме аз онҳо то ба дараҷаи шеъри Лоиқ нарасидааст. Агар беҳтарини ин пайравиҳо шеъри Бозор Собир бошад, дарёфти ӯ низ ба қавли Гулназар «он қадар шоирона» набудааст. Ба назари мо, камтаъсирии шеъри Бозор Собир дар он аст, ки тасвири шеърӣ бофта буда, заминаи воқеӣ надорад ва бо зеҳнияти мардум мувофиқат надорад. Тасвири шеърии <u>як каф хоки Ватан</u> дар шеъри Лоиқ заминаи воқеӣ, зеҳнӣ ва миллӣ дошта, дарёфти пайванди ҳиссӣ миёни воқеияти тасвири шеърӣ ва таҷрибаи ҳиссӣ ба он шукӯҳи маънавӣ ва пӯёӣ бахшидааст, ки омили аслии таъсирбахшии он аст.

Тамоюли худшиносии таърихӣ ва ҳувиятии миллиро дар эҷодиёти Лоиқ шеърҳои ба таърих ва шахсиятҳои таърихӣ бахшидаи ӯ тақвият мебахшад. Ин гуна шеърҳо ҷузъи эҳсос ва андешаи шоир буда, консепсияи ҳувияти миллиро дар шеъри шоир мушаххас месозанд.

То Лоиқ ин гуна шеърҳо, ки ба таърих ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ бахшида шудаанд, бисёр буданд. Вале ҳеҷ кас ҷуз Лоиқ натавонист, ки воқеияти таърих ва мушаххасоти рӯзгори чеҳраҳои таърихиро аз муҳтавои айнии он берун кашад ва моҳияти инсонӣ ва миллии онро равшан созад. Лоиқ бо эҳсосу андеша ва биниши густурдатар тавонист дар уфуқе бас фарохтар бингарад ва муосирони худро зери таъсири куллии таърихи зиндаи тоҷикон қарор диҳад. Ин бозҷустҳои амиқ ва ҳунармандонаи таърихӣ заминасози амиқрафти биниши худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллӣ ва дарёфти ҳувияти миллӣ аз матни таърихи гузаштаи тоҷикон дар шеъри шоир гардид.

Сабаби мондагории бисёре аз шеърҳои дар ин мавзӯъ навиштаи Лоиқ ҳамоно ба биниши жарф ва андешамандӣ ва балоғати тасвир марбут мешавад. Ситоишгарии Лоиқ аз таърих ва ифтихороти гузашта ҳофизаи миллатро зинда ва ёди онро ба гузашта пайваст. Шоир таҷрибаи таърихиро ба шеър оварда имрӯзро бо дирӯз пайваст, ки дар таъйиди муосирии ин шеърҳои ӯянд. Ҳамчунон ки В.Элбоев низ мушоҳида кардааст, ин қабил шеърҳои шоир «бозгӯи он аст, ки шоир ҳамвора барои зинда гардондани ҳофизаи таърихӣ, худогоҳӣ,

хештаншиносӣ ва барқарор намудани ҳақиқату адолат талош менамуд» (207).

Такомули манзараи ҳастӣ дар паҳнои таърихӣ дар шеъри Лоиқ мушаххас аст. Он ҳамеша огандаи эҳсосу андешаи «ман»-и зеҳнии шоир ва ё қаҳрамони лирикии ӯст. Ҳодисоти таърихӣ ва ормонҳои чеҳраҳои таърих ва ё муосир зинда ва пурэҳсос тасвир шудаанд. Нақшаҳову ангораҳои таърихӣ дар ин гуна шеърҳо гоҳо драмавӣ, гоҳи дигар асроромезу шавқовар ва хаёлписандонаю ормонӣ ба тасвир омадаанд. Дар баъзе шеърҳо гиреҳи ҳодисаҳои норавшани таърихӣ бо калиди андешаи дурбинона боз мешаванд.

Дар шеъри «Оли Сомон» шоирро фоҷиаи салтанати Сомониён ба андеша мебарад. Ин таърих дар зеҳни шоир тулӯъ ва ғуруби «Давлати навкисаву навхонагон, Давлати навдавлату навхоҷагон, Кӯдаки якрӯзаи таърихи тоҷикон»-ро зинда месозад. Сатрҳои охири шеър ҳисси надомат, худшиносӣ ва парастишу шинохти асреро дар ёди хонанда зинда месозад, ки нишони мушаххасе аз ҳувияти миллии давлатдорӣ дорад. Шоир ба ин васила таърихро ба хидмати замон мекашад.

Эҳсоси амиқи воқеияти таърихӣ ҳувияти аздастрафтаи миллиро боз менамояд:

Маснаде дар ҳалқаи саҳронишинон,
Бӯстоне дар миёни шӯразорон,
Гулхане дар лобалои кӯрдуд,
Паҳлавоне дар миёни нотавонон-
Оли Сомон!

Махзани тилло ба дасти боддастон,
Шоире дар инҳисори худпарастон,
Уфтода ахтаре ногаҳ зи гардун
Дар муҳити золимону зулматистон-
Оли Сомон!

Гӯиё

Як нафас тоҷикро таърих дод ойинае,

То дар ӯ бинад нишони хештанро,

То дар ӯ ёбад ҷаҳони хештанро,

Лек шодикаф шуду ойина аз дасташ фитод,

Хештанро ҳам надиду дигаронро ҳам надид… (25,106).

Дар ин шеър Лоиқ ба кашфи ҳувияти миллӣ ва шинохти меъёрҳои фарққунандаи он даст меёбад, ки ҳам мусбат асту ҳам манфӣ. Сабаби заволи давлати Сомониён паҳлуи манфии ин ҳувият аст ва ин дарки ҳушмандонаи воқеияти таърихӣ ба шоир имкон фароҳам овардааст, ки шеърро бо натиҷаи истеҳзоомез анҷом бахшад.

Лоиқ дар шеърҳое, ки ба шахсиятҳои таърихӣ бахшидааст, бо нирӯи тахайюл ва тасаввур ва ёрии эҳсос бар сарнавишти онҳо нуфӯз пайдо мекунад. Вай аз ҷаҳони номавҷуди аздастрафта руҳи гузаштагонро фаро мехонад ва асрори ҳайсияти инсониву ҳуввияти миллии онро суроғ менамояд. Шукӯҳи таърихӣ ва сукути Исмоили Сомонӣ («Оли Сомон») –тоҷикон («Таърих гувоҳ аст…») ва ғайра худ аз худ таваҷҷуҳи ӯро ҷалб накардааст. Шоир тафсири маънавии қисмати ин шахсиятҳои таърихӣ ва миллатеро бо ёрии эҳсосу андеша, қудрати тахайюлу тасаввур дармеёбад. Шеърҳои таърихӣ ва ба чеҳраҳои таърихӣ бахшидаи Лоиқ ифодагари рӯҳ ва ҳувияти таърихии миллатанд.

Дар нимаи дувуми солҳои шасти садаи гузашта дар мавзӯъҳои таърихӣ Мӯъмин Қаноат, Гулрухсор ва Бозор Собир низ шеъру достонҳо навиштаанд. Миёни навиштаҳои ин шоирон ва Лоиқ тафовутҳои ҷиддие ҳаст, ки муқоисаи онҳо мавзӯи баҳси алоҳида мебошад. Ҳоло дар ин замина ба чанд нуктаи муҳим ишора мекунем. Дар ин гуна шеърҳо таассуроти бардавоми шоирро ҳиссиёти лирикӣ мусалсал сохта, ба таъсири ҳиссии андешаи ӯ меафзояд ва ба он рангу ҷилои муассири бадеӣ мебахшад. Ин усули дарки бадеии воқеияти таърих ва ҳақиқати сарнавишти чеҳраҳои таърихӣ ба шоир барои дарёфти андешаю орои нав имкон фароҳам овардааст. Ба ифодаи

дигар, Лоиқ ба нирӯи пиндор ва тасаввурот дар шеърҳояш озодӣ бахшида, имконеро фароҳам меоварад, ки аз миёни ёфтаҳои тасаввурӣ, ки ба маъниҳои рӯшан ва устувор ишора мекунанд, он суратҳоеро бипазирад ва таҷассуми бадеӣ бахшад, ки маънии шеърро вусъат бахшанд ва сурати мушаххаси гумону пиндорро шарҳ диҳанд. Ин яке аз махсусияти тафаккури бадеии таърихии Лоиқ аст, ки бо имрӯз пайванди амиқи айниву зеҳнӣ дорад.

Маҳбубият, бартарӣ ва фарқи бисёре аз ин гуна шеърҳои Лоиқ, аз ҷумла «Таърих гувоҳ аст…», «Оли Сомон», «Айнӣ», силсилаи «Сипоснома», «Аҳмади Дониш», «Гӯри Дониш дар куҷост», «Шоир», «Баъд аз ҳазор сол», «Араб гӯянд Синоро гурӯҳе», «Асли Сино», «Барои устод Боқӣ», «Барои Маҳмуди Воҳид», «Панҷаҳои Борбад», «Вопасин нафаси Хайём» ва ниҳоят силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» ва ашъори дар сӯгвории тоҷикони охири асри бист сурудаи шоир дар ҳамон аст, ки зикр шуд.

Барангезандаи эҳсос ва андешаи шоир дар ин гуна шеърҳо ҳақиқати таърих ва сарнавишти чеҳраҳои таърихӣ ва миллат аст. Дар ин замина корбурд ва тасвири бадеии рукнҳо ва намодҳои ҳастии таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ дар эҷодиёти Лоиқ ифодагари чеҳраи фардии шоир мебошад. Дар ин равиш биниши ӯ нисбат ба рукни асосии ҳувияти миллӣ - забон аз бисёр ҷиҳат ҷолиб буда, заминаи воқеӣ дорад. Х.Шарифов навишта буд, ки «Дар Тоҷикистони охири замони шӯравӣ ҳолате дар муносибат ба суннатҳо ва тамаддуни гузашта падид омад, ки аз ваҷҳе ба авзои маданию зеҳнии замони Фирдавсӣ монандӣ дошт. Масъалаи аз ҳама ҳассос вазъи забони форсии тоҷикӣ буд. Забони форсии тоҷикӣ нигаҳдору намудори фарҳанги ҳазорсола дар пушти дари муносибатҳои сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ гузошта шуд. Бо ин сабаб, равшанфикрони тоҷик ба ҳимояти забон ҳамчун нишонаи миллату решаи фарҳанг бархостанд ва аксари шоирон дар васфи забон шеърҳо гуфтанд» (102, 146). Лоиқ дар қаринаи ёдшуда шеърҳое гуфт, ки робитаи забон ва ҳувияти миллиро таъйид мекарданд.

Лоиқ боре навишта буд, ки «сарчашмадори забони форсии дарӣ-забони аҳли биҳишт, забони париён, забони зиндасоз ва зинданигаҳдори Аҷам, забони пирӯз бар ғосибони араб, наҷибзодагоне мисли Низомӣ, забони рӯҳияи Аллома Иқбол мо, ба истилоҳ эрониёни Шарқӣ будаем, яъне Бухорову Самарқанду Балху Хуросон маҳди зоишу болишу густариши ин забон будаанд» (26, 8). Ин ҳарфҳои Лоиқ фақат дар таъкиди ҷойгоҳи забони форсии тоҷикӣ нест, балки ба сарнавишти пурифтихори он низ талмеҳ мезанад, ки воқеан мояи ифтихор аст. Забон дар тафсири шоир барои тоҷикон ҳама чиз аст. Он фақат номи миллатро дар худ нагунҷондааст, балки рукни аслии ҳувияти миллии тоҷикон мебошад. Ҳамчунин Лоиқ низ забонро санади муҳим ва тақдирсоз дар ҳифз ва тақвияти ҳувияти миллат ва тамомияти марзии сарзамини бузурги гузаштагон медонад. Консепсияи Лоиқ дар боби ҳамчун рукни муҳимми ҳувияти миллӣ шинохтани забон дар ашъораш ба сурати қобили мулоҳиза инъикос шудааст, ки дар ин замина метавон аз шеърҳои «Забони пайғамбарон», «Замини тоҷикон», ва «Забонгумкарда» ёд кард.

Дар шеъри «Забони пайғамбарон» (1973) забони тоҷикӣ ҳамчун намоди адабӣ ифодакунандаи ҳувияти милливу фарҳангии тоҷикон буда, ҳосили омилҳои рӯҳӣ ва таҷрибаҳои зеҳнии шоир аст. Пеш аз Лоиқ ҳеҷ шоире забонро дар мафҳуми намодин (рамзӣ) дар оинаи табиат ба ин тарз таҷассуми бадеӣ набахшидааст. Ин шеър аз оғоз то поён дар мадори тасвири табиат (ширмаҳтоб, мавҷи об, нам-нами борон, насими атргардон, резаборон, рангинкамон ва ғайра) мечархад ва ин тасвир дар маркази шеър қарор дорад, ба тарзе ки тамоми унсурҳои шеър ҳамсӯ бо он ва барои баёни он бо ҳам пеш мераванд. Шоир дар ин ҳаракати пешраванда тору пуди забони пайғамбаронро дармеёбад, ки таъйид бар ҷовидонагии он ҳамчун рукни ҳувияти миллист. Чунончӣ:

Метаровад ширмаҳтоб
Дар шиканҳои маҳини маҷи об.
Метаровад нури қандил

Дар рухи гулгуну дар ҷоми шароб.

Менавозад нам-нами борон
Мӯю рӯятро баҳорон.
Менавозад рӯҳу ҷонро
Чун насими атргардон.

…Дар ҳарири резаборон-
Ҷилваи рангинкамон,
Тору пуди обшорон
Тору пуди ин забон…

Бишнавӣ боре забони тоҷикӣ-
Ин забони шоирон-пайғамбарон,
Оварӣ ёде зи кишту ҳосилат,
Бишнавӣ бори дигар,
Шаҳд ҷӯшад бар лабонат,
Шеър ҷӯшад аз дилат… (25, 101).

Шеърҳои дигари Лоиқ низ дар тақвияти андешаи посдорандаи миллат ва ҳувияти он буда, бо тарзи тасвир ва ироаи мавзӯъ диққатангезанд. Ба ин далел чунин шеърҳо, аз ҷумла «Забонгумкарда» дар забони хосу ом нишастаанд ва таъсири фаровоне дар муҳити адабию фарҳангӣ доранд.

Дигар аз рукни ҳувияти миллӣ, ки дар шеъри Лоиқ нақш ва ҷойгоҳи хос дорад, ҳувияти фарҳангии миллат мебошад. Фарҳанг дар забон ва тафаккури миллати мо танҳо маънои мусбат дошта, дар муқобили вожаи дигар қарор дода нашудааст. Байти Рӯдакӣ ба маънии асл ва суннатии он ишора мекунад:

Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Вожаи фарҳанг дар рӯзгори навин маънои истилоҳӣ ва васеътар касб кард ва он маҷмӯи тамоми хусусиятҳои фикрӣ, маънавӣ ва ботинии ҷомеа ё гурӯҳи иҷтимоиро дар бар мегирад. Дар ин тафсир фарҳанг на танҳо шомили ҳунару адабиёт аст, балки шеваҳои зиндагӣ, ҳуқуқи асосии башар, низомҳои арзишӣ, суннатҳо ва боварҳоро низ фаро мегирад (93, 105)

Фарҳанг ҳамчун рукни ҳувияти миллӣ дар шеъри Лоиқ ба имон, адолат ва хирад таъкид варзида, хусусиятҳои ахлоқӣ ва ормонҳои ҳувиятсози миллиро низ фаро мегирад.

Лоиқ дар аввалин шеърҳояш ба тасвир ва зикри рукнҳои фарҳангии ҳувияти миллии тоҷикон, аз ҷумла ормонҳо ва хусусиятҳои ахлоқии ҳувиятсози миллӣ диққати хос додааст. Дар шеъри «Қулф», ки аз нахустин шеърҳои шоир буда, соли 1960 таълиф ёфтааст, Лоиқ фурсате ёфтааст то тарҳи орзуву ормони бузург ва умумии миллат, ки ҳувияти онро шакл медиҳад, пардозад. Дар ин замина шоир тавонистааст, ки ниёз ва масъалаи ахлоқиро, ки омили бақои миллат аст, матраҳ созад. Қитъаи охири шеър ормони ҳувиятсози як қаламкаши он вақт ҷавон буда, ки имрӯз низ таъсиргузор аст:

Ман тасаввур мекунам ин сон аҷоиб қулфро:
На зи фӯлоду зи оҳан, ҳам на бар дар ҷои он,
Балки аз номус, аз инсофу аз тавфиқҳо
Бар дари ҳирси чу ғору чашми танги нокасон! (25,17)

Дар тамоми эҷодиёти шоир ситоиши адолат, имон, доду диҳиш, ҳушмандӣ, ҳунарварзӣ, кӯтоҳ кардани дасти бадон, ҷазби доноён, хирадмандӣ, дафъи бехирадон, эътибор ба шаъни фарзонагон, одамият ва дастгирӣ аз заифон, инсондӯстӣ ва муҳаббату меҳрубонӣ, ки рукни ҳуввияти миллист, мавқеи муҳим дорад. Масъалаҳои зикршуда ҳувияти ормонии тоҷикони садаи бистро дар шеъри шоир таҷассум сохта, тамоюлҳои мусбату манфии фарҳангии ҳаёти ҷомеаро низ бозгӯ мекунанд. Дар ин равиш яке аз ҷолибтарин шеърҳои ӯ «Соқиномаи имрӯзин» буда, диди тозаи ормонии шоирро дар қолаби жанри фаръӣ ё

худ рӯбиноӣ ба сареҳат баён кардааст, ки ба ифодаи В.Элбоев «рӯҳияи хушбинии соқинома ва гӯяндаи онро» (203) таҷассум менамояд. Пораҳои зер намунаи волои маънавиёти рушангароёнаи тоҷикӣ дар шеъри имрӯз аст, ки ҳадафи миллатсозӣ дорад:

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки наздик созад раҳи дури мо.
Бидеҳ-соқӣ, он май, ки мун Мо шавем,
Ҳама дар такопӯи фардо шавем,
Зи ҳар ҷо биёему як ҷо шавем,
Ҳама қатраҳоему дарё шавем,
Ҳама волаи ҳусни воло шавем,
Зи пастии худкомӣ боло шавем.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки наздик созад раҳи дури мо!

…Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бинем он рӯзи манзури мо.
Ки ояд яке мушкилосони мо,
Ки орад ба сад дард дармони мо.
Яке ояду гӯяд аз ҷони мо:
Ба ҳам ҷӯш хур, эй Хуросони мо!
Ки дар гардиши ҷому даврони мо
Нигаҳбони мо бод яздони мо!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бинем он рӯзи манзури мо! (25, 259-260).

Шинохт ва арзёбии рукнҳои фарҳангии ҳувияти миллӣ усули ҳувиятсозро дар шеъри Лоиқ мушаххас месозад. Лоиқ дар осораш аз ҷузъитарин то куллитарин масъалаҳои дарунӣ ва берунии ҷомеаи тоҷиконро дар давраи зиндагиаш, ки тағйироте дар ҳувияти миллат ба вуҷуд овард, ба намоиш мегузорад. Тафовути шароити таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, таҳоҷуми мудовими хориҷӣ ба арзишҳои миллӣ,

мусибатҳои табиӣ ва рафторҳо, ҳавасрониҳо ва худхоҳиҳои асҳоби қудрат, ниҳоят ҷанги дохилии охири солҳои навад ва ноором иҳои давомдор дидгоҳҳои шоирро оид ба ҳувияти миллӣ тағйир дод. Дигар фақат худопарастӣ, хирадварзӣ, додгарӣ, ном ва шодӣ дар шеър ва тафаккури бадеии шоир усули ҳувияти миллӣ набуд. Дар баробари рукнҳои пойдори ҳувияти миллӣ омилҳои манфии фарҳангӣ шоирро ба гуфтани шеъри ба истилоҳи М.Шакурӣ «шеъри худшиносӣ ва худшиканӣ» (99, 434) савқ дод, ки агар аввалӣ асолати ҳувияти миллиро намояд, дувумӣ разолату қабоҳати онро матраҳ месохт.

Лоиқ ҳамчун шоири огоҳ нотавонии маънавиро, ки зери таъсири тамоюлҳои моддигароӣ, маънавиятзудоӣ ва мазҳабии ҷангҷӯёнаи шӯравӣ шакл мегирифт, омилҳои тахрибкори ҳувияти миллӣ мешиносад. Ин равиш бахусус дар охири солҳои навадуми асри бист дар эҷодиёти Лоиқ таҳаввули хос пайдо карда, чеҳраи ӯро ҳамчун шоири муаззами миллатгаро ва инсонпарвар ба назар намуд. Дар эҷодиёти шоир рукни мазмуми ҳувияти миллӣ арзи ҳастӣ кард, ки худтанқидии миллӣ ҷузъи он мебошад.

Дар матни воқеият «ғами номуси миллат» ёди шоирро ба «фурӯғи рӯзи миллат» мебарад. Аз худбохтагиҳо ва тазъифи ҳувияти ҳаммиллатонаш ранҷ мебарад. Дар сӯгномаҳояш омили аслии фоҷиаҳои сарнавишти миллатро аз бохтҳои ҳувияти фарҳангии он медонад ва бо дарду алами пурсӯз менависад:

Баски фарҳанг надорем, амон аз ману ту!
Номусу нанг надорем, амон аз ману ту!
Ману ту ҳавсалатангем, амон аз ману ту!
Ману ту дабаву дангем, амон аз ману ту!
Ману ту гиҷу гарангем, амон аз ману ту!
Ману ту масту малангем, амон аз ману ту!
Бандаи нашъаю бангем, амон аз ману ту!

Ту аз ин сӯ, ман аз он сӯй чу сангар кардем,

Мулки ғоратзадаро ғорати дигар кардем.
Сарварӣ хоставу сарбуриро сар кардем,
Хари худро бисутудему паямбар кардем.

Баски мо худ хари лангем, амон аз ману ту!
Ҷумлагӣ вақфи дирангем, амон аз ману ту!...

Ҳол бо шавкати дерина таҳи по шудаем,
Тоҷдорони нагунбахти тиҳипо шудаем,
Дур аз асли худ афтодаву дарво шудаем,
Аҳлият нест, ки вомондаи дунё шудаем.

Лоиқи қаҳри худем, амон аз ману ту!
Ки чунин зиндаҷудоем , амон аз ману ту! (25, 254-255).

Лоиқ дар ин ва шеърҳои дигараш, бахусус «Баҳона чист? Номи халқ», «Ҷонкании боғ», «Чашмони Олимпур», «Орзуи хом», «Соқиномаи имрӯзин» ва «Бидруд, эй ноҳамраҳон» аз ҳувияти гумшудаи миллӣ ранҷ мебарад.

Дар фарҳанги миллати мо дод нишони лутф, раҳмат ва меҳрубонии Илоҳӣ аст ва зулму бедод, чӣ дар фикру чӣ дар амал, мояи хашму ғазаби Худованд ва омили парешонии замин, баста шудани дарҳои раҳмат ва лутфи Илоҳӣ аст. Дар замони ҳукумати золимон қаҳт ва хушксолӣ рӯй медиҳад, моҳ ба шоистагӣ наметобад, дар пистонҳо шир хушк мешавад, зино ва риё ошкор мешавад ва дилҳои нарм санг мешавад, гург мардумонро медарад ва хирадмандон аз бехирадон ошуфтаву парешон мешаванд.

Фирдавсии бузург дар замонааш аз гумшавии фарҳанги волои миллӣ ва осебпазир гаштани ҳувияти ориёӣ ба дастури боло бонги хатар зада буд. Баъди ҳазору анд сол Лоиқ замона, замондорон ва ҳувияти миллиро дар симои «ноҳамраҳон» осебпазир ва харобшуда шинохт ва дар сӯги ҳувияти миллӣ марсия гуфт:

Ман албончи баланд мехостам,
Шаҳболамро шикастанд.
Ман силсилаи номуси миллатро
Дона-дона пайвастан мехостам
Силсиларо гусастанд.
Эй мунодиёни Ваҳдат!
Ман танҳоям
Агар ман танҳоям,
Ваҳдати шумо чӣ ҷавҳаре дорад (25,261).

Шинохти ҳувияти миллӣ Лоиқро ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни воқеиятҳое, ки аз сари миллат ва шоир гузаштааст, во дошт. Шоир осебпазирии ҳувияти миллиро бо чашми сар дида, дарди ҷисмонӣ ва руҳонии онро таҷассуми бадеӣ бахшид, ки ҳушдорест барои наслҳо.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҳувияти миллиро дар шеъри Лоиқ, аввалан, собиқаи арзишманди таърихии миллат, сониян, ҳисси маҳрумият аз ҳувияти меросӣ дар тӯли замонҳо шакл медиҳад.

## II.3.Тасвири табиат дар шеъри Лоиқ Шералӣ

Ба ифодаи Элизабет «шеъре, ки аз табиат бигӯяд, дар ҳамаи аъсор мавриди назари шоирон будааст, агар чи навъи он ба ихтилофи завқи ҳар давра ва ҳассосияти шоирон мутафовит будааст» (131, 222). Дар шеъри форсии тоҷикӣ низ ҳамин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Вале дар адабиёти навини тоҷикӣ васфи табиат ва манзаранигорӣ равишҳои тоза пайдо кард ва бо кӯшиши шоирони тавоное, монанди Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон ба зинаи нав расид. Бахусус дар шеъри лирикӣ усули тасвири табиат бо фасоҳат ва балоғати худ хусусиятҳои тоза пайдо кард, ки дар ин замина хидмати Лоиқ бузург аст.

Лоиқ аз зумраи шоироне буд, ки дар садаи бист тавонист ба василаи ин навъи шеър нуҳуфтагиҳои даруни инсонро дар тасвирҳои табиат кашф кунад ва дар ин замина тасвирҳои муассири бадеӣ ба ёдгор

гузорад. Хусусияти асосии ин қабил ашъори Лоиқро офоқӣ (objective) ва дарунгаро будани онҳо муайян мекунад, ки ин фазилат аз вежагиҳои тафаккури лирикии ӯ низ ҳаст.

Аз аввалин қадамҳояш шеъри Лоиқ бо табиат ҳамхонии хосе дошт. Дар ин гуна шеърҳо шоир дар сатҳи ашё ва манзараҳои табиат меандешид. Ӯ ҳатто дар нахустин тасвиркориҳояш аз табиат низ «дар варои пардаи табиат» (142,317) фақат бар унсурҳои моддии ҳастӣ наандешида, балки чизе нафсонӣ, отифӣ ва иҷтимоӣ дар тасвирҳои табиат ва манзаранигорӣ афзудааст. Аз ин назар хусусияти муҳими шеъри манзаранигории Лоиқро бояд ба завқи лирикӣ ва ҳассосияти шоирии ӯ рабт дод. Ба ифодаи дигар, аз аввалин қадамҳо (манзур шеърҳои «Зарафшон», «Арча» ва «Сабзаи баҳор» аст, ки муттаносибан солҳои 1960 ва 1961 таълиф шудаанд), тааммулаш дар бораи табиат дигаргунӣ пазируфта, пайрави эҳсос ва тавобеъи ӯ гардид. Ба ин далел, аз он рӯзгор ба баъд табиат ва манзараҳои он дар ашъори ӯ ба ду тарз тасвир ва тавсиф мешавад.

Нахуст аз назари тавсифҳои холис, ки метавон онро васф ба хотири васф хонд, вале ин гуна шеърҳои ӯ низ ҷанбаи амиқи даруннигарӣ доранд. Тарзи дигари нигариши ӯ ин аст, ки шоир ба ҷуз васфҳое, ки аз табиат мекунад, дар заминаҳои ғайр аз табиат, яъне дар доираи бисёре маъонии таҷридӣ ва ё тасвирҳое, ки аз табиат, инсон ва ҳаёти ӯст, боз ҳам аз табиат ва унсурҳои он ёрӣ мегирад.

Ҷустуҷӯи унсурҳои табиат дар шеъри лирикии Лоиқ нишон медиҳад, ки диди ӯ ҷанбаи хоси табиӣ дорад ва на танҳо васфҳои табиат, балки дар заминаҳои дигар низ таваҷҷуҳи шоир ба табиат имтиёз дорад. Дар тасвирҳои ӯ дар ҳар заминае аз заминаҳои маънавии шеър унсурҳои табиат бештарин саҳмро доранд. Имтиёзи ҳунари ӯ дар ин равиш ин аст, ки тавонист нуҳуфтагиҳои дили инсонро дар тасвирҳои табиат кашф кунад.

Лоиқ шояд ягона шоири муосири тоҷик бошад, ки бештар дар бораи табиат назари дақиқ ва пурмаънӣ дорад. Ин маъниро зимни

тавсифе, ки дар шеъри «Ғазали боғбони пир» кардааст, метавон мушаххас кард:

Ба ҷӯй об кушодам.
Ва ё зи ҷӯяи чини ҷабинам об омад,
Ки ҳар ниҳол қад афрохту ба тоб омад.
Маро ба пои дарахте чу зонуи хоҳар
Ба дида хоб омад.
Бубин, ки оби равон меравад зи ҷӯй ба ҷӯй,
Ту гӯӣ нағмаи умеди ҷовидони ман аст.
Бубин, ки оби равон меравад ҷӯи ба ҷӯй,,
Ба ҷӯй оби равон аст ё равони ман аст… (25,135).

Қаҳрамони лирикии шоир- боғбони пир аз табиат ҷудо нест. Муҳаббати вай ба боғи шукуфон «ба раддаи себу анору зардолу» таҷридӣ ва пурэҳсос аст. Эҳсос ва андешаи қаҳрамон аз тасаввурот ва андешаи шоир ҷудо нест. Бинобар ин истилоҳи ғазал дар унвони шеър шартӣ бошад ҳам, то ҷое шарҳи маънии эстетикии он аст. Ин усули тасвир ифодагари диди зебоишинохтии шоир аст, ки дар дигар шеърҳои ба ин мавзӯъ бахшидааш такмил меёбад.

Гурӯҳе аз шоирони гузаштаи мо дар баҳси роҷеъ ба табиат дорои ақидаи ваҳдати вуҷуд буданд. Ин назар ба он асос ёфта буд, ки дар ҳар чизе дурахше аз зебоӣ ва ҷамоли ҷовид вуҷуд дорад. Инсон қувваи нутқ ва калом дорад, вале ғунчаҳо ба рангҳои хиракунанда ҷилвагар мешаванд. Як ваҳдати мармузе дар айни касрат ва парокандагӣ вуҷуд дорад. Ҷилваи ин ваҳдат дар кирмаки шабтоб дурахшандагӣ аст ва дар гул латофат ва атри он.

Дар зинаҳои аввали инкишофи шеъри ғиноии тоҷик чунин бардошти тақлидкорона ба назар мерасад, ки мавриди гуфтугӯи алоҳида аст.

Диди бадеии Лоиқ, махсусан диди зебошинохтии ӯ дар идроки табиат дар шеъри нимаи дувуми солҳои шастум тоза ва амиқ буд. Ин дид маҳсули эҳсос, тасаввурот ва андешаи хоси шоиронаи ӯст.

Лоиқ дар ин тарзи шинохти табиат барои ҳар чизе шахсияте қоил аст ва «Ғазали боғбони пир» ифодагари бардошти ғиноии ӯ дар ин боб аст. Ба ин далел назари шоиронаи Лоиқ дар бораи табиат ҳассосияти зиёд ва уфуқи пурдоманае дошта, то ҷое барои ошкор сохтани диди ғиноӣ ва хусусиятҳои хоси жанриву мундариҷавии ин гуна шеър ва фардияти ҳунарии ӯ ёрӣ мерасонад.

Лоиқ аз ибтидои фаъолияти эҷодиаш бо ҳассосият ва андешамандии хос ба гуфтани шеърҳои ғиноӣ дар тасвир ва тавсифи табиат пардохт. Мо зуҳури ин дид ва шаклгирии онро дар шеърҳои маҷмӯаи нахустини ӯ «Сари сабз» (1966) мушоҳида мекунем. Шеъри «Баҳори кӯҳистон»-ро ӯ соли 1966 гуфта буд. Ба ин шеър таассурот, таҷриба ва эҳсосу андеша ранги ғиноӣ бахшидааст. Ин шояд аввалин кӯшиши шоир буд барои ба ҳар чизе шахсият қоил будан. Таассурот ва дарёфтҳои андешамандона ба тасвир рӯҳи зинда будан ва зинда мондан ато карда, «шахс»-и «лолаи раққосаи машъалдоре, бойчечак-шафақи субҳона, сабзаҳо-кокули нобофтае, мезанад бод ба нармӣ шона» таҷассумбахши диди фардии шоир дар шинохт ва тавсифи табиат аст. Қаҳрамони лирикӣ аз тамошо ва шинохти зебоиҳои табиати диёр лаззат мебарад ва дили ӯро ҳисси шодии ифтихоромез фаро мегирад. Нафаси гарми зиндагӣ паси сатрҳо ҷорист.

Лоиқ дар ин гуна шеърҳои ба табиат бахшидааш муҳити зинда месозад. Ба ифодаи дигар, зиндагӣ дар шеъри зикршуда мавҷ мезанад.

Даштҳо ҷомаи атлас пӯшанд,
Духтарон махзани дил боз кунанд.
Остин барзада то соидгоҳ
Паи сӯзондани мо ноз кунанд.

Аз нафасҳои баҳории замин
Нафаси гарми муҳаббат ёбанд.
Ошиқон чун гули камёби баҳор
Дар чаман гӯшаи хилват ёбанд (25.59).

Банди охир моҳияти андешаю орои шоирро барои мо хулоса мекунад. Дақиқ дармеёбем, ки тасаввуроти пок ва дилхушкунанда «ман»-и шоирро дар шинохти камоли зебоӣ муваффақ сохта аст ва охирин бандҳои шеърро огандаи ҳисси ифтихор ва шодмонии бештар намуда, шахси шоир (қаҳрамони лирикӣ) аз пардаи табиат берун меояд ва чеҳраи ботинии худро ифшо мекунад.

Теппаҳо гунбази зангорӣ шаванд,
Чашм ҳайрон шаваду дил вола.
Шавад ороста ин хоки қадим
Ҳамчу як духтари ҳаждаҳсола…

Ағбаву рахнаю водию дара
Чун арӯсе, ки ба сур омодаст.
Пойандоз ба раҳ густурда,
Мунтазир бар қадами домод аст…

Ҳар кучое биравам чун фарзанд,
Барам аз хоки диёрам пайғом.
Зиндагии ман аз ин ҷо сар шуд,
Ҳеч гаҳ кош наёбад анҷом! (25, 59)

Лоиқ баъдтар бо эҷоди шеърҳои «Зарафшон меравад сӯи Бухоро» (1971), «Баландиҳо» (1973), «Таманно» (1973), «Тобистони Варзоб» (1974), «Кӯҳҳо» (1974), «Рӯдҳои кӯҳистон» (1974) ва ғайра мақомашро ҳамчун устоди шеъри табиат устувор сохт.

Солҳои ҳафтод ин диди шахсиятсозии Лоиқ дар шеъри табиат, ки тозагии тасвир ва андешаро ба шеъри лирикии тоҷик ворид карда буд, муқобилон низ пайдо кард. Аз ҷумла дар мубоҳисае, ки соли 1976 маҷаллаи «Садои Шарқ» оид ба шеъри муосир ташкил карда буд, Р. Мусулмонқулов дар мақолаи «Шеър машъал аст» тарзи идроки бадеии Лоиқро дар шахсиятҷӯӣ дар шеър писанд карда, мундариҷаи ғоявии онро барғалат шарҳ медиҳад.

Баъдтар А. Сатторов (А. Сатторзода) ба ӯ посух гуфта, навишта буд, ки «аз ин шеър ба ҳеч ваҷҳ ғояи номатлубе, ки гӯё шоир Варзобро ҷои лофҳои газофу ваъдаҳои бесуботи ошиқон номидааст, намебарояд ва зотан таркибҳои «лофу ваъда», «лобаву нозу ниёз» ва «сад ҳазорон нолаҳои бесадо» дар худ ду тараф - неку бадро дорад ва ҳеч гоҳ танҳо ба маънои манфӣ далолат намекунад. Лоиқ дар асл, бар хилофи он чи мунаққид гумон дорад, ҳамчун ҳомии зебоиҳои зиндагӣ-ишқи поки инсонӣ ва манзараҳои дилрабои табиат сухан рондааст ва бинобар ин ҳам ноошиқонеро, ки ин зебоиҳоро пойкуб ва осеб мерасонанд, бо як назокати шоирона маҳкум намудааст» (90, 93-94). Вале, ба назари мо, мақсади шоир дар ин шеър аз он чи Р.Мусулмонқулов ва А.Сатторов фаҳмидаанд, фаротар меравад. Рӯди Варзоб восита ё худ баҳонаест, ба ифодаи сареҳтаре, ёдмони сарнавиштҳост, ки шоир низ аз онҳо ҷудо нест. Рӯд рамзи зиндагӣ ва барангезандаи эҳсосу андешаи «ман»-и зеҳнии шоир аст. Чун дар шеър мушоҳидаҳо ва тасаввурот тоза буда, хулосаи он ҳоли рӯд ва инсонро тафсир мекунад, ки натиҷагирии саҳеҳи шоир аз мушоҳидаҳо ва ангезаҳои таҷридист.

Дар буни ҳар бутта ҷуфти ошиқе,
Дар сари ҳар санг сар дар зонуе.
Дилбаре саргарми лофу ваъдаҳо,
Ошиқе сармасти атри гесуе…

Меравад то даштҳо маҷнунсифат-
Даргурез аз ҳабси соҳилҳои хеш,
Гар ҳама доранд савдое ба сар
Ҳаст ӯро ҳам сару савдои хеш… (25, 108).

Дар ин шеър ва бисёр дигар шеърҳои ба табиат бахшидааш Лоиқ табиат, ҳодисаҳо ва ашёҳои онро дар ҳаракат ва алоқамандӣ бо ҳамдигар эҳсос ва тасвир мекунад. Баҳор, тирамоҳ, боду борон барои рӯҳ ва шеъри вай ҷойгоҳи хос доранд. Ин унсурҳои табиат дар шеъри шоир пайванди рӯҳиву маънавии инсон бо табиат ва ҳодисаҳои он аст. Чунонки ишора

кардем, ин тарзи шинохти бадеии табиат дар он солҳо барои шеъри тоҷик нав буд. То Лоиқ тирамоҳу баҳор ва дигар фаслҳои сол дар тафаккури бадеии шоирон танҳо меҳнат ва масъалаҳои ба он вобастаро зинда мекард. Масалан, дар шеъри Мирзо Турсунзода фасли тирамоҳ, фасли меҳнату ҳосилот, фасли нозу неъмат, тӯю сур, фасли ҷамъбасти яксола ва ғайра тасвир шудааст (46, 94).

Аввал Лоиқ, баъдтар Бозор Собир табиатро бо ғаризаҳои инсонӣ пайванд доданд. Акнун фаслҳои сол баёнгари ҳолоти рӯҳӣ ва андешаву орои инсон буданд. Ҳусни табиат вобаста бо ормонҳои инсон дар шеър ҷойгоҳи хос пайдо кард.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки дар нимаи дувуми солҳои бистум Абдурауфи Фитрат бо номи «Тирамоҳ» шеъре гуфта буд, ки онро М. Шакурӣ «шеъри зебо» шинохта, навишта буд, ки «аз ин тасвири ҳузномези фасли хазон ва айёми пажмурдагиву дастбурдҳо, дар ин як шеъри хурд дарди дили ватандӯсте, як ҷаҳон дарде, ки дар мағзи ҷон ниҳон аст, эҳсос мешавад ва ин дарди касест, ки ҳатто наметавонад ошкоро оҳе кашад, нолае барорад» (99, 204-205). Ҳарчанд ба қавли ин донишманд «дар шеъри «Тирамоҳ» овози қаҳрамони ғиноӣ паст ва заъиф» (99, 205) бошад ҳам, дарди дили қаҳрамон дар қиёс бо фасли хазон, ки рамзи умри фарсуда, нақди аздастрафта аст, хеле воқеӣ ва пурдард тасвир шудааст ва солҳои тӯлонӣ адабиёти тоҷик чунин тавофуқи ҳиссу андешаро дар шеъри ғиноӣ надида буд ва бешак, Лоиқ ва Бозор ин вазъро тағйир доданд. Дар шеърҳои онҳо тирамоҳ на фақат фасли ҷамъоварии ҳосил, балки пеш аз ҳама, фасли хазони умри одамизод ба тасвир омадааст (152, 94).

Дар шеъри «Тирамоҳ»-и Лоиқ тасвири манзараи тирамоҳ ҳаёти инсонро ба хотир меоварад, ки аввал баҳор, авҷу барор ва шукӯҳ дораду сипас таназзул мекунад. Токро ҳам тирамоҳ гӯр мекунанду баҳорон мекушоянд ва он аз нав ба баргу бор меояд. Вале умри инсон чунин нест. Як баҳор ва як тирамоҳу хазон дорад. Дар сатрҳои зер эҳсоси худфарсоии инсон ҳасратсӯзии зиёдро фаро мегирад:

Осмони тозарӯ шуд тирарӯ,
Токҳоро гӯр карданд

Пояҳои хушки пахта бегулу бебарг монданд,
Рафт з-онҳо қадру қимат-он гули симинашон,
Сӯяшон сар хам намесозанд дигар пахтачинон.

Пуштаҳо урён шуданд аз сабзаҳои махмалӣ,
Гашта бефарёду танҳою карахту пурсукут,
Яхча меборад саҳаргаҳ ҷои шабнам з-осмон.

…Осмони тозарӯ шуд тирарӯ,
Токҳоро гӯр карданд.
Лек одам ток нест,
То ӯро гӯр карда айни сармои зимистон,
Боз бикшоянд айёми баҳорон… (25, 45).

Дар тафаккури қаҳрамони лирикии Лоиқ гоҳе аз манзара дида бештар аҳамият пайдо кардани эҳсосу андеша аз хусусиятҳои умдаи лирикаи манзаранигории ӯст. Лоиқ дар боби тирамоҳ шеърҳои зиёд гуфтааст. Ҳамчунин унсурҳои тирамоҳ дар баъзе шеърҳои дигари ӯ низ роҳ ёфтаанд, ки ифодагари ҳиссу андешаи инсонанд. Масалан, монанди ин бандҳо аз чаҳорпораҳои зер:

Тирамоҳ асту барг мерезад,
Дар лабонаш таронаи падруд.
Нигаҳи офтоб ҳам кунд аст,
Меравад хастаҷон ба хонаи худ.

Тирамоҳ асту рӯд хушкида,
Хушклаб мондаанд соҳилҳо.
Зоғҳо мепаранд фориғбол,
Доғсон дар фазои манзилҳо (25, 118).

Ва ё:

Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем,

Хазонҳо зери по афтода буданд.
Ба зери осмони сарду бемеҳр
Дарахтон урён истода буданд.

Ману ту тирамаҳ гулчинӣ рафтем,
Ҳама гулбутаҳо беранг буданд.
Кӣ медонад, ки андар қисмати мо
Чӣ гулҳое, ки ғофилмарг буданд (25, 144-145).

Ончунон ки мебинем, дар ин пораҳои шеърӣ эҳсосу андешаи қаҳрамони лирикӣ тоза ва пурғунҷоиш аст. Тирамоҳ ва манзараи табиат бозгӯи ҳоли ӯст. Ҳамин тамоюли диди зебоишинохтии Лоиқ дар адабиёти мо нав буд.

Лоиқ бо номи «Борони тирамоҳ» шеъри хубе дорад ва онро соли 1975 навишта буд. Ин шеър аз шаш банди чаҳормисраӣ иборат буда, ёдмони «ҳузни ширин» ва таровишҳои эҳсоси баланд аст. Муҷассамаи ишқи қаҳрамони лирикӣ тирамоҳро дар ёдмонааш зинда месозад, ки рамзи ишқи хазондида аст:

Рехт борон…, гесувони обияш
Бӯи дашту бӯи коҳу беда дошт.
Дошт бӯи сабзаҳои сухта,
Бӯи мағшуши гули хушкида дошт… (25, 118).

Тасвири ҳоловари манзара дар ин шеър табиӣ буда, шеърро пурғунҷоиш ва тасвирро дар он барҷаста намудааст. Ба дараҷае, ки аз ин шеър ба василаи ин қабил тасвирҳои шеърӣ на танҳо хонанда манзараи боридани борони тирамоҳиро равшан тасаввур мекунад, балки онро пеши чашмонаш баръало мебинад, ба машомаш аз он бӯи тирамоҳ меояд ва ҳавои тирамоҳонро эҳсос мекунад (90, 94).

Ошноӣ ва пайванди устувор бо табиат асоси воқеии тасвири сарнавишти инсонро дар шеъри Лоиқ қавӣ сохтааст. Ин инсон дар муҳити зиндагии хеш ҷойгоҳи устувор дорад. Пайванди инсону табиат дар шеъри

Лоиқ барои ҳаматарафа ифшо сохтани хилқати қаҳрамони лирикӣ, эҳсосу андеша ва орзуву омоли вай низ ёрӣ кардааст.

Дар тасвири табиат ва манзараҳои он роҳ ёфтани эҳсос, андеша ва таассурот ба эҳсоси худогоҳӣ ва худшиносӣ низ такон мебахшад. Лоиқ аввалин шоирест, ки фикру андешаро ба ин гуна шеър овард ва бо камоли ҳунар ҳисси таърих ва воқеияти муосирро дар шеър устувор сохт. Шеъри табиат ва манзара василаи фикру андеша дар бораи воқеияти зиндагии инсонҳост. Лашкари сафкашидаи сангини кӯҳҳо дар шеъри табиати Лоиқ «урдуи ба набард омода» ҳастанд, ҳамчу инсон дасти ба даст шуҷоъу озодаанд. Ин корро, ки нишони таҳаммулу тоқат, ё баландии ҳиммати ӯст, бар дӯш доранд.

Бардошти шоирона аз дидани манзараи кӯҳҳо эҳсос ва андешаи бузурги ватанхоҳиро дар зеҳни «ман»-и зеҳнӣ бедор мекунад. Тасвири табиат аз сарнавишти инсон ҷудо набуда, ҳисси хонандаро таҳрик мебахшад ва ин хулосаи шоир, ки кӯҳҳо саф кашида, ҳама бародарвор, безабонанду ҳамзабон шудаанд, то ки сарбаландтар бошанд, эҳсоси бузурги шафқат ва ёригариро, ки ҷузъи тафаккури бадеии шоир аст, дар дилу рӯҳи хонанда зинда медорад:

Пушт дар пушт паҳлу дар паҳлу
Такягоҳе барои ҳамдигар (25, 56).

Чунон ки Аскар Ҳаким низ бар ин назар аст, табиат ва манзара дар шеъри Лоиқ барои амиқ ва воқеӣ тасвир шудани ҳиссиёт ва таассурот, барои боназокат гуфтани эҳсоси ошиқона истифода шуда, хонандаро талқин ба муҳаббат ва накӯкорӣ мекунад. Навъҳои гуногуни тасвири ҳолати табиат ва манзара яклухт, пора-пора, ором, пурҳаракат дар беҳтарин ашъори шоир, аз ҷумла шеърҳои «Сабзаи сӯхтаи манзараҳо», «Сояҳои ғуруб», «Ту осмони манӣ», «Ёд кун аз ман», «Ин кӯҳи чу шоири хаёлӣ» ва ғайра бо таассуроти лирикӣ омехта, онро нотакрор ва хотирнишин сохтаанд. Дар ин шеърҳо табиат ёр ва мададгори ишқу ошиқ аст. Шоир тасвири ҷараёни таассуроташро бо ҳолати табиӣ омехта, ҳолати равониро дар шеър тақвият бахшидааст (95, 185). Ба назари мо ,

яке аз камбудиҳои асосие, ки дар ашъори ба табиат бахшидаи шоироне то Лоиқ ба назар мерасад, аз мазмуну маводи мушаххас маҳрум будани ин гуна шеърҳост. Лоиқ дар гуфтани ин қабил шеърҳо аз ибтидо ҳамзоди табиат буд. Барои Лоиқ табиат маҳалли нозу ниёз буда, инсон ва ҳастии ӯро фаро мегирад. Инсон дар оғӯши табиат бо дарки забонҳо ба камол мерасад. Табиат барои шоир таҷаллии буду набуд, дирӯзу имрӯзу фардо, ҳиссиёту ҳаяҷон, андешаву орои ӯст. Ёдмонаи шоир аз рангу бори табиат пур аст, зеро дар оғӯши он ба камол расида, ёфтаву гумгаштаҳояшро дар оинаи он меҷӯяду меёбад. Бинобар ин табиат барои ӯ танҳо тасвири аёнии ҳиссиёту таассурот нест, ба воситаи мисолу талмеҳу ташбеҳ ба он истинод мекунад, балки он оинаи ҳастии ҳамарӯзаи ӯст. Ин ҳамзистӣ ва бо табиат будан бо шоир, чунонки ишора кардем, аввал эҳсоси худшиносӣ, баъд андешаи ҷаҳонгир ато мекунад, яъне ҳамзистӣ бо табиат ва иҷтимоъ дар оинаи табиат Лоиқро сари муҳимтарин масъалаҳои сарнавишти инсон ба андеша мебарад.

Профессор Худоӣ Шарифов шеъри ба табиат бахшидаи шоир «Хушкрӯд»-ро таҳлил карда, ба чунин хулосаи муҳим меояд: «Дар диди аввал суоле бадеҳист, ки чи чизе шоирона аст дар рӯди хушк ё он ҷо чӣ нишона аз рӯди хушкида монда? Вале дидаи завқпарварида ва хаёли шоир дар он ҳам чизҳои ҷолибе дида ва шеъри зебое низ офаридааст. Аз дидани нишонаи рӯд, андешаи шоир ба соҳилони як замон пуроби он, ба ахтарони ҳалқаи маҳтоб, ба бӯсаҳои обдори мавҷи соҳилон, ошиқони рӯи об, завраксавор меравад ва боз ба воқеияти ҳолияи «зор чун оғӯши тиҳӣ»» монда бармегардад. Мақсад аз ин ташхиси рӯди хушк нопойдории фурӯғи зиндагонӣ, ба қавли шоир ба «шикастабиёбон табдил ёфтани боғи хуррам» ва баръакс рудро ҳусн дода ва шеър кардааст. Тазоди миёни хушкию берангӣ ва ҳусну зебоӣ, тазоди зиндагонӣ ва маргу нестӣ аст:

Хушкрӯди зор монда зери гардун!
Соҳилонат як замон пуроб буданд.
Дар дили ту чун фурӯғи зиндагонӣ
Ахтарон дар ҳалқаи маҳтоб буданд.

Бӯсаҳои обдори мавҷҳо
Об медоданд мавҷҳои туро.
Ахтарон дар шишаи оби зулол
Нур медоданд шабҳои туро.
Рӯи обат обрӯе доштанд
Ошиқон бо дилбарон заврақсавора,
Қаҳқаҳи гулдухтарон чун қаҳқаҳи амвоҷи ту
Мерасид аз ҳар канора…

Вақте шоир замини сангистони рӯди собиқро чунин шоирона ва зебо мебинаду тасвир мекунад, ки қалби хонандаро ба ҷунбиш меорад ва хабар аз муаммои ободии ҳастию нестӣ медиҳад, бояд шоири бузург хонда шавад…» (102, 55)

Тасвири табиӣ ва шоиронаи ҳамзодӣ ва ҳамзистии инсон бо табиат, ба ифодаи дигар «ман»-и зеҳнии шоир ё қаҳрамони ғиноӣ аз омили эҳсосие буд, ки шеъри Лоиқро дигар менамояд. Лоиқ инсонро дар оғӯши табиат зинда медошт ва муаррифӣ мекард ва ҷавҳари ҳиссу афкори ӯро дар ҳамин оина месанҷад.

Ба ифодаи дигар, гузиниш ва интихоб дидгоҳи хоси шоиронаи Лоиқро дар нишон додани табиат ва иҷтимоъ таъйин менамояд. Чунон ки дар мушоҳидаи болоии Х.Шарифов низ омадааст, Лоиқ дар гуфтани ингуна ашъор бо табиат, пеш аз ҳама , робитаи зеҳнӣ ва баъд рӯҳонӣ дорад. Ҳолати зеҳнӣ ӯро барои дарёфти рӯҳияти ашё омода месозад.

Аз бисёре аз шеърҳои ба табиат бахшидаи Лоиқ пайдост, ки ӯ бо табиат, ашёҳо ва иҷтимоъи худ робитаи қавии зеҳнӣ дорад. Ин робита ҳангоми тасвири табиат, ашёҳо ва иҷтимоъ дар натиҷаи пайванди рӯҳонӣ ба ҷои ҳолати физикӣ ва модӣ аз мабдаи тасвири эҳсос ва андеша кор мегирад. Шоир ба василаи эҳсос ва андеша роз ва сири ҳастии табиат ва пайванди онро бо иҷтимоъ ошкор мекунад. Дар ин ҳол Лоиқ ба қавли Рилка шоире табдил ба санг ва ситора мешавад. Ба ифодаи дигар, шеъри табиати Лоиқ гувоҳ бар он аст, ки шоир бо табиат ва ашёҳои он шакли

инсонӣ бахшидааст.Ин болотар ва фарогиртар аз ташхис аст, ки бояд мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор гирад. Яъне Лоиқ дар ин шеърҳо тавонистааст, ки ҳолати айнии табиат ва ашёро нигоҳ дошта ба он ҳолати зеҳнии идрок, андеша ва тахайюли инсонро баргардонад. Дар ин ҳол дарё ҳам дарё аст, ҳам чизе дигар, яъне инсон. Чунон ки Худоӣ Шарифов низ иқрор кардааст, «Лоиқ, ки шоири бузург буд, нақши худро дар бораи табиат ё ашёи он ки қаблан дар осори гузаштагон дар бораи он сухан рафтааст, таъйин карда ва ҳарфи шоиронаашро мегӯяд. Масалан, дар бораи ҳамон рӯду соҳиле, ки дар шеъри «Хушкрӯд» омадааст, Хоқонӣ дар қасидаи «Харобаҳои Мадоин» ва Носири Бухороӣ дар байте сухан гуфтаанд, вале он чӣ дар ин шеъри Лоиқ аст, ӯ хуб гуфта ва гуфтааст: «Дарёфти табиати шоирона будани ин шеър аз он ҳам пайдост, ки шоир вуҷуди худро монанд ба ин хушкрӯд мебинад» (102, 132).

Тасвири табиат дар шеъри ғиноӣ бо ифодаи таассурот, тасаввурот ва эҳсосу андешаи инсон арзишманд аст. Шоири шеъри ғиноӣ тарзи тасвири таассуроти «ман»-и худ ва қаҳрамони ғиноиро интихоб мекунад. Аз ин ҷиҳат, дар аксари ин гуна шеърҳо таассуроти шоир аз олами зеҳнӣ буда, табиат, ашё ва ҳодисаю воқеаҳо дар заминаи таҷрибаи зеҳнӣ тасвир мешаванд. Бинобар ин ҳам дар ин қабил шеърҳо шахси шоир қаҳрамони ғиноист. Дар ин сурат хоҳу ноҳоҳ тасвири табиат заминаи зеҳнӣ мегирад. Лоиқ ин тарзи эҷоди шеъри табиат ва манзараро барои амалӣ сохтани ҳадафҳои эҷодиаш мувофиқ дарёфтааст ва натиҷаҳои матлуб низ ба даст овардааст. Чунонки дар қисматҳои гузашта дидем, ин тарзи тасвир барои ифодаи тарзи хоси ашъори ишқӣ, шеъри ватанхоҳӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ бештар шоирро муваффақ сохтааст.

Чунин тарзи идроки бадеӣ ба шоир имконеро фароҳам овардааст, ки бо ба кор андохтани зеҳнияти худ дар шеъри «Рӯдҳои кӯҳистон» (1974) инсонро бо табиат пайвандад. Ин шеър яке аз муваффақтарин шеърҳои Лоиқ дар боби нишон додани пайванди инсону табиат бо иҷтимоъ аст. Агар таъбири Рилкаро бо андаке тағйир гӯем, шоир табдил

ба рӯд ва инсон мешавад.Инсоне, ки зеҳнияташ ғунҷоиши васеътаре дошта, аз сарнавишти кӯдакони бепаноҳ огоҳ аст. Дар ин шеър қиёси рӯд бо инсонҳои «дар талоши бахт саргардон» ҳам табиӣ ва пурмаънист.

Тасвири шоиронаи рӯд ё худ дарё дар шеъри муосири тоҷик як навъ суннат шудааст. Мо истифодаи онро дар эҷодиёти аксари шоирони тоҷик ва ҳатто нависандагон низ дучор меоем. Дар шеъри Лоиқ низ он зиёд истифода шудааст. Фақат ба ёд овардани шеърҳои «Зарафшон меравад сӯи Бухоро», «Рӯдҳои кӯҳистон», «Суруди мавҷдори рӯди Варзоб» ва ғайра кифоя аст, ки вусъати ин тасвири шоиронаи зиндагониро тасаввур кунем.

Рӯд ё худ дарё дар шеъри Лоиқ ҷузъи асосӣ ва муҳимми табиат ё худ манзараи он аст, ки пайвандгари ҷуғрофист, ки бе он зодгоҳ, ватан ва он чӣ ба он алоқаманд аст, тасаввурнопазир мебошад. Дар шеъри Лоиқ таъсири ҳиссии он эҳсоси тозаро ба вуҷуд меоварад.

Ҳама чиз дар қиёс дониста мешавад. Шоир (ва ё қаҳрамони ғиноии вай) дар ин синну сол бисёр чизҳоро дида ва санҷидааст ва аз ҷумла аз тағйироте, ки дар сарнавишти рӯдҳои кишвар ба амал омадааст, низ огоҳии тамом дорад. Вай тасвири рӯдро қиёсан бо сарнавишти «кӯдакони бепаноҳ», «ятимон», «ғарибон» инкишоф медиҳад. Дар ин ҳол маънии шоиронаро ҳамчун тасвири шеърӣ ташхис медиҳад. Сужети якрости ғиноӣ ба шеър оҳанги гузоришӣ дода, ҳадаф ва орои шоирро дар чаҳор мисраи охир ҷамъбаст менамояд:

Алғараз, ҳар рӯди саргардони кӯҳ
Ёфта ному нишони хешро.
Чун ятимоне, ки ҷумла ҳокиманд,
Ёфта як пора нони хешро (25, 52).

Банди мақтаи шеър образи шоиронаи рӯдҳои кишвар ва «кӯдакони бепаноҳ»-ро ба тасвири Ватан мепайвандад. Тасвире, ки бузургӣ ва арзишмандии Ватанро таъйид ва таъкид менамояд. Эҳсоси ватандӯстдорӣ дар мисоли як ҷузъи табиат ба воситаи образи рӯд нозукона, табиӣ ва пурмаънӣ ифода шудааст.

Табиат, ҳодисаҳо ва манзараҳои он шигифтангез аст. Зебоиву зиштиҳо дар он ба ҳам омезиш ёфта, ранг, шакл, ҳаҷм, ҳаракат ва лаҳнро ба вуҷуд меоваранд. Барои шоири боҳунар табиат ҳамеша чун мабдаъи маърифати зебоишиносӣ хидмат мекунад. Дар мавридҳое шоири ҳушёр, ҳунарманд ва ҳолшинос ҳангоми васф ва тасвири табиат ва манзараҳои он дар оинаи ин тасвирҳо ҳолу ҳавои худро мебинад ва ҳис мекунад. Лоиқ дар шеъраш ҳамин гуна мавқеият дорад.

Аз ашъори ба тасвири табиат ва манзараҳои он бахшидаи Лоиқ бармеояд, ки дар онҳо ҳолати шоир дар ҳассостарин вазъи рӯҳӣ ва отифӣ қарор дошта, ҳузн ва сурури қалбиаш бо ҳоли табиат ва унсурҳои он ҳамрангу муттаносиб аст. Гоҳе Лоиқ дар ҳоли тасвири табиат ва манзараҳои он ба сарнавишти рӯҳонии худ руҷӯъ мекунад ва бо ин тарзи тасвир хонандаро мутаваҷҷеҳи ҳоли қаҳрамони лирикӣ ва авзои рӯзгор месозад. Дар ин равиш тасвирҳои ӯ ҳам шодибахшанд, ҳам андӯҳзо.

Дар чунин шеърҳои Лоиқ тасвири табиат мушаххас аст ва унсурҳои тасвирӣ бо рӯҳияи шоир ҳамоҳангии комил доранд ва хонандаро ба ҳаяҷон меоваранд. Яке аз фазилатҳои ҳунари Лоиқ дар ин замина ин аст, ки вай ҳангоми васф ва тасвири табиат бештар мутаваҷҷеҳи ашё ва унсурҳои созандаи табиат ва вазъи рӯҳиву ҳолати қалбии худ аст. Беш аз ин тасвири табиат, дар тарзи нигориши Лоиқ, қабл аз ҳама, ба эҳсос ва кайфияти инсонӣ вобаста аст. Дар ин замина ӯ тавонистааст муносибатҳои мухталифи инсонро бо табиат инъикос кунад. Лоиқ бо чунин шеърҳояш ба тарзи боварибахш тавонистааст, аз як тараф, хонандаро асири зебоиҳои ҳоловари табиат созад, аз сӯйи дигар, ҳолати инсонии қаҳрамони лирикиашро дар ойинаи розу ниёзи табиат кашф кунад ва таҷассуми бадеӣ бахшад. Шеърҳои «Баҳори кӯҳистон», «Ғазали дарё», «Даштҳо пурсукуту холиянд», «Равам бегоҳ лаби дарё нишинам», «Рӯдҳои кӯҳистон», «Деҳи кӯчида», «Кӯҳҳо», «Борони тирамоҳ», «Тирамоҳ асту барг мерезад», «Борон…борон…борон…», «Рез, борон, рез, борон!» ва ғайра ҳамин гуна хусусиятҳо доранд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки мизони дилбастагии Лоиқ ба табиат ва манзараҳои он яксон набуда, консепсияи ҷомеъи бадеӣ ва маънавии ӯро дар шинохти табиат ифода мекунад. Ин хусусияти эҷодиёти ӯ, ҳам аз назари таваҷҷуҳ ба васфи табиат, чи васфҳои кӯтоҳ, чи васфҳои дигаре ҳам аз назари истиора аз унсурҳои табиат ҷолиб аст. Бузургтарин хидмати Лоиқ дар ин замина ин аст, ки саъй кард масъалаҳои берун аз ҳавзаи табиатро бо кӯмаки тасвирҳои табиат ҳиссӣ кунад ва ба ин васила ба тасвирҳояш тозагии шаклӣ ва мундариҷавӣ бахшад. Ин кӯшиши ӯ ҷанбаи мушаххасӣ ва реалии шеърҳои ба табиат ва васфи манзараҳои он бахшидашудаашро қавӣ сохта, ба ин васила нуҳуфтагиҳои дарунии инсонро дар тасвирҳои табиат кашф мекунад ва ба он мазмун ва маъниҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таълимӣ медиҳад.

## Боби III

## Навҷӯиҳои Лоиқ дар навъҳои шеърӣ

Масъалаи ташаккул ва таҳаввули навъҳои аслӣ ва фаръӣ дар шеъри муосири тоҷик, бахусус дар таҷрибаи шеърии шоироне, мисли Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор, Фарзона ва дигарон ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудааст. Ҳол он ки таҳқиқи ин масъала дар шинохт ва арзёбии ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва фардияти ҳунарии ин шоирон ниҳоят муҳим ба назар меояд.

Лоиқ аз оғози фаъолияти шоириаш ба навъҳо ва гуногунрангии онҳо дар эҷодиёташ эътибори хос дода, бар хилофи назари нигилистона ба навъҳои суннатӣ, ки дар муҳити адабии солҳои панҷоҳу шаст ҳокимият дошт, огоҳона ва ҷасурона ба корбурди рубоӣ, дубайтӣ, ғазал ва баъзе қолабҳои дигар пардохт ва дар ин замина ба муваффақиятҳое низ даст ёфт. Аз ин ҷиҳат омӯзиш ва арзёбии таҷрибаи фардии шоир дар истифодаи навъҳои суннатӣ ва нав хусусиятҳои хоси таҷрибаи шоирӣ, хусусиятҳои шакливу мундариҷавӣ, пӯёӣ ва поэтикаи шеъри ӯро муайян менамояд.

Истифодаи навъҳои гуногун дар эҷодиёти шоир аз назари таносуби шаклу мазмун ҷолиби диққат буда, дар таҷрибаи ӯ бисёре аз қолабҳои лирикӣ хусусияти ғиноию ҳамосӣ пайдо кардаанд, ки ниёз ба таҳқиқоти ҷудогона доранд. Дар ин равиш ҷустуҷӯҳои ӯ дар шакли шеъри нав ва чаҳорпора қобили мулоҳиза буда, баъзе паҳлуҳои фардияти эҷодиашро муайян мекунанд.

### III.1. Шеъри нав ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Лоиқ

Дар рӯзгоре, ки назари нигилистона ҳам ба навъҳои суннатӣ, бахсус ғазалу қасида ва рубоию дубайтӣ ва ҳам шеъри нав густариш ёфта буд, бо иқдоми ҷасурона ва навхоҳонаи Лоиқ дар ин замина, воқеан ҳам ба қавли Гулназар «гӯё варғе канда шуду дарё ба озодӣ баромад! Гӯё равзанае кушода гардиду ҳавои муаттари баҳорӣ ба хонаи торику намкашида раҳ ёфт»(56, 13). Гулназар дар ин замина Лоиқро нахустин сароядаи шеъри

нав нагӯяд ҳам, аммо дар сурудани шеъри нав «чун Лоиқ риндона аз худ ба дар» (56, 15) нарафтани касеро таъкид мекунад.

Дар бораи таърихи пайдоиши шеъри нави тоҷикӣ ва нахустин гӯяндаи он маълумоти дақиқ ва назари собит нест. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла С.Давронов тозакории Садриддин Айниро дар вазни шеъри «Марши ҳуррият» далел оварда, ӯро асосгузори ин навъи шеърӣ медонад (61, 256-257) ва таъкид мекунад, ки «Айнӣ ба туфайли ин суруд қонунҳои арӯзро ба оҳанги суруди байналхалқӣ («Марселёза»- шарҳи мо) мутобиқ кунонида тавонистааст, ки ин дар навбати худ дар таърихи адабиёти тоҷик кашфиёти бузурге буд» (61, 257).

Ин муҳаққиқ аввалин мухтареи арӯзи озод будани Айниро таъкид карда, суол мегузорад, ки агар Айнӣ ин корро хеле пештар аз Нимо анҷом дода бошад, пас «чаро устод Айниро ҳамчун яке аз асосгузорони шеъри имрӯза низ нашиносем?» (61, 257).

Бозор Собир дар суҳбаташ бо Алиризо Қазва «худро нахустин сарояндаи шеъри нави тоҷик» (56,14) донистааст, ки Гулназар ин даъвои ӯро саҳеҳ намедонад. Ҳамчунин баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Раҳими Қубодиёнӣ муаллифи нахустин шеъри нав Мӯъмин Қаноатро медонад. Гулназар хидмати Мӯъмин Қаноатро дар поягузорӣ ва барқарории шеъри нави тоҷик бузург шинохта, аммо ӯро «нахустин сарояндаи шеъри нав намеҳисобад» (56,15).

Ҳамин тариқ, доир ба пайдоиш ва муаллифи аввалин шеъри нав дар адабиёти тоҷик то ба имрӯз назари ягона ва собит вуҷуд надорад. Таҳқиқи ин масъала арзиши назариву амалӣ дошта, вақт ва ҳавсалаи дигар мехоҳад.

Тозаҷӯии Лоиқ дар шакли шеър ба тақозои мундариҷа сурат гирифтааст, ки заминагузори он соҳибихтиёрии шоир мебошад. Лоиқ дар нахустин шеърҳои навпардозонааш баъзе имкониятҳои шеъри суннатиро сарфи назар карда, ба ин васила бофти асарҳояшро тоза ва муассир сохт. Ҳарфи шоиронааш тобишҳои маъноӣ ва драматизми амиқ пайдо карданд.

Дар ин замина Гулназар аввалин шеърҳои ба тарзи нав навиштаи Лоиқ «Маро хушбахт кун, эй гул», «Муҳаббати аввал» ва «Биҳишти гумшуда»-ро, ки солҳои 1964-1965 чоп шудаанд, «аз лиҳози зарбу оҳанг, кашишдории мисраъҳо, зебоии ифода, тундии эҳсос, тозагии афкор» бо шеърҳои ҳамон давраинаи Нодири Нодирпур ҳамсон дониста, аз ҷумла меафзояд: «Яқини ман ин аст, ки шеърҳои Лоиқ дар ҳамон айём дар адабиёти мо ҳамто надоштанд, имрӯз ҳам ҳамто надоранд» (56,13).

Лоиқ ба навҷӯиҳо дар шеър вақте оғоз кард, ки мубоҳисаҳо дар атрофи шеъри нав, хусусиятҳои он ва нақшу ҷойгоҳаш дар адабиёт дар авҷ буд. Махсусан, баргузории симпозиуми шеъри форсӣ дар Душанбе баҳсҳоро дар атрофи шеъри нав тавсиа бахшид ва тарафдорону мухолифони он ба ду ҷиноҳи муқобил тақсим шуданд. Лоиқ дар матни ҳамон мубоҳисаҳову мухолифатҳо мавқеияти ҳунариашро нисбат ба ин масъала дар як чаҳорпорааш хеле равшан баён карда буд:

Чу хонам шеърҳои тозапарвоз
Ба ранги нав ҳама такрори пешин.
Бигӯям, офарин бодо ба Хайём,
Ки бе подош гуфт абёти рангин.

Чу хонам шеърҳои бефурӯғе,
Ки натвонад боре дил барафрӯхт.
Бигӯям, офарин бодо ба Ҳофиз,
Ки моро роҳу расми шеър омӯхт (25,68).

Дар он солҳо мавқеи назарӣ ва амалии шоирро нисбат ба шеъри нав на ҳама дуруст фаҳмида буд. Аз ҷумла шоири рус Вячеслав Куприянов моҳияти андешаҳои шоирро дарк накарда, ӯро кухнапараст унвон кард. Баъдтар Ш. Ҳамроқулов ин андешаи адиби русро тасҳеҳ карда, афзуда буд, ки «Лоиқ дар шеъри «Чу хонам шеърҳои тозапардоз…» шеъри навро дар инъикоси воқеияти муосир нотавон нашумурдааст, балки ба масъалаи навҷӯӣ воқеъбинона наздик мешавад. Вай муқобили мӯд ва худнамоӣ дар шеър аст. Лоиқ чунин мешуморад, ки ба пайдоиши шеъри бад шакл ва

жанр гунаҳкор нест. Барои шеъри нав, пеш аз ҳама мундариҷаи нав лозим аст» (202).

Лоиқ мавқеияташро дар шинохти шеъри нав ва рисолати он дар адабиёт ва ҷомеа дар мусоҳибааш бо А.Ҳакимов дақиқ ва равшан баён карда, аз ҷумла гуфта буд: «Зимнан, ҳамаи ин шеърҳои ман як кӯшиши шеъри хуб гуфтан (шеърҳои нави маҷмӯаҳои «Илҳом» (1968), «Нӯшбод» (1971), «Соҳилҳо» (1972) ва «Хоки Ватан» (1975) дар назар аст-Р.Х.), ба гуфти мардум «даст рост кардан» аст. Бале, зиндагӣ саросар пур аз шеър аст, лекин на ҳама метавонанд онро бинанд, дарёбанд ва гӯянд. Хубии шеърҳои боло (шеърҳои «Модарнома», «Суруди хайрбод», «Замини меросӣ», «Хоки Ватан», «Бачагӣ» ва дигарҳо дар назар аст. –Р.Х.) дар он аст, ки дар паси ҳар сатр ва ҳар банди онҳо инсон нафас мекашад, кӯдаке ба ҷаҳони бузург ба умед менигарад, қаҳрамоне дар нафасҳои вопасин дар забонаш каломи Модар -Ватан мемирад, аспе бо ҷанговаре ба сӯи корзор парвоз мекунад, осиёбони дар ришу абрӯвонаш гули орд ҳамчун санги осиёб барои чашмсерии мардум пурҳаракат аст. Яъне ҳар чиро, ки дар ин шеърҳо тасвир шудаанд, мо бо чашм мебинем. Ин гуна шеърҳо дар рӯ ба рӯи он шеърҳое, ки бо иборати китобӣ, бо риояи ҳама қонунҳои арӯз иншо шудаанд ва агар хушоҳангии калимаҳои зебои тоҷикӣ ва арӯз набошад, ҳарзае нестанд, умри дароз доранд» (95,163).

Воқеан ҳам, барои Лоиқ дар сурудани шеъри нав фақат мазмун ва мавзӯи нав кофӣ набуд, балки нигориши шоирона, биниши шоир аз ашё ва ҳодисаҳо низ василаи муҳим буд. Зарурате шоирро барангехта буд, ки маонӣ ва матлабҳои тозаро ироа бидиҳад. Чун эҳсос кард, ки ин маънӣ ва матлабҳои тоза дар қолибҳои кӯҳна, дуруст намегунҷад, ба зарурати он ки онҳо бояд ба беҳтарин ваҷҳе баён шаванд, қолабҳои дилхоҳашро ибдоъ кард. Қолибҳоеро ба кор гирифт, ки ба ниёзҳои дарунии ӯ ҷавобгӯ буданд.

Лоиқ аз оғоз бо гуфтани шеъри нав ҳунарашро сарфи баёни дардҳое кард, ки дар муҳити адабии мо ношинос монда буданд. Ӯ ба баён ва тасвири ранҷҳо ва дардҳое пардохт, ки ҳамеша инсонро гирифтор

медоштанд. Дардҳо ва ранҷҳои ӯ ба ҷони хонандагонаш ошно буданд, бинобар ин ҳам ба дили онҳо менишаст.

Шоир аз ҳосили тамаддуни ҷадид, афкор ва иттилооти асри навин мазмунҳои бикр ва андешаҳои бадеъ берун меовард, дар тангнои эҳсосот ва афкори замонҳои гузашта маҳдуд намемонд. Вай. пеш аз ҳама, аз муҳити зиндагӣ ва воқеияти рӯзгори худ илҳом мегирифт. Мавзӯъҳоеро, ки дар ҳар гӯшаву канори ҷомеа вуҷуд дошт ё ба вуҷуд меомад, бо калимаҳо, таркибҳо ва ташбеҳоти нав дар қолибҳои нав ва авзоне, ки сазовори мафҳум ва матлаби дилбохтаи ӯ буданд, равшан ва равон баён карда тавонист ва баёнаш арзиши ҳунарӣ дошт. Дар чунин шеърҳои шоир тавсифу таҷассум ва намоишу баёни ҳолат ва чигунагии ашё, аъмол ва ҳаракот ҷойгоҳи хос пайдо кард.

Дар ҳунари шоирӣ барои Лоиқ идрок ва эҳсоси асилу зинда, таъсиргузор ва нововарона аз ҳама муҳимтар ва боарзиштар буданд. Бинобар ин ҳам дар интихоби шакли шеърӣ вай соданигор ва содаписанд набуд. Навъҳои шеъриро, хоҳ суннатӣ, хоҳ нав ба тақозои завқ ва эҳтиёҷоти ҳунарию инсониаш кор мебаст, ки ин таҷрибаи шоирона ва ҳунармандонаи ӯ дар шеъри нав аз назари асосҳо, аркони шеър ва тасвиру балоғат ибратомӯз аст. Аз ин ҷиҳат, воқеан ҳам «дар эҷодиёти ҳаминдавраинаи шоирони мо дар пояи шеърҳои нави Лоиқ шеъреро наметавон пайдо кард. Шеърҳои бисёр зебои Мӯъмин Қаноат «Гули бодом», «Марав, қуи сафеди ман», «Ману шабҳои бехобӣ», баъдтар соли 1966, эҷод гардиданд» (56, 15).

Лоиқ дар ҳар ду шакли шеъри нав, ҳам нимоӣ ва ҳам шеъри озод, ки дар маҷмӯъ фарогири 215-то аст, шеър гуфтааст. Бисёре аз озодиҳои шаклие, ки дар ин намуди шеър шоеъ аст, дар осори ба ин тарз гуфтаи Лоиқ низ ба мушоҳида мерасад. Дар ин гуна шеърҳои шоир истиқлоли нисбии қофия ва вазн низ ҷой дорад. Мисраъҳои ин гуна шеърҳо низ «аз нигоҳи имтидод, монанди шеъри суннатӣ ва ё худи чаҳорпора бо аркони баробар маҳдуд намешавад, балки ҳар кадом аз мисраъ метавонад аз рукнҳои баробару нобаробар, масалан, ҳадди ақал аз як рукн ва ҳадди

аксар чаҳор рукн ва гоҳе аз он ҳам зиёд иборат бошад. Аммо дар ҳама ҳолат риояи вазни арӯзӣ ҳатмӣ аст» (75.58).

Лоиқ дар ҳар ду шакли шеъри нав - ҳам нимоӣ ва ҳам шеъри озод ё худ шомлуӣ шеър гуфтааст, вале шакли дувум дар эҷодиёти ӯ чандон мавқеъ надорад. Вале чанд шеъре, ки гуфтааст (шумораи онҳоро М.Нарзиқул понздаҳто ҳадс мезанад), гувоҳи ҳунар ва ибтикороти ӯ дар ин навъи шеъри нав аст.

Шакли нимоӣ ё худ шеъри озод дар эҷодиёти Лоиқ нуфузи бештаре дорад. Ин гуна шеърҳоро шоир дар вазни арӯз гуфта, мисраъҳои он монанди шеъри суннатӣ маҳдуд ба ду , се ва чаҳор рукн нест, балки гоҳо камтар аз ду рукн ва бештар аз чаҳор рукн аст. Қофия низ дар ин гуна шеърҳои Лоиқ ҷои муназзам ва мушаххас надорад.

Чунонки ишора рафт, шакли шомлуӣ, ки онро «шеъри сафед» низ гӯянд, дар эҷодиёти Лоиқ нуфӯзи чандоне надошта бошад ҳам, баъзе паҳлуҳои муҳимми ҳунари шоирии ӯро дар ин замина ошкор мекунад, ки поёнтар дар ин боб сухан хоҳем кард.

Шакли шомлуии шеъри нави Лоиқ вазн ва оҳанг дорад, вале комилан арӯзӣ нест. Дар ин гуна шеърҳои Лоиқ қофия низ ҷои собите надорад, ки намунаи он «Шеъри сафеди тиллои сафед» мебошад.

Вақте ки дар бораи шеъри нави Лоиқ сухан мекунем, чизи ҷолибе, ки ҳаст ин аст, ки мавзӯю муҳтаво ва шакл дар ин гуна шеърҳои ӯ бо ҳам таносуби комил доранд. Мавзӯву муҳтаво ҳам дарунмоя ва ҳам шаклу балоғати чунин шеърҳоро тарҳ медиҳад, ки ин аз вежагиҳои ҳунари шоирии Лоиқ дар гуфтани шеъри нав аст.

Аввал чизе ки шеъри нави Лоиқро маҳбуби хонанда кард, мавзӯъ ва муҳтавои нав буд. Лоиқ тавонист, ки дар хар ду шакли шеъри нав мавзӯъ, муҳтаво ва матлабҳои тоза ва муҳимро ҷой кунад. Аз ин ҷиҳат аксари чунин шеърҳои ӯ инъикоскунандаи воқеъбинонаи воқеияти таърихӣ ва вазъи зиндагии тоҷикон дар садаи бист буданд. Шоир ба манзури рафъи зиштиҳо, фасодҳо ё бо ғарази шиносонидани некӯиҳо шеър мегуфт. Дар сурати аввал ҳадафаш ошкор намудани дардҳо ва парда бардоштан аз рӯи

зиштиҳо ва дар сурати дувум бо баёни зебоиҳо муҷассам сохтани шакли шеър буд, ки шоир ба мақсади худ расид.

Яке аз беҳтарин шеърҳои дар шакли нимоии Лоиқ «Хоки Ватан» мебошад. Лоиқ ба воситаи ин шеър мазҳари мудерни озодихоҳӣ ва ватанпарастиро ба вуҷуд овард. Аз нигоҳи шоиронаи ӯ таваҷҷуҳ ба иродаи миллӣ зуҳури навъе андешаи ватандӯстӣ ва дар ниҳоят ватанпарастӣ аст, ки метавон онро гузар аз ҳуманизм ба насионализм ва аз ҳуқуқи фардӣ ба ҳуқуқи миллӣ номид. То Лоиқ чакомаҳои зиёде дар ситоиш аз Ватан ва хоки Ватан суруда шудаанд, вале тасвири ҳиссӣ ва пурвусъати хоки Ватан дар дил ва зеҳни хонанда чунон рахна кард, ки ин тасвир аз шеър ба шеър кӯчид:

Тоҷикистон- мазҳари ман,
Сарзамини камзамин,
Ту саросар кӯҳсорӣ,
Ту саросар сангзорӣ,
Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз
Ҳар куҷо рафтанд,
муште хок бо худ бурдаанд.
Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯи бахти худ
Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурданд.
Ҳар куҷо рафтанд маҳҷуру ғариб
Аз фироқат ҷуфти онҳо нолаю андӯҳ шуд.
Ҷумла дар кӯи ғарибӣ хок гаштанд, эй дареғ,
Орзуҳошон дар ин ҷо санг басту кӯҳ шуд (25, 125).

Ин шӯри ватанпарастии шеъри Лоиқ дар бисёре аз шеърҳои ӯ, ки дар шакли суннатӣ ва нав навишта шудаанд, ифода гардид ва навъе бозгашт ба азамати гузашта ва фарҳанги пурифтихори ниёкон буд, ки Лоиқ ба василаи шакли нави шеър, тасвирҳои тоза ҳунармандона ифода карда тавонист. Ба ифодаи М. Қаноат шакли шеъри Лоиқ «бо ҷунбиши фикр ва дараҷаи эҳсосаш» дар чунин шеърҳо мувофиқати комил дорад.

Дигар аз ҳамин гуна шеърҳои шоир, ки «Ман намемирам» унвон дорад, шеъри барномавӣ буда, орзую омоли инсони пуртакопӯ ва ояндабинро ифода мекунад. Ин шеър зоҳиран ба мусаммати мусаддас монанд аст. Вале миқдори мисраъҳои ҳар банд панҷмисраъӣ бошад ҳам, онҳо мутаносиб нестанд. Аз шаш мисраъ ду мисраъи охирӣ аз назари шакл мутафовитанд. Қофияи байтҳои бандҳо (лахтҳо) низ аз ҳам фарқ доранд. Чунончи:

То даме, ки офтоб аз Шарқ бинмояд тулӯъ,
То даме, ки рӯдҳо аз кӯҳсор ояд фурӯ,
То даме, ки зиндагӣ бошад ба роҳи орзу,
То даме, ки шеъри Ҳофиз бошаду ҷому сабӯ,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То надонам, ки пас аз ман хонда шеърамро касе
Хоб мебинад маро, мепурсад ин овоз кист?
То надонам зиндагиро баъди ман раҳ то куҷост,
То надонам соҳиби дунё пас аз ман боз кист,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

Бо ду чашми нурполо,
Бо ду дасти ризқпаймо,
Бо дили дардошною бо сари пуршӯру савдо
То қаламро пул насозам дар миёни соҳили имрӯзу фардо,
Ман нахоҳам мурд оҷиз,
Ман нахоҳам мурд ҳаргиз! (25, 72).

Мӯъмин Қаноат дар бораи ин шеър навиштааст: «Дар назари аввал ин шеър мухаммасро ба ёд меорад, ки дар вазни маъмули рамали мусаммани мақсур гуфта шудааст, вале аз лиҳози мазмун, оҳанги гражданӣ ва умқи нафас ин шеъри нав аст. Навигарии шеърро ғайр аз

унсурҳои номбурда мисраи панҷум («Ман намемирам, ман нахоҳам мурд»- Р.Х.), ки дар охири ҳар банд ҳамчун гардиш, ҳамчун аккорд дар мусиқӣ садо медиҳанд, таъмин кардааст. Ин сатр дар ҳамин баҳр гуфта шудааст: «фоилотун фаъ», вале чун мавҷи тозаи тавонотаре мавҷҳои пешро оварда ба соҳили мурод мерасонад» (174,100). Ғалате, ки дар суханони М. Қаноат ҳаст ин аст, ки ӯ ду мисраи охирро, ки шоир ҳадафмандона ҷудо-ҷудо овардааст, як мисраъ ҳисобида, шакли шеърро мухаммас гуфтааст. Ҳол он ки агар ҳар лахти шеърро шаш мисраъ ҳисоб кунем ҳам он аз лиҳози қофиябандӣ ва сурати ду мисраи охир наметавонад мусаммати мусаддас бошад.

Он чи ки ин шеърро нав ҷилва медиҳад мазмуну шакл буда, таносуби комили онҳо устуворӣ ва навии сохтори умумии шеърро низ таъмин намудааст.

Лоиқ худ дар шеъри нимоии «Суруде хоҳаму шеъре» моҳияти шеъри навро чунин баён кардааст:

Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам,
Дилам шеъру суруди бетафовутро набипзирад.
Суруде хоҳаму шеъре,
Ки мадду ҷазри дарёи дили моро фаро гирад.
Суруде хоҳаму дастон,
Ки мисли накқбанҳо кӯҳ бишкофад.
Ба мисли шоҳибофон шоҳӣ бофад.
Ба мисли селаи мурғон кунад парвоз,
Замину осмонро пур кунад аз хонишу овоз.
Дар ӯ дил муҳтавӣ бошад,
Равон ҳарфи равӣ бошад.
Дар ӯ ҳар зинда монад зи ҳаёту шод,
Дар ӯ кухна навӣ бошад…
Суруде хоҳаму дастон,
(Шумо, эй мутташоирҳо, ҳама хомӯшӣ бигзинед,
Дили танги шумо аз қофия ҳам тангтар бодо!)

Суруде хоҳаму дастон,
Ки дунё ҳамсадою ҳамнаво бошад.
Заминҳову замонҳоро висолу иттисол орад,
Барои ҳар забону миллату ирқу нажоди даҳр
Фаҳмову раво бошад (25,84).

Ин шеъри барномавӣ дар баробари тарҳи моҳияти шеъри нав саҳлофаринии онро низ дар назар дошт, ки зери таъсири шеъри Мӯъмин Қаноат, Лоиқ ва Бозор Собир бисёре аз шоирони муқаллид аз он сӯиистифода карданд.

Лоиқ сохтори шеърашро аз Нимо гирифт, аммо ин сохторро бо тарзу биниши хоси худ ба ҷилва даровард. Дарвоқеъ, вақте шеърҳои дигари нимоии Лоиқ «Руҷӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт», «Боз як рӯзам гузашт», «Моҳии тилло», «Рӯзҳо мегузаранд», «Ҷуфти ҳамбол», «Қатли дарё», «Айнӣ», «Таърих гувоҳ аст», «Оли Сомон», «Китобҳои шаҳид», «Ғазали боғбони пир», «Ало, эй Шаҳрзоди ман», «Чу ман ҳам одамизодам», «Хабар доред оё, ҳазрати Лоиқ», «Мадҳияи аҷал» ва ғайраро мутолиа мекунем, дар онҳо ба ҷуз муҳтаво ва мавзӯи нав зеботарин сурати вазн, ҳунармандонатарин ё пуртаъсиртарин корбурди қофияи озодро ба мушоҳида мегирем.

Лоиқ бо ашъори тозаэҷоди хеш (мудерн) зарфияти зебоишинохтии қолиби (жанри) шеъри навро дар вазн, қофия ва тасвир такмил дод. Вале ин андеша ҷойгоҳи ӯро дар фарогирии мавзӯву муҳтавои нав низ танг намекунад. Ба ҳар ҳол дар ин замина суханони Акбари Турсон, ки мегӯяд «Усулан Лоиқ шоири қолабшикан набуд, аммо шеъраш қолабӣ ҳам набуд» (71,17) тавзеҳталаб аст. Лоиқ аз ҳама ҷиҳат шоири қолабшикан буд. Андешаи А. Турсон қазоватҳои он даста аз мунтақидони шеъри Ниморо ба ёд меорад, ки ба сабаби дар шеъри суннатӣ ва нав дасти тамом доштанаш ӯро шоири нимаклассику ниманав шинохта буданд. Агар мо дар шинохти ҷомеъи шеъри Лоиқ меъёри вежагиҳои ҳунарӣ ва дарунмояи онро ба назар гирем, ба ҳукми дигаре дар бораи шеъри Лоиқ мерасем. Беш аз ин хусусияти дигари шеъри Лоиқ пайванд бо замонро

меъёри санҷиши шеъри ӯ қарор диҳем, мебинем, ки шеъри Лоиқ аз ин ҷиҳат низ нав аст. Ин шеър мушаххасоти замонию маконӣ дошта, нишонаҳои хос ва мушаххаси замони таърихӣ ва фарҳангиро дар худ ҳифз кардаастмаҳдуд намешавад. Мухотаби ин шеър дар нуқтаи мушаххасе аз таърих истода ва аз донистаҳо, шинохтаҳо, тамйиздодаҳо ва зеҳнияти мушаххасе бархӯрдор аст. Ин масъала бар шакл ва зебоишиносии шеъри нави Лоиқ пайванди мустақим дорад ва ҳамзамон дарки муҳтаво ва зебоишиносии шеъри ӯ душвор нест. Ба ифодаи дигар, тору пуди шеъри Лоиқ бо замоне, ки шоир дар он зиндагӣ кардааст, дарҳам танида шуда ва моҳияти инсонӣ ва маънавии он барои хонандаи замонҳои дигар низ дастрас аст.

Шеъри нави Лоиқ ҳамроҳ бо афкор ва андешаи тозаи иҷтимоии ӯ ба вуҷуд омад ва рушд кард. Аз ин ҷиҳат, шеъри нав барои Лоиқ як тафаннуни шоирона набуд, балки як зарурати таърихӣ ва ҳунарию маънавӣ буд. Маҳз мазмуни нав омили аслии тағйири шакл ва зарбу оҳанги шеъри ӯ шуд. Лоиқ барвақт дарк карда буд, ки «шеъри нав эҳтиёҷест, ки дар тайи қарнҳо рушд карда ва инак ошкор шудааст… Шеъри нав силоҳи насли ҷавон аст. Танҳо шеъри нав аст, ки метавонад эҳтиёҷи маънавии замони моро баоварад ва … шеъри нав силоҳи мардуми ранҷидаест, ки аз ҳама чиз ба танг омадаанд. Ин силохро барои ҳамин мардум нигоҳ бояд дошт» (182, 10).

Лоиқ ин силохро оинаи қаднамои таърихи гузашта ва муосир сохт. Бурду бохти миллатро нишон дод. Шеъри нав дар бисёр ҳолатҳо вазифаи шиорро низ ба ҷо меоварад ва мухотаби шоир табақаҳои мухталифи ҷомеаи тоҷикон қарор гирифта буд. Дар ин замина шеъри «Ало шодоб соҳилҳо» ҷолиби диққат аст. Ин шеър дар шакли нимоии шеъри нав ва бо камиву зиёдии рукнҳо дар вазни арӯзӣ гуфта шудааст.

Дарунмояи шеър марбут ба шинохти вақт ва ба қадри рисолати инсонӣ расидан аст, ки моҳияташ ашъори таълимии гузаштагонро ба ёд меоварад. Вале ҳарфи шоир ва тарзи баёну тасвири ӯ кӯҳна нест. Шеър оҳанги хитоба дошта, ҳамчунин пуртасвир низ мебошад. Чунончи:

Ало, эй соҳибони вақт,

Вақти хеш дарёбед.

Шумо ҳоло ҷавону компрону шодмону

зиндаед охир!

Чу рӯзе бар мазори сард мехобед,

Аҷал баҳри шумо фурсат нахоҳад дод,

Ки ҳар нодидаро бинед,

Гули ночидаро чинед,

Ва як дам дар ғами гумкардаҳои хештан гирйед

Ва як дам он чиро нагрифта будед аз ҷаҳон, гиред.

Шумо, эй соҳибони вақт,
Биштобед!

Биштобед! (25,82)

Шеъри нав (ҳар ду шаклаш низ) дар эҷодиёти Лоиқ ҷойгоҳи хос дошта, гуногунрангии жанрӣ ва мундариҷаи осори ӯро таъмин намудааст. Дар радифи шакли нимоӣ ё худ шеъри озод, ки намунаҳояшро таҳлил намудем, шакли нимоӣ ё худ шеъри сафеди Лоиқ низ хусусиятҳои хоси мундариҷавӣ, шаклӣ ва зебоишинохтӣ дорад. Яке аз вижагиҳои шеъри сафеди шоир ин аст, ки дар он қофия нақши хос дошта, ҳарчанд вазни арӯзи надошта бошад ҳам, «ритми муҳаррику печоне дорад, ки ин тасвири дақиқи ҳаракати эҳсосу афкори шоир аст» (162, 138).

Дар миёни шакли шомулии шеъpҳои Лоиқ чанд намунае ҳаст, ки консепсияи хоси эҷодии шоирро дар эҷоди ин навъи шеърӣ ифода мекунанд. Дар ин миён шеърҳои «Шикастабанд», «Ифтихор ва эътироз», «Аъмо», «Шеъри сафеди «Тиллои сафед», «Дуоҳо аз роҳҳо» ва «Қасидае барои Сапеда» аз бисёр ҷиҳат ҷолибанд.

Дар мисоли ин қабил шеърҳо метавон доир ба усули гуногуни ифодаи дарунмоя ва шакли ин навъи шеър сухан кард. Дар ин замина

шеъри лирикии ошиқонаи Лоиқ «Қасидае барои Сапеда»-ро аз назар мегузаронем.

Мафҳуми қасида дар ин шеър ба маънои навъи шеърӣ нест. Шеър дар қолаби шакли шомлуӣ гуфта шуда бошад ҳам, агар ба назар гирем, ки матни он мақсади хоси шоирро, ки ҷавҳараш мадҳ аст, низ ифода мекунад, метавон моҳиятан онро қасидаи сапеда гуфт. Вале мундариҷаи шеър, гирумони шоир, ифодаи мазмунҳои гуногун ва ниҳоят шаклу усули тасвиргарии шоир ба мо иҷоза намедиҳад, ки онро чун қасидаи суннатӣ қабул кунем. Беш аз ин Лоиқ бо эҷоди ин шеър тарзи билкул асили ифодаи дарунмояи шеъри лирикиро ироа кардааст, ки дар шеъри тоҷикӣ собиқа надорад.

Лоиқ бо вуҷуди он ки дар унвони шеър истилоҳи «қасидаро» забт кардааст, дар матн шакли онро мушаххас намудааст. Чунончи:

Сапеда!
Ин номро ишқи ман барои ту гузошт,
зеро як шуълаи андомат
аз дурахши номат,
аз нози чашмонат-
чашмони фаттонат;
аз ишқи содаат чун тулӯи хуршед
дар дилам сапеда дамид
ва ҳам гӯшаҳои торики диламро
сафед кард,
Ва донистам, ки ту сапедаи умеди манӣ
ва донистам, ки шеъри сафед ҳақ медиҳад
то ба номи Сапеда,
яъне исми ту дар шеъри ман-
ниҳон аз анкабутони туҳматбоф
шеъри сафед бигӯям (25, 304-305)

Шакли фарох ва озоди шеърӣ ба шоир имкон додааст, ки мазмун ва муҳтавои ҳодисаҳои ҳаётӣ ва алоқамандии инсонҳоро бо ҳам дар он

нақл кунад. Ин боиси тақвияти ҷанбаҳои лирикӣ ва ҳамосии шеър гардида, нирӯи отифӣ ва ҳиссии онро афзудааст.

Дар шеър мабдаи асосӣ рӯҳ буда, ҳолатҳо, ҳодисаҳо ва ашёҳо омили ҳаракатдиҳандаи рӯҳанд. Дар адабиётшиносии рус чунин шеърҳоро гоҳо достон, гоҳи дигар «лирикаи монументалӣ» шинохтаанд. Л.И.Тимофеев бар ин ақида аст, ки шеъри лирикӣ метавонад дар ду-се мисраъ ғунҷад, метавонад аз ҷиҳати сохт мураккаб шуда, манзараи ҳаматарафаи ҳаёти маънавии шоирро (қаҳрамони лирикиро) инъикос кунад, ки онро лирикаи монументалӣ номидан мумкин аст (134, 210-211).

Сорбон дар «Лоиқнома»-аш заминаҳои пайдоиши ин шеърро дақиқ ва муфассал нишон додааст (106, 70-81). Аз нишондоди Сорбон маълум мешавад, ки Сапеда номи мустаори «Сапеда»-и воқеист. Яъне қаҳрамони лирикии шеър прототипи худро дорад. Худи шоир низ иқрор кардааст, ки:

Сапеда!
Ин номи мустаори туст
барои дили ман,
барои шеъри ман,
зеро номи туро
наметавонам бигӯям ошкоро;
зеро муҳити мо-
муҳити Душанбе-
шаҳри хурди ишқи бузургон надида
барои ишқи бузург
ё ишқи бузургон
омода нест
Мисли он, ки ҳар сол мебинем
барои рафъи филборонҳо,
селҳо,
барфҳои лаклакии ғайриинтизор
омода нест (25,204).

Сорбон аз нақли «як чизи одӣ», ки ҷӯраи «ҷамолакиаш» ба ӯ кардааст, чунин натиҷа гирифтааст: «Ва ҳоло ин пораи «Қасидае барои Сапеда»-ро хонда мегӯем, ки Лоиқ шоири одӣ ва нозиме нест, балки баланд аст ва ҳар кас натавонад чунин гуфтан аз як чизи одӣ» (92, 74). Вале барои Лоиқ, ки «табиаташ майл ба лирика ё гуфтори ғиноӣ дошт» (Х.Шарифов), он чи аз сараш гузашта буд, яъне бархӯрди шигифтангез бо Дездемонаи воқеӣ барояш «як чизи одӣ» набуд. Лоиқ, ки таҳти таъсири афсуни зоти ашё (сарнавишти қаҳрамони лирикӣ) қарор гирифта буд, дар коргоҳи шоириаш ба ашё (ҳодиса) шакли инсонӣ дод. Ба ифодаи дигар, вай осмон ва замини ишқро дар қафаси қолиб андохт ва як лаҳза аз замони гузаро ба сарнавишти инсон бо эҳсоси собит дар ҷомаи калимаҳо ҷовидонагӣ бахшидааст. Ва он шинохт ва ҳайрати Сорбон, ки Лоиқро «шоири одӣ ва ё нозиме нест» мегӯяд ва «балки баланд» мешиносад, реша дар хилқати шоир дорад. Бинобар ин ҳам ин шеър бо тамомияти бадеии худ арзишманд буда, нақши Сапеда, муносибати шоир ба сарнавишти вай ва муҳтавои шеър фарогири воқеияти зиндагии ошиқонаю шоирона аст. Мантиқи маънии шоирона дар ин шеър ба ҳадде қавист, ки шояд бозгаштамон ба ҷустуҷӯ ва дарёфти қаҳрамони зиндаи шеър маъние пайдо кунад.Ҳамчунон ки Сорбон сари ин калобаро боз медорад.

Вале ҳоло муҳим аст эътироф кунем, ки мисли дигар шеърҳои Лоиқ ин шеъри ғиноии ӯ комилан заминаи воқеӣ дошта, аз воқеияте, ки шоир аз сар гузаронидааст, маншаъ мегирад. Аммо дар ин ҳол шоири мо ҳеҷ гоҳ воқеанавис набудааст, балки аз «як чизи одӣ» ҳам ҳамеша натиҷаи шоирона мегирад.

Ин шеър ва бисёр шеърҳои дигари Лоиқ далели онанд, ки шахсият ва ахлоқи шоирро аз шеъри ғиноии ошиқонаи ӯ ҷудо кардан ғайри имкон аст ва ин унсур боиси такмили шакл ва мундариҷаи ин навъи шеър гардидааст.

«Қасидае барои Сапеда» шеъри сафеди пуртасвир буда, таҷрибаи Лоиқ собит мекунад, ки бақо ва интишори ин навъи шеър ба ҳиммат ва ҳунари шоир вобаста мебошад. Тарзи тасвир, балоғати шеър, истифодаи

калимот, ифодаҳо, таъбирҳо ва санъатҳои бадеӣ гувоҳи бархӯрди комилан нави шоир дар ин шакли шеърӣ дар гуногунрангии тасвир ва сермаъноии он мебошад, ки камназир аст.

Композитсияи ин шеър низ қобили мулоҳиза аст. Компонентҳои асосии композитсия-андозаи шеър, дарозу кӯтоҳии мисраъҳо бо сохтори шаклию мундариҷавӣ таносуби комил доранд.

Шеъри «Қасидае барои Сапеда» яке аз беҳтарин шеърҳои Лоиқ дар шакли шомлуӣ маҳсуб меёбад.

Дигар аз шеърҳои нисбатан тӯлоние, ки Лоиқ дар шакли шомлуӣ сурудааст, шеъри «Ифтихор ва эътироз» (1983) мебошад, ки бо муҳтаво ва сохтори шеъриаш хусусиятҳои хоси ин жанрро дар эҷодиёти Лоиқ муайян мекунад.

Шеър аз понздаҳ банди миқдори мисраъҳояш гуногун иборат аст. Шоир, чунон ки худ иқрор кардааст, ин шеърро дар тақлид ба Пабло Неруда сурудааст. Ин тақлид «на ҳудаю беҳуда, балки дониста» (25, 193) сурат гирифтааст.

Муҳтавои шеърро пуштибонӣ ва ҳимоят аз маънавиёти аҷдодӣ, гиромидошти шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ ташкил медиҳад. Ҳамчунон ки М. Нарзиқул низ мушоҳида кардааст, «шакли шеър низ ҷолиб аст: шоир агарчи ин сарводаи хешро беарӯз, беқофия, сода ва тақлиди нахуст аз Пабо Неруда мегӯяд, онро ба истилоҳ наметавон намунаи комили шеъри сафед хонд, зеро қофия дар шеър мавқеи намоён дорад» (75,77).

Бояд гуфт, ки қофияе, ки ҷо-ҷо дар ин шеър ба назар мерасад, аввалан қофияи суннатӣ нест, сониян чунин тарзи қофиябандии номуназзамро мо дар ашъори офарандаи ин жанри Шомлу низ мушоҳида мекунем, ки ҷои собите надорад, ҳамчунон ки дар шеъри Лоиқ.

Шеъри «Ифтихор ва эътироз» ҷозибаи амиқ ва дақиқ дошта, мазмуну муҳтавояш низ пурвусъат ва боарзиш аст.

Банди зерин хонандаро ба муҳити ифтихор ва эътирози шоир ворид месозад:

Гоҳо аз минбарҳо
дар кунгураҳо,
дар китобу дафтарҳо,
рӯзномаву маҷаллаҳо
нотиқи булфузуле,
қаламкаши гӯле
бо бонги баланд,
бо ранги баланд
мегӯяд
ё менависад:
Халқи тоҷик
дар гузашта
бесавод буд
саросар… (25,193).

Сипас банди дигар шурӯъ мешавад, ки омили ифтихор ва эътирози шоирро ошкор месозад:

Қаҳ! Қаҳ! Қаҳ!
Эй кавдан!
Эй сагдаҳан!
Ту бесаводӣ
Ё Рӯдакӣ?
Ту бесаводӣ
Ё Фирдавсӣ…. (25,193).

Бояд таъкид кард, ки тору пуди муҳтавои ин шеъри Лоиқ он чунон бо замоне, ки шоир дар он зиндагӣ мекард, дарҳам танида шуда, ки зебоиҳои ин шеър ҳам танҳо хонандаеро гирифтор медорад, ки бо асри шоир ва матни фарҳангии он замон ошноӣ дошта бошад. Вагарна эътирозу ифтихори Лоиқ барояш пӯшида мемонад. Вале ин маънои онро надорад, ки бо гузашти замони таърихию фарҳангии Лоиқ зиста ин шеър ва муҳтавои он низ кӯҳна мешавад. Баръакс, ғояи худшиносӣ, ки асоси фикри шоирро дар шеър шакл додааст, ҷовид аст. Манзури шоир аз зикри

кавданҳо ва сагдаҳанҳо, ки гузаштаи тоҷиконро беэътибор меҳисобиданд, шинохтани ҳувияти миллат аст. Шеър исёни шоир ба муқобили замондоронест, ки нисбат ба сарнавишти таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷик беэътино ва кухрӣ будаанд.

Аз баррасии иҷмолии ин чанд шеъри Лоиқ, ки дар шакли нимоӣ (шеъри озод) ва шомлуӣ (шеъри сафед) сурудааст, метавон ба ин натиҷа расид, ки илова ба он ки мавзӯи ин шеърҳо нав аст, сабк ва қолиби шеърӣ ва фикр низ дар онҳо нав мебошад.

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои шеъри нави Лоиқ тарҳи матлаби нав ва таваҷҷуҳи дилхурагӣ ба масъалаҳои доғи ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавию фарҳангии тоҷикон мебошад. Шоир ба забоне ширин, образнок ва сода аз ғафлати таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии мардум сухан мегӯяд. Чандон гирифтори ғами миллат аст, ки шеърҳои нави ӯ аксаран оҳанги хитобаи оташинро ба худ мегиранд. Ҳатто шеърҳои нави дар мавзӯи ишқ навиштааш низ саршор аз андешаҳои иҷтимоии ӯ буда, аксар оҳанги хитоб ва ҳушдорро ба худ мегиранд, ки дар шеъри тоҷикӣ ҳодисаи комилан нав аст. Ба ин фикраҳо аз шеъри лирикии «Қасидае барои Сапеда» таваҷҷуҳ кунед:

…Ва он гоҳ
(Худо хайрашон диҳад!)
мардуми мо,
мардуме, ки ишқи бузург мехоҳанд,
аммо боз хораш мекунанд;
Мардуме, ки шоири бузург мехоҳанд,
аммо боз сангсораш мекунанд;
Мардуме, ки ҳунарвари бузург мехоҳанд,
аммо боз ночораш мекунанд,
ишқи туро,
ишқи маро
як рӯз баъди сари мо
меҳроб мекунанд,

саҷда мекунанд
ва ҳатто афсӯс мехӯранд,
ки чаро гузаштагон-
(ҳоло муосирони ман ту!
Умрашон дароз бод!)
Қадри маро надонистанд? (25, 205).

Дар шеъри «Ифтихор ва эътироз» низ оҳанги хитоб хеле қавӣ буда, шоир бисёр мехоҳад ҳаммиллатонашро аз хоби ғафлат бедор кунад. Сатрҳои зер дар матни рӯзгори иҷтимоию маънавии тоҷикони имрӯза низ ҳамчунон дархӯр ва ҳушдордиҳанда аст:

Имрӯз мо
аз рӯи муҳосиба
босаводем саросар,
яъне чӣ?
Метавонем
Навиштан,
хондан аз коғаз
пурғалат, пурлакнат,
ариза навиштан
аз лағзишҳои ҳамдигар,
чоҳ кофтан
бо нӯки қалам
барои аҳли ҳунар;
Оваҳ!
Чӣ бозёфте?
Метавонем ҳатто
аз рӯи коғаз
алвидоъ гуфтан,
гиристан,
дар ҷанозаи падар,
модар,

ёру бародар… (25,195).

Фикр, андеша, ҳис ва ҳаракати шоиронаи Лоиқ дар ин гуна шеърҳояш мисли мисраъҳои кӯтоҳу зинадори паси ҳам фурӯ рехта, ки аз мусиқии хосе бархӯрдоранд, нав ва таъсиргузор аст. Ӯ дар қолаби шеъри наваш талоши сахте дорад, дари хонаи мардумро бикушояд, аммо биме он дорад, ки аз худшиносии мардум дару девори вайронашон бар сари ӯ фурӯ резад. Замонаи Лоиқ барои бедории миллат ҳеҷ хубие надошт ва Лоиқ шоири хубе буд, ки садои бедорӣ мезад. Вале медид ва ҳис мекард, ки ҳамватанонаш дар хоби амиқе фурӯ рафтаанд ва ғами хоби сангини онон хобро аз чашмони шоир даррабуда буд. Садои «Зангулаи бедорӣ»-аш низ ба гӯши касе намерасид.

Ин гуна бархӯрдҳои дарунӣ дар шеъри мо собиқа надошт. Нигоҳи нави Лоиқ ба ҷаҳони даруну берун ба сохти шеър, бахусус таркиби забонии он низ таъсири амиқ гузошта, шакли онро тоза ва муассир сохтааст.

Таркиби композитсионии ин гуна шеърҳо наванд. Дар онҳо байт мавқеи устувор надорад, банд матраҳ аст. Бандҳо низ ба тақозои андеша ва тасвир дарозу кӯтоҳ мешаванд. Бинобар ин ҳам бандҳо ва ҳаҷми он дар ҳар шеър калону хурданд. Масалан, дар шеъри «Илтиҷо қабл аз тарки дунё», ки шакли шомлуӣ аст, ҳамаи ҳашт банди шеър дар ҷиҳати тарҳи як мавзӯъ аст ва меҳвари аслии шеър бисёр дақиқ ва устувор буда, мавзӯоти фаръӣ ва зоҳирӣ надорад. Ба ифодаи дақиқтаре, бештарини шеърҳои нави Лоиқ форми зеҳнӣ, яъне ташаккул ва таҳаввули маънавӣ доранд. Калимаҳо, тасвирҳо ва аҷзои шеър он қадар бо ҳам пайванданд, ки пораеро наметавон аз он ҷудо кард. Маҳз иртиботи маънавӣ ба ҷои қофия ва радиф таркиби шеърҳоро устувор сохта, сатрҳоро ба ҳам дӯхта ва васл кардааст. Бадеъ ва балоғати шеър низ изофае бар шеъри шоир набуда, аз табиати калом бар меояд ва абзорҳои баёнӣ низ ҷузъи моҳияти шеър аст, ки тафсилоти он вақт ва ҳавсалаи бештар мехоҳад.

## III.2. Вежагиҳои чаҳорпораҳои шоир

Яке аз шаклҳои маъмули шеъри навини тоҷикӣ чаҳорпора аст. Бо ифодаи А.Ҳакимов (А.Ҳаким) «ривоҷу равнақ гирифтан ва серистифода шудани ин навъи шеър дар назми муосири тоҷик, пеш аз ҳама ба мундариҷаи тоза майл кардани назм вобаста бошад, сониян аз таъсири қавии назми рус аст. Аз шоирони муосири тоҷик устод Лоҳутӣ махсусан барои бисёр ба кор андохтан ва маъмул шудани он хизмати босазо кардааст» (96, 200).

Дар такмили ин навъи шеърӣ ва устувор шудани сохти композитсионии он хидмати Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Киром ва Мастон Шералӣ низ зиёд аст.

Ҳарчанд ин навъи шеърӣ аз шеъри нимоӣ пештар ба вуҷуд омадааст, вале метавон гуфт, ки то ба имрӯз доир ба он, агар баъзе ишораҳои донишмандону шоиронро фурӯ гузорем, кори интиқодӣ ва таҳқиқотии дурусте анҷом нагирифтааст. Таърихи пайдоиш, вежагиҳо, зарфиятҳо ва тавоноиҳои ин қолиби нави шеъри форсии тоҷикӣ низ ҳанӯз омӯхта нашудааст.

Чаҳорпора, ё худ ба таъбири баъзеҳо дубайтии пайваста, маҳсули давраи нави адабиёти тоҷик аст. Дар оғози пайдоиш чаҳорпора қофиябандиҳои якдармиён (абаб, ввгг), дудармиён (абба,вггв) ва боз қофиябандиҳои зерин: 1) (ааба, ввгв); 2) (абвб, гдед); 3) (аабб, ввгг) доштааст. А. Ҳакимов бар ин назар аст, ки чаҳорпорае, ки қофиябандиаш (ааба, ввгв) аст, дар шеъри тоҷикӣ зери таъсири назми рус ба вуҷуд омадааст. Ба мушоҳидаи ӯ М. Турсунзода ва А. Шукӯҳӣ ин навъи чаҳорпораро зиёд кор фармудаанд (96, 200-201).

Шакли имрӯзини чаҳорпора бо чунин тарзи қофиябандӣ, ки дорои бандҳои чаҳормисраъӣ ва қофияи мисраъҳои дувум ва чаҳорум аст, қадре ҷадидтар аз шаклҳоест, ки дар оғози пайдоиши чаҳорпора вуҷуд дошт.

Чаҳорпораро муҳаққиқон гоҳо шеърии нави «моқабли нимоӣ» номидаанд . Дарвоқеъ, ин навъи шеъриро ҳам аз лиҳози замони пайдоиш

ва ҳам аз лиҳози дараҷаи такомулӣ метавон «моқабли нимоӣ» номид. Муҳаққиқони таърихи шеъри форсӣ чаҳорпораро аз назари замонӣ пеш аз шеъри нимоӣ дониста, аз назари мартабаи шеърӣ низ қолибе «дузист» ҳисобидаанд. Ба ин маънӣ, ки байни шеъри классикӣ ва нимоӣ қарор мегирад, яъне ҳарчанд озодиҳо ва вусъати шеъри нимоиро надорад, нисбат ба шеъри классик дорои озодиҳои бештаре ҳаст.

Дар шеъри муосири тоҷик Лоиқ оғозгари чаҳорпора набуд, вале дар ташаккул ва таҳаввули ин қолиб ва пазируфта шудани он аз тарафи завқи умумӣ таъсири зиёд дошт. Дарвоқеъ, аввалин чаҳорпорае, ки Лоиқ суруд, шеъри «Ном» аст, ки бо мазмуни тоза ва шакли нав қобили таваҷҷуҳ буд.

Лоиқ шеъри «Ном»-ро дар соли дувуми донишҷӯияш гуфта ва он дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудааст. Муҳимтарин чизе, ки дар ин шеър буд, ҷанбаи ҳаётии он аст. Бародари шоир ба ёд меоварад, ки «дар санги калони назди Обшор (мавзее дар зодгоҳи шоир- Р.Х.) Юнуси ҳамсинфаш номашро сабт карда буд. Лоиқ ин амали ҳамсинфашро дида, аз ҳамон лаҳза ояндаро ба андеша мегирад, ки агар кас номи худро зинда доштан хоҳад, бояд ба дили одамон роҳ ёбад, дар хидмати халқи худ бошад ва шояд номи ӯ абадзинда монад» (201, 19).

Нахустин шеъри Лоиқ бо мазмуни нав ва қолиби нави чаҳорпора ифодагари тафаккури бадеии ӯ буд, ки вежагиаш тозаҷӯиву тозагӯӣ аст. Шеъри Лоиқ «Ном» ба мафҳуми аслӣ ва асосии калимаи «нав» мувофиқат мекард ва аз ҷиҳати мазмун ва шакл аз шеърҳои пешгузаштагон ва муосиронаш тафовут дошт. Ин шеър бо калимоти маънидор дар либоси бадеӣ гуфта шуда, монанди як тоблуи (картинаи) рангоранги музайян ҷилва менамояд, ки аз бисёр ҷиҳат дар шеъри он рӯзгор қобили таваҷҷуҳ буд. Зимнан ин нуктаро низ бояд ёдрас кард, ки Лоиқ аз оғоз то ба охир усулан пойбанди чаҳорпора набуд, балки ба унвони як қолиб ба он таваҷҷуҳ дошт ва ҳамчунон ки зикр кардем, дар қабули он аз тарафи завқи умумӣ даxолати зиёд дошт. Ба иборати дигар аз он ҷо, ки фикри асосии ӯ боз кардани роҳе тоза дар шеъри муосир буд, наметавонист

худашро фақат ба чаҳорпора маҳдуд кунад. Ба ин далел, ҳамаи навъҳои шеър, чӣ суннатию чӣ нав, майдони санҷиш ва ибтикороти ӯ қарор гирифта буданд, ки дар ин миён чаҳорпора ҷойгоҳи хос дошт.

Дар оғози фаъолияти эҷодияш бештар ба шакли чаҳорпора таваҷҷуҳ кардани Лоиқ далели  имконоти бештари ин навъи шеърӣ дар баёни андеша мебошад. Бинобар ин ҳам бесабаб нест, ки  аксари  шеърҳои  дар охири  солҳои панҷоҳ ва ибтидои солҳои шаст гуфтаи  шоир дар қолиби чаҳорпораанд.Албатта, арзиши  шеърии  ҳамаи шеърҳое, ки  шоир дар ибтидои роҳи шоириаш сурудааст, яксон нестанд. Вале инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки  дар он рӯзгор, ки ҷомеаи Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ҳам сахт идеологӣ ва сиёсатзада буд, умдатан талоши Лоиқ бар ин буд, ки аз қолибҳои маҳдуди шеърӣ раҳо шавад.

Шакли қофиябандӣ дар аксари чаҳорпораҳои индавраинаи Лоиқ тоза буд ва аз тарзи қофияпардозиҳои пешкисватони ӯ-Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ  ва дигарон фарқ дошт. Дар ин гуна шеърҳои Лоиқ аслан қофия озод буд. Яъне фақат қофияҳои мисраъҳои дувум ва савумро риоят мекард. Барои  тасаввуроти комилтаре пайдо кардан намунаҳоеро аз ин навъи шеъри шоир зикр ва арзёбӣ мекунем.

Лоиқ дувумин шеърашро низ дар шакли чаҳорпора сурудааст, ки мазмуну муҳтавои он тоза аст. Банди аввали чаҳорпора бо қофияи  <u>абаб</u> ва се банди дигар дар шакли  <u>абвб</u> суруда шудааст, ки  озодии баёнро таъмин намудааст.

Шеъри «Зарафшон» низ дар ҳамин тарз қофиябандӣ ва аз  ҳафт банд иборат аст. Шакли чаҳорпора василаи озоди баёни мазмун ва мӯҳтаво гардидааст.

Ин чаҳорпораҳо гувоҳи онанд, ки дар оғози роҳи эҷодӣ шоир дар эҷоди ин гуна шеър тағйир ва таҳаввуле сурат гирифтааст. Лоиқ фақат ба тағйири шакли зоҳирии шеър машғул нашуда, балки диди нави шоиронаеро низ ба воситаи чаҳорпора ироа намудааст. Навии дигари кори Лоиқ иборат аз он аст, ки  бархе аз калимотро, ки пештар дар шеър истифода намешуд, ба кор бурд. Қаҳрамони лирикии чаҳорпора

ифодагари дидгоҳи тозаи ҷаҳоншиносии шоир ва таҷассумсози идроки бадеии ӯст. Шеъри чаҳорпора дидгоҳи нав ва мудерни шоирро равшантар таҷассум мекунад.

Чаҳорпораи «Меҳр ва зар» низ аз аввалин таълифоти шоир буда, аз нуҳ банд иборат мебошад. Шакли қофиябандии он абаб буда, дар матни воқеияти тарҷумаҳолии замони зиндагии шоир эҷод шудааст, ки муҳтавои тозаи шеъри тоҷикӣ дар ибтидои солҳои шаст буд. Инак, қисматҳое аз ин шеър:

Доништалабам, на каси нодор, на доро,
Танҳо паи мақсуд ба уммед равонам.
Аз он чи муяссар шуда аз давлати дунё,
Дар даст маро ҳаст фақат як чамадонам.

Таҳсил ба донишкада хуб аст, гуворост,
Ёрон ба дили якдигарӣ ғам нагузоранд.
Ин ҷо на касе ҳорису не дар ғами дунёст,
Ишқ аст, ҷавонист, азизаш бишуморанд.

Аммо мани то ҳол ғами ишқ надида
Дилбохтаву волаву шайдои ту гаштам.
Дар роҳи ту аз ҳамсабақон дурӣ кашида,
Парвонасифат аз қаду болои ту гаштам…

Воқиф нашуда аз дилам, эй ёр, ки дар он
Ишқ аст, умед аст, талош аст, субот аст,
Пиндоштиям бекасу бе ганҷи фаровон,
Пиндоштиям оҷизу помоли ҳаёт аст…

Сад сол агар сӯзаму созам, ғазаби умр
Аз арчаи меҳрам набарад барги хазонро.
Меҳр аст маро бозуи зӯру сабаби умр

Гар даргузарам ҳам, бубарам бо худам онро.

Соҳиб набурад нахли ҷавонро чу бараш нест,
Уммед аз он, ки бидиҳад соли дигар бор.
Аз чист, аё ёр, бигуфтӣ, ки зараш нест,
Чун нест ба ҷуз ишқ дигар давлати подор?! (25, 18-19)

Мо дидаву дониста қисматҳои зиёде аз ин шеърро иқтибос кардем. Аввалан ин шеър аз бисёр ҷиҳат ифодагари диди тозаи Лоиқ дар шинохти воқеияти зиндагии муосир аст, сониян, ин ва шеърҳои дигари Лоиқ «Арча», «Ба дӯстам Дӯст», «Ёди як ҳамсабақи марҳумам», «Зиндагӣ, бинмо ба ман роҳи сафед» ва ғайра, ки дар шакли чаҳорпора суруда шудаанд, гувоҳи тағйири на фақат зоҳири шеър, балки мантиқи шоирона низ ҳастанд. Дар ин чаҳорпораҳо на фақат шакл, балки мазмуну муҳтаво низ барои шеъри он рӯзгор нав буданд ва бисёре аз шоиронро розӣ ба тағйири зоҳир ва ботини шеър карданд.

Ин шеърҳои Лоиқ аҳаммияти дигаре ҳам доштанд. Аз ҷумла таъсири лаҳни ривоии ин қабил шеърҳо дар бештарини чаҳорпораҳои шоирони ҳамзамони баъди ӯ то имрӯз маҳсус аст.

Нуктаи дигар ин аст, ки шеъри дар боло иқтибосшуда ва аксари чаҳорпораҳои дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш сурудаи Лоиқ тағазулӣ буда, шоир кӯшиш дошт то шакли баёни ошиқонаро дар шеъри тоҷикӣ дигар кунад. Фазои воқеӣ бо омезаҳои романтикии ин гуна шеърҳои Лоиқ ба ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикии солҳои шаст бетаъсир набуданд. Фазои романтикӣ ва гоҳо тағаззулӣ ҳаҷми ин чаҳорпораҳоро гоҳо зиёд карда буд.

Бештарин қисмати чаҳорпораҳое, ки Лоиқ дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш сурудааст, дар шакли қофиябандии абаб гуфта шудааст. Ба ифодаи дигар, қофия дар ин шеърҳо қофияи салиб ё чалипост.

Чаҳорпораи «Хотира дар пушти сурат» (1964) низ дар ҳамин шакл суруда шуда, аз назари тасвири шеърӣ афзалиятҳои чашмрас дорад:

Навбаҳор асту зи гулзор гуле ночида,

Дами гарм асту ба дилҳост вафо нақд ҳанӯз.
Сари субҳ асту нафасҳост ба ҳам печида,
Ту ба ман шиква наёмуз, ки барвақт ҳанӯз.

Ин нигаҳҳо асари ҳузн надоранд, нигор,
Масти ҳуснанду ҷавониву таманно доранд.
Тирашон хок нахӯрдаст, хуморанд, нигор,
Сода, бекинаву беразм шарарҳо доранд.

…То ба домони уфуқ ҳаст раҳи наззора,
Ҳар қадар пеш равад, дур шавад он домон.
Лек андар раҳи ҷустан нигаҳи овора
Саду як роҳи дигар кашф кунад дар даврон.

Дили пок асту зи кас доғи алам нодида,
Эътиқод аст ба ин зиндагию олами сӯз.
Сари субҳ асту нафасҳост ба ҳам печида,
Ту ба ман нола наёмӯз, ки барвақт ҳанӯз (25, 42).

Ин шеър чаҳорпора аст, тағазулӣ. Тасвирҳои шеърии кӯҳнаву нав ба ҳам омехта, фазои тозаи умедворкунандаи маънавиро дар он ба вуҷуд овардаанд, ки дар чаҳорпорарсароии солҳои шаст равиши тоза буд. Он чи ин шеърро бо шеъри гузашта пайванд медиҳад , мантиқ ва забон аст, ки комилан ҳолу ҳавои шеърҳои ошиқонаи суннатиро дорад. Албатта, дар ин чаҳорпора ва бисёре аз ин намуд шеърҳои Лоиқ муҳтаво имрӯзиянд, вале забон ва нигоҳи шоирона комилан имрӯзӣ нест.

Бо вуҷуди нуфӯзи суннатҳои шеъри гузашта дар зеҳни Лоиқ талоши аслии ӯ бар он будааст, ки шеъри тоҷикиро аз қайду бандҳои маъмулӣ раҳо созад. Ҳарчанд кори аслии худро рӯи чаҳорпора мутамарказ накард, вале талошаш дар дигар кардани шаклу мундариҷаи ин навъи шеърӣ зиёд ба назар мерасад.

Аз оғози роиҷ шудани чаҳорпора дар шеъри тоҷикӣ шоироне монанди Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Кором, Мастон Шералӣ, баъдтар Гулназар, Гулрухсор ва чанд тани дигар, ки рӯҳи романтикӣ доштанд, тамоюли зиёде ба ин шакли шеърӣ нишон додаанд ва ин вусъати таваҷҷуҳ то имрӯз дар шеъри насли сонӣ ҳам боқист, ки Фарзона, Низом Қосим, Сиёвуш ва чанд тани дигар аз ин раддаанд.

Вале Лоиқ маъруфтарин ва муваффақтарин шоири чаҳорпорасаро боқӣ мемонад. Беҳтарин чаҳорпораҳое, ки ӯ сурудааст, ашъори романтикӣ ва тахайюлии ӯ дар ин замина аст. Далели аслии муваффақияти Лоиқ дар он аст, ки чаҳорпорароро аз гапи хушк, суханони маъмулии бетасвир ба шеъри пуртасвиру хаёлангез табдил дод.Лоиқ дар чаҳорпораҳояш тасвирсози бисёр моҳир аст, ба таъбири қадимиён хаёлбанде бисёр тавоност.

Вақте дар бораи нақш ва ҷойгоҳи Лоиқ дар ташаккул ва таҳаввули ин навъи шеърӣ сухан ба миён меоварем, лозим аст, ки доир ба баъзе хусусиятҳои сохторӣ ва шаклии он низ баъзе нуктаҳоро баён кунем.

Баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки чаҳорпора ба қолибҳои шеъри классикӣ наздик аст. Гарчи исмашро дубайтии пайваста гузоштаанд, камтар аз ҳар чиз ба дубайтӣ шабоҳат дорад. Шабоҳаташ ба маснавӣ комилан ошкор аст, ҳам чаҳорпора ва ҳам маснавӣ аз қофияҳои дутоӣ истифода мекунанд. Яъне озодии нисбии қофияи маснавӣ дар чаҳорпора ҳам ба чашм мехӯрад. Шабоҳаташ ба қасида ҳам аз ин лиҳоз аст, ки теъдоди абёт дар қасида зиёд аст ва фурсат ва маҷоли гуфтан бештар. Дар чаҳорпора ҳам чаҳормисраӣ будани ҳар банд ҳамин вазъиятро пеш меоварад. Яъне як чаҳорпора агар ба таври маъмул нуҳ ё даҳ банд бошад, тақрибан мешавад муодили ҳаждаҳ то бист байт ва аз ин назар ба қасида наздик мешавад. Муҳтавои чаҳорпораҳо ҳам то ҳудуде ба корҳои қасидасароёни қадим паҳлу мезанад. Яъне имрӯз гурӯҳе аз шуъаро, баъзе аз мазоминро, ки пеш аз ин дар қасида матраҳ мешуд, дар чаҳорпора баён мекунанд. Шабоҳати он ба дубайтӣ фақат аз ин лиҳоз аст, ки ҳар банд аз чаҳорпора чаҳор мисраъ ё ду байт аст. Аммо

ман фикр мекунам, ки мавориде чун самимияти мавриди ниёзи дубайтӣ ва нақши хоси қофияи мисраъи чаҳорум ва заминасозии қофияҳои аввал ва дувум, фосилаи зиёде байни чаҳорпора ва дубайтӣ эҷод мекунад, чаро ки чаҳорпора ниёзи чандоне ба ин вежагиҳо надорад ва дар воқеъ фоқиди мантиқи дубайтӣ аст.

Аскар Ҳаким (А. Ҳакимов) низ миёни мусаммати мураббаи классикӣ ва чаҳорпораи навин баъзе монандиҳо ва тафовутҳо дидааст. Аз ҷумла вай навиштааст, ки «чаҳорпораи муосир аз мураббаи классикӣ бо чанд хусусияти композитсионии худ фарқ мекунад. Мураббаи классикӣ қофиябандии қатъӣ (аааа, ббба) чаҳорпораи муосир бошад, қофиябандиҳои гуногун дорад, аз қабили: якдармиён (абаб, вгвг), дудармиён (абба, вггв» ва боз қофиябандиҳое, ки ҳоло ном нагирифтаанд: 1)(ааба, ввгв); 2) (абвб, гдед); 3) (ааббб, ввгг).

Аксарияти чаҳорпораҳои муосир тамомияти интонатсионию синтаксисӣ доранд, вале бандҳои мураббаъ на ҳама вақт. Бандҳои мураббаъ ҳама симметрии мутаносиб ҳастанд, вале чаҳорпораи муосири дудармиён (абба, вггв), баръакс ассиметрии номутаносиб аст» (96, 200), ки Аскар Ҳаким оид ба ин масъала асосан дар заминаи чаҳорпораҳои М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, Ғ.Мирзо ва Лоиқ ба чунин натиҷагирӣ расидааст.

Қиёси дақиқи чаҳорпораҳои Лоиқ моро ба чунин хулоса овард, ки чаҳорпора пуле аст байни шеъри куҳан ва шеъри нимоӣ. Ба ифодаи саҳеҳтаре, чаҳорпораи Лоиқ аз назари мартабаи шеърӣ миёни шеъри классикӣ ва шеъри нав қарор дорад. Бо вуҷуди монандиҳо заминаи забонии чаҳорпораҳои Лоиқ нав ва тоза буда, бо фазои маънавию лаҳнаш шеъри нав аст.

Дар чаҳорпораҳои Лоиқ мазмуну муҳтаво, тасвирҳо ва шеваи нигариши шоирона комилан нав ва имрӯзин аст. Дар ин шеърҳо мӯҳри замонаи шоир низ сабт аст. Чаҳорпораҳои Лоиқ аз зарфияте бештар бархӯрдор аст. Ба ин далел, ки аз назари қофия дар ин қолиб дасти шоир бозтар буда, чаҳорпора озодии маснавиро дорад. Чаҳормисраъӣ будани

ҳар банд низ фазои шеъриро барои Лоиқ тавсиъа бахшида, шоир тавонистааст дар маҷоли бештаре сухан гӯяд. Бинобар ин ҳам бандҳо ва мисраъҳои баъзе чаҳорпораҳо бисёр ва тӯлонитаранд. Аз ин ҷиҳат ҳам ин қолиб маҳдудкунанда набуда имрӯз низ дар шеъри тоҷикӣ имтиёзашро аз даст надодааст.

Чунонки ишора шуд, Лоиқ бо афзудани лаҳни ривоӣ мазмун ва муҳтавои чаҳорпораро вусъат бахшида, композитсияи онро низ устувор сохт. Аз ин назар, тасвир ҳам дар чаҳорпораҳои Лоиқ мувозӣ буда, то охири шеър ҳифз шудааст. Ин хусусият дар аксари чаҳорпораҳое, ки то Лоиқ ва баъди ӯ эҷод шудаанд, ба мушоҳида намерасад. Чунончи:

Нарафтӣ ҷанг мисли духтари рус,
Набастӣ захмҳои аскаронро.
Накардӣ сила бо дастони нармат
Сари аз тир маҷрӯҳи ҷавонро.

Валекин андаруни номаи худ
Фиристодӣ ба ӯ рӯмоли алвон,
Ки дар рӯзи зафар бошад ба дасташ
Ба мисли парчами сурхе парафшон.

Тасалло додӣ, дилбардорӣ додӣ
Варо дар номаҳои маҳрамона.
Варо дар номаи худ бӯса кардӣ
Ба он лабҳои пазмон ғоибона.

Ба ҳангоми дарав шаббош рафтӣ,
Ба хирманҷойҳо бедор хуфтӣ.
Ба мисли гандуми пухта сари хам
Ғаму тимори худ бо кас нагуфтӣ.

Нигоҳи пурхуморат сӯи раҳ буд,

Дилат дар чанги гургон буд аз ғам.

Ҷавон будӣ, вале фасли муҳаббат

Гарон омад, хазон овarду мотам… (25, 59).

Ин чаҳорпора «Духтари рустоӣ» (1966) ном дошта, аз даҳ банд иборат аст ва фақат як банди он ба шакли <u>aаба</u> қофиябандӣ шудааст. Дар заминаи ин чаҳорпора метавон гуфт, ки лаҳни ривоӣ композитсияи онро устувор карда, миёни бандҳо пайванди амиқи маъноӣ ва тасвирӣ ба вуҷуд овардааст. Ҳамин лаҳни ривоятгуна, ки хоси сабки Лоиқ аст, пайванди маънавӣ ва тасвирии байни сатрҳоро низ таъмин намудааст.

Аксари чаҳорпораҳое, ки то Лоиқ дар шеъри навини тоҷикӣ ба вуҷуд омадаанд, романтикмаоб буданд. Навиштаҳои солҳои бисту сӣ ва баъдтари Лоҳутӣ, Ҳ.Юсуфӣ, М. Турсунзода ва дигарон ҳамин гуна хусусият доштанд. Бинобар ин ҳам мазмун ва тасвир дар онҳо қолиб ба назар намеомад. Ба назари мо аввалин коре, ки дар солҳои баъд аз ҷониби Лоиқ ва ҳамовардонаш сурат гирифт, халосӣ аз ин фазо ва кашфи фазоҳое дигар буд. Муҳимтарин коре, ки Лоиқ кард ва таъсири он дар тафаккури бадеии шоирони дигар назаррас аст, аз сурати тафаннунӣ берун овардани чаҳорпора буд. Ба ин маънӣ дар ин замина Лоиқ барои наслҳои баъдӣ раҳкушо буд.

Лоиқ доираи мазмуну муҳтаво ва тасвирро дар чаҳорпора ба таври ҳайратангез тавсиъа бахшид. Дигар чаҳорпора фақат фарогири мазмунҳои тағазулӣ ва васфӣ набуд. Доираи муҳтавои он ғанӣ гардида, масъалаҳои иҷтимоӣ, таълимӣ ва ахлоқиро дар бар мегирифт. Ҳамчунин Лоиқ чаҳорпораҳое гуфт, ки дар онҳо чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии муосиронаш хеле равшан ва воқеӣ ба тасвир омаданд. Аз ҷумла, чаҳорпораи «Ба хотираи Ғоиб Сафарзода» чаҳорпораи хосе аст ва вежагиҳо ва ихтисосоте дорад, ки беназир аст. Ин шеър аз се банд иборат буда, бо мазмуну муҳтаво, отифа ва хаёлбандиҳо қолиби диққат мебошад:

Гуфта будам туро, ки тунд марав,

Тунд рафтӣ, бубин, куҷо рафтӣ…

Ба хатои ҳама бишӯридӣ,
Худ чаро аз ҷаҳон хато рафтӣ?

Аз раҳи кӯҳ омадӣ ба сухан,
Аз сухан рафтӣ боз ба роҳи кӯҳ.
Як ҷаҳон шодӣ ваъда кардӣ, лек
Рафтию монд як ҷаҳон андӯҳ.

Дӯстам, дӯсти гаронборам,
Дар дилат розҳои дунё монд.
Бори кӯҳҳо кашиданӣ будӣ,
Бори умрат ба дӯши кӯҳҳо монд (25, 131).

Марсияи дигари Лоиқ «Дар ҷанозаи ҳамсолам» (1977), ки дар марги Маҳмуди Воҳид - ҳунарманди беназири саҳна гуфтааст, низ аз назари мӯҳтаво ва вежагии тасвир бо чаҳорпораи боло дар як саф қарор дорад.

Аввалин таъсири кори Лоиқ, ки ба таври ҷиддӣ чаҳорпора мегуфт, кӯшиши раҳоӣ аз қайду бандҳои суннатии шаклу мундариҷа буд. Шоир бо ба кор гирифтани тасвирҳо ва таъбирҳои тоза ва ҷустуҷӯи фазои таҷрибанашуда ва кашфи зарфиятҳои пинҳони ин қолиб тавонист, ки фазои маънавӣ ва ҳунарии шеъри тоҷикиро тағйир диҳад. Лоиқ ҳеҷ гоҳ дар эҷоди шеър, корбурди ин ё он жанр нусхабардорӣ накардааст. Лоиқ халоқият дошт ва ҳеҷ гоҳ ниёзе ба шабеҳсозӣ надошт. Бинобар ин ҳам дар эҷоди чаҳорпора фақат аз пайи таъбирҳо ва тасвирҳои тоза ҳам нагаштааст, балки заминаи тозакориро дар сохтмони шеър барои ӯ, пеш аз ҳама мазмуну мӯҳтавои нав фароҳам овардааст.

Солҳои шаст ва ҳатто баъди он ҳам, вақте ки бештарини таълифоти шоирон фақри андеша дошт ва дар беҳтарин ҳол як ҳисси холӣ буданд, ҳатто баъзе вақтҳо бозӣ бо калимот маҳсуб мешуданд, Лоиқ композитсияи намодӣ ва мавзӯии чаҳорпораро дигар кард. Ҳатто хеле чаҳорпораҳои ӯ ҷанбаи ҳамосӣ доранд, ки фазои андешаро дар лирикаи

шоир тавсиъа бахшидаанд. Чаҳорпораи тӯлонии «Рӯи одамҳо» (1987) инъикосгари ҳамин хусусияти тозаи ҳунари ӯ дар сурудани ин навъи шеърӣ аст.

Дар хотимаи ин баҳс мо бо таҳлил ва арзёбии сохтори намодию мавзӯии баъзе чаҳорпораҳои Лоиқ чанд нуктаро оид ба сохти ин навъи шеърӣ ба миён мегузорем.

Лоиқ дар шеъри чаҳорпора ҳамчун навъи таъсиргузори шеъри лирикӣ андеша ва эҳсоси худро бо хонанда қисмат карда, дар бораи шодиву андӯҳ, ғаму дард, шавқу шӯре, ки ҳосили ишқи ноком ва ё рӯйдодҳои ҳаёти ҷомеа аст, ибрози андеша мекунад.

Илова ба ин, навъи субъективии адабиёт дар таҷрибаи шоирии Лоиқ умумият ва маҳбубияте миёни хонандагон пайдо кард, ки собиқа надошт. Ба ифодаи дигар, ин навъи лирика, бахусус чаҳорпораҳои ӯ ҳиссиёти ҷавобии хонандаро бармеангехтанд ва ба замон маҳдуд намешаванд. Барои ҳамин ҳам «ман»-и лирикӣ, пеш аз ҳама, худи шоир аст, агар ӯ аз номи шахсияти персонажи тахайюлиаш сухан нагӯяд, аммо то як дараҷа хонанда ӯро ҳис мекунад (решаи калимаро барқарор мекунем: ҳам-дардӣ-ба ҷои касе ҳис кардан).Ҳамчунон ки В.Е.Холшевников мефармояд: «Шоирон дар шеърашон гоҳо исми занонро зикр мекунанд, ки ба онҳо шеър бахшидаанд; «ту»-и лирикӣ ба умумиятдиҳии образ мусоидат мекунад ва ин ҷонишин дар тасаввур номи барояш азиз, образи мушаххас ассотсиатсияи худро ба вуҷуд меовард; «ман»-и лирикиро дар навбати худ, шояд қисман бошад, хонанда худ ҳис мекунад» (137, 168-169).

Шеъри лирикии Лоиқ, аз ҷумла чаҳорпораҳои ӯ ҳамин гуна хусусияти шеъри лирикиро комилан ифода мекунад. Чаҳорпораи «Номаи манзум ба як хонум» (1984) ҳамчунин хусусияти шеъри лирикиро хеле барҷаста ифода мекунад.

Таҳлили сохтории чаҳорпораҳои Лоиқ душвории дигар ҳам дорад. Ин душворӣ дар он аст, ки ин гуна шеърҳо сужет надоранд. Воқеият ё ҳодисае «дар замоне ё фазои муайяне» (137,169) такомул меёбад.

Дар баъзе чаҳорпораҳои Лоиқ, ки сужет доранд, ҳамчун дар ғазал-сӯгвориҳои лиро-эпикии ӯ он ба ваҷҳи ангезандаи таҳаррукоти ҳиссӣ муҳим мебошанд.

Аксари чаҳорпораҳои Лоиқ на ҳодиса, балки таассуротеро, ки ҳодисаву воқеа барангехтааст, ифода мекунанд. Аз ин назар, мо дар ин гуна шеърҳои Лоиқ наметавонем матлаъ, оғоз, авҷи воқеа ё андеша ва мақтаъро, ки хоси осори эпикӣ ва драмавист, бинем. Вале он чи В.Е. Холшевников гуфтааст, ба мо дастур намедиҳад хулоса кунем, ки ҷаҳони шайъие, ки Лоикро иҳота кардааст, аз ҷумла ашёҳо, табиат ва аз ҳама муҳим одамонро манбаи таассуроти шоиронаи ӯ надонем. Шеъри Лоиқ, албатта, аз нусхабардорие, ки дар заминаи ашёҳои табиат, одамон ва ғайра сурат гирифта бошад, дур аст. Ӯ бисёр хуб медонист, ки дар шеъри асил, ба хусус ашъори лирикӣ ашёву ҳодисаҳо ё худ одамон ва ҷузъиёти зиндагии онҳо «чунон ки мегӯянд, ба сари худ тасвир намешаванд, балки маҳсули андеша, ҳис ва як силсила ассотсиатсияҳо буда ва ана ҳамин дар маҷмӯъ образи мавзӯии лирикиро шакл медиҳад» (137, 170).

Зайли намуна чаҳорпораи «Гузашта»-ро, ки аз ҳафт банд иборат аст, аз назар мегузаронем:

Хира-хира ёдам ояд ҳар замон,
З-он ҳама накде, ки настонидаам.
З-он ҳама азме, ки аз ноқобилӣ
Андаруни хеш биншонидаам.

Ёдам ояд з-он ҳама шӯру ҷунун,
Ки фалаҷ шуд аз таҳаммулҳои ман.
То бигирам худ нафас, кардам хафа
Аз гулӯшон дошта, эй вои ман!

Ин замон чун гоҳ-гаҳ ёд оварам,
Дар куҷое ишқ саргардон шуда.
Дар куҷое орзуе бепанох,

Хонаи дил аз хато вайрон шуда.

Дар куҷое ризқи ман ночида монд,
Чун бимонад донае аз хирмане.
Дар куҷое домане аз даст рафт,
Дар куҷое дасти ман дар домане.

Дар куҷое монда лахти дил зи ман,
Дар куҷое нақши поям мондааст.
Дар куҷое як замони зиндагӣ
Бо ҳама ҷурму хатоям мондааст.

Дар куҷое номаҳои беҷавоб,
Дар куҷое бахти ман дар хоб монд,
Дар куҷое қасди ман аз зиндагӣ
Ҳамчу санги сарди қаъри об монд.

Ҳеч озодӣ надидам як нафас
Аз худу аз кардаҳои хештан.
Байни кӯҳҳо ҳар қадар кардам садо,
Нашнавидам ҷуз садои хештан... (25,113).

Ёди гузашта дар тафаккур ва тасаввури шоиронаи Лоиқ таҳрикбахши он ҳама эҳсосҳоест, ки омили он накди аз дастрафта ва азми фурӯнишаста аст. «Нақд» ва «азм» тасаввуротеро дар бораи ҳодисаҳои ҳаёти қаҳрамони лирикӣ ба вуҷуд меоваранд, ки унсури муҳимми ҳиссӣ бо эҳсосоти шоир омезиш меёбад.

Гузариш аз нақд (ашё) ба ҳисси инсон (Ёдам ояд з-он ҳама шӯру ҷунун, Ки фалаҷ шуд аз таҳаммулҳои ман) дар бисёре аз ашъори шоирони гузашта, аз ҷумла Ҳофиз низ назаррас аст. Вале тафовут дар ин аст, ки дар шеъри шоирони гузашта (нақди зиндагӣ) фақат омезиши маънӣ бо ҳис, ки образнок аст, андеша ва орои шоиронаро тарҳ додааст. Дар

шеъри Лоиқ ашё ё шахсияти муайян (қаҳрамони лирикӣ) ҳаракати маънии шоиронаро, ки ҷамъбасти лирикӣ низ ҳаст, равшан ифода мекунад ва дар тамоми шеър бо унсурҳои дигари ҳиссӣ ва замонию маконӣ тақвият меёбад.

Тасвири шоиронаи мавзӯъ, ки метавон «маънии ҳиссӣ» низ номид, ба воситаи матлаи лирикии шеър матраҳ мешавад, ки низоми намоишии сужетро намеписандад. Тарзе ки Лоиқ ироа кардааст, унсури нақлиро дар сабки шоирии ӯ инкор мекунад. Яъне мо аз шеър дар бораи маҳалли вуқӯъи ҳодиса, замон ва макони он, шахсияти мушаххас ҳеҷ чиз намедонем. Матлаи лирикӣ, ки сужети лирикиро тарҳ медиҳад, ба дасти хонанда калиди ҳиссиро медиҳад, то ӯ дари мавзеъҳоеро бикшояд, ки он ҷо «монда лахти дил», «нақши по», «номаҳои беҷавоб» ва ғайра. Ин усули тасвири лирикӣ, ки хоси чаҳорбайтиҳои Лоиқ аст, маънии шоирона ва ҳикматомези сабақи зиндагиро ошкор месозад.

Ҳар банди шеър бо матлаб ва мақтаи гуногунранг шурӯъ мешавад, ба ҷуз банди охир, ки хулосаи эҳсосот ва андешаи мусалсали шоир аст ва ҳам василаи устувори пайвандгари бандҳои шеър. Дар аксари чаҳорпораҳои Лоиқ, ки аз рӯи нақшаи мантиқии инкишофи маънии шоирона бунёд шудаанд, матлаъу матлаби ҳар банд дар тақвияти ҳиссу андеша нақши хос дошта, мавзӯи аслии баҳси шоирро муайян мекунад. Матлаъ дар чаҳорпораҳои Лоиқ тамоюл ва ҳолати хос ва муассири ҳиссиро ба вуҷуд меоварад. Илова ба ин матлаи лирикӣ дар шеъри зикршуда, пайванди қавии мантиқии байни бандҳоро низ таъмин намудааст, ки ифодагари хусусияти хоси жанрии чаҳорпораҳои Лоиқ мебошад.

Дар баъзе чаҳорпораҳои Лоиқ, ки масъалаҳои иҷтимоӣ ва маънавиро матраҳ мекунанд, матлаи рӯҳбаландкунандаи муассир, ки гоҳе шакли шиорро ба худ мегирад, ҷойгоҳи хос дорад. Чаҳорпораҳое, ки шоир дар даҳсолаи охири умраш сурудааст, ҳамин гуна хусусият доранд. Дар чаҳорпораи «Забони тир, забони ҳақиқат» (1994) ҳарчанд тарзи

сухани Лоиқ тағйир хурда, вале хусусияти оҳангнокии матлаъи лирикӣ устувор аст.

Лоиқ дар қисме аз чаҳорпораҳояш матлаъи лирикиро ба номи шеър табдил додааст, ки ба муҳтаво ва мазмуни шеър низ ишора мекунад. Чаҳорпораи «Номаи манзум ба як хонум» аз ин ҷумла мебошад, ки моҳияти матлаъро ифода мекунад. Дар ин ҳол номи шеър -гӯё оғози матлаъ диққати хонандаро ба нуктаҳое равона месозад, ки шоир онро муҳим ва пурарзиш барои дарки шеър ва ҳадафи худ медонад.

Чанд нуктае, ки дар заминаи хусусиятҳои тасвириву мавзӯӣ ва сохтории чаҳорпораҳои Лоиқ баён шуд, таъкид бар хусусиятҳои хос ва гуногунрангии ин жанр дар эҷодиёти шоири ҳунарманд дорад.

Аз он чи гуфта шуд, метавон натиҷа гирифт, ки шеъри нав ва чаҳорпораҳои Лоиқ хусусияти хоси фардияти эҷодии ӯро дар сурудани ин навъи шеър муайян мекунанд, ки балоғат, тозагии мавзӯъ ва сохтории онҳо вежагиҳои тарзи нигориши ӯро муайян ва мушаххас менамоянд.

## Хулоса

Таҳқиқи ҷусторҳои ҳунарии Лоиқ дар шеъри муосири тоҷик ва масъалаи фардияти эҷодии ӯ дар ҷараёни адабӣ моро ба хулосаҳои зер овард:

1. Лоиқ дар таърихи шеъри муосири тоҷик ҳамчун шоири содиқ ба беҳтарин суннатҳои шеъри гузашта ва навовар, файласуф, мутафаккир, муслеҳи иҷтимоиву фарҳангӣ ва ислоҳгари баъзе навъҳои шеърӣ ва вусъатбахши муҳтавои тозаи онҳо нақш ва ҷойгоҳи хос дорад. Шеъри ӯ ифодагари фардияти эҷодӣ, ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва мавқеияти ҳунарии ӯ дар ҷараёни адабӣ буда, ҳунар, завқу андеша, ормонҳо ва кайфиятҳои хаёлпарваридаи ҳунариашро ифода мекунад.
2. Вазъи адабии солҳои шастуми садаи бист, ки барои эҷодкори асил монеаҳои мафкуравӣ дошт, таҷрибаи шоирии Лоиқро дар давраи аввали эҷодиёташ муайян ва мушаххас сохт. Лоиқ дар ин давраи мураккаб шоири ҷавон бошад ҳам, консепсияи хоси эҷодиашро дар фарогирии мавзӯот, тарзи тасвир зоҳир карда, падидаи адабии «шеъри лоиқвор»-ро ба вуҷуд овард, ки яке аз паҳлуҳои он тозакориҳояш дар сохтори мавзӯӣ, мундариҷавӣ ва шаклии шеър буд.
3. Лоиқ ҳамчун шоири суннатгаро ва навовар аз имкониятҳои мундариҷавӣ ва шаклии шеъри суннатӣ моҳирона истифода карда, ба сохтори мундариҷавӣ, сохтор ва шакли шеъри тоҷикиро таҳаввули тоза бахшид. Мавзӯву масъалаҳои муҳимро ба шеър овард ва ба воситаи осораш ҳувияти миллиро дар адабиёт эҳё кард.
4. Лоиқ тавонист дар шеъраш мавзӯву масъалаҳои муҳимми миллӣ ва ватанхоҳӣ, таърихӣ ва фарҳангиро барои такмили хусусиятҳои балоғӣ, жанрӣ ва тарзи нигоришаш устодона ба кор гирад. Вай алорағми муқовиматҳои нигилистона нисбат ба таъсирпазирӣ аз суннатҳои пешин роҳи комилан нави баҳрабардорӣ аз анъанаҳоро

ба вуҷуд овард, ки таъсири он ба ҷараёни инкишофи шеъри имрӯз чашмгир буд.

5. Истифода аз мавзӯъҳои гуногун биниши фардии Лоиқро муайян мекунад. Мавзӯву масъалаҳои шеъри шоир ҳосили отифа ва нигориши фардии ӯ буда, фардияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯҳои бадеиашро шакл додаанд. Дар ин равиш мавзӯъҳои Ватан, ситоиш ва қадршиносӣ аз он, ифтихороти таърихиву фарҳангӣ, мазмунҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва андарзҳои ахлоқӣ хусусияти тарзи биниши бадеии ӯро мушаххас месозанд. Лоиқ бо ироаи мавзӯъҳои таъриховиу офаридани чеҳраҳои таърихӣ масъалаи ҳувиятшиносии миллиро дар шеъри тоҷикӣ истеҳком бахшид. Лоиқ дар заминаи ҳувияти миллӣ рукнҳои побарҷо ва тахрибкори ҳувияти миллии тоҷиконро дар осораш вазъ кард, ки арзиши бузурги адабӣ ва ояндабинӣ дорад.
6. Мавзӯи табиат ва манзаранигорӣ дар шеъри Лоиқ консепсияи нафсонӣ, отифӣ ва иҷтимоиву ахлоқии хоси шоирро ба вуҷуд овард, ки таҷрибаи тоза дар корбурди ин мавзӯъ мебошад. Лоиқ тавонист масъалаҳои берун аз ҳавзаи табиатро бо кӯмаки тасвирҳои табиат ҳиссӣ кунад ва ба ин васила ба тасвирҳояш тозагии шаклӣ ва мундариҷавӣ бахшад. Ин кӯшиши шоир шеъри дар мавзӯи табиат навиштаи ӯро мушаххас ва воқеӣ сохта, ба ин васила дар оинаи ин тасвирҳо нуҳуфтагиҳои рӯҳӣ ва маънавии инсонро кашф месозад, ки аз имтиёзоти шеъри ӯст.
7. Ҷустуҷӯҳои Лоиқ дар шаклҳои суннатӣ ва нави шеър низ ҷолиби диққат буда, фардияти эҷодии ӯро муайян мекунад. Истифодаи жанрҳо дар эҷодиёти шоир аз назари таносуби шаклу мазмун низ хусусиятҳои хос дошта, дар ин равиш ҷустуҷӯҳои ӯ дар шакли шеъри нав ва чаҳорпора тарзи хоси тафаккури бадеӣ ва тозаҷӯиҳои шоирро матраҳ месозад. Фикр, андеша ва ҳис дар шеъри нави Лоиқ мисли мисраъҳои зинадори паси ҳам омада, ки аз мусиқии хосе бархӯрдоранд, дар ин навъи шеъри тоҷикӣ наванд. Бархӯрдҳои

дарунӣ як ҷиҳати муҳимми тозакориҳои Лоиқ дар ин навъи шеър аст.

8. Шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ (ҳар ду шакли он) шакли зеҳнӣ, яъне бунмояи ташаккул ва таҳаввули маънавӣ доранд. Калимаҳо, тасвирҳо ва аҷзои шеър бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошта, пайванди маънавӣ ба ҷойи қофия ва радиф таркиби шеърро устувор сохта, сатрҳоро ба ҳам дӯхта ва васл кардааст. Бадеъ ва балоғати шеър аз табиати калом бармеояд ва абзорҳои баёнӣ низ ҷузъи моҳияти шеър ва ибтикороти шоир аст.
9. Пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули жанрҳои шеърӣ дар эҷодиёти Лоиқ, пеш аз ҳама, заминаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиву ҳунарӣ дошта, ифодагари масъулияти инсонӣ ва иҷтимоиву ҳунарии ӯянд. Шеъри нав ва чаҳорпора ифодагари ҳамин ҷаҳони фардияти эҷодии ӯст.
10. Чаҳорпора аз шакли маъмули шеъри нави тоҷикӣ буда, сабаби интишори он дар эҷодиёти Лоиқ таваҷҷуҳи бештари ӯ ба инъикоси мавзӯву масъалаҳои нав мебошад. Лоиқ ихтироъкори ин навъи шеъри нест, вале дар ташаккул ва таҳаввули тозаи он хидмати бузург кардааст. Аз чаҳорпораи «Ном» сар карда, Лоиқ на фақат дар ин шакл ҳарфи тоза мегуфт, балки яке аз шаклҳои сохтории он қофиябандиро низ нав кард. Дигар аз имтиёзи чаҳорпораҳои Лоиқ дар он аст, ки ӯ ба воситаи чаҳорпораҳои тағазуллӣ хусусияти баёни ошиқонаро дар шеъри тоҷикӣ дигар кард. Лоиқ алоރағми чаҳорпораҳои маъмулӣ ин жанри шеъриро аз гуфтори хушк, сухани маъмулии рӯзномаии бетаъсир озод карда, ба шеъри пуртасвири хаёлангез бадал кард.
11. Вежагиҳои чаҳорпораҳои Лоиқро, ки шакли нави шеърӣ дар адабиёти навини тоҷикист, нахуст, ҷаҳони шайъие муайян мекунад, ки манбаи таассуроти шоиронаи соҳиби шеър аст, сониян, Лоиқ дар ин навъи шеърӣ маънии ҳиссиро ба образи шеърӣ табдил дода, тарзи хосашро дар гуфтани чаҳорпора собит месозад. Лоиқ

чаҳорпораро аз сурати тафаннунӣ берун оварда, ба мазмунофарӣ ва тасвиркорӣ дар он имтиёз дод, ки аз фардияти эҷодии ӯ дар офариниши ин жанр мебошад.

## Китобнома

### 1. Сарчашмаҳо ба забони тоҷикӣ

1.Ало, шеъри аҷам, фардо маро ту зинда хоҳӣ дошт: Мусоҳибаи Ҷ. Солеҳ бо Лоиқ Шералӣ / Ҷавонони Тоҷикистон. – 1991.- 11 май.

2.Ахтари саъд ёри мо омад: Сӯҳбати Ш. Салимов бо Л. Шералӣ /Овози тоҷик. – 1997. – 17 май.

3.Аристотел. Фанни шеър / Аристотел. Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насриддин Тусӣ. Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш.Ҳусейнзода ва Х.Шарифов .- Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.

4.Ғиёсиддин М. Ғиёс – ул – луғот. / Муҳаммад Ғиёсиддин. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 2 . – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.

5.Розӣ, Ш.Қ. Ал – мӯъҷам –фӣ маъойири ашъор-ил аҷам /Шамси Қайси Розӣ. Таҳияи Урватулло Тоҳиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.

6.Ҳусайнӣ, А.М. Бадоеъ- ус- саноеъ / Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р. Мусулмонқулов.-Душанбе:Ирфон, 1974.-174 с.

7. Шералӣ, Л. Сари сабз /Лоиқ Шералӣ.- Душанбе: Ирфон, 1966.- 79 с.

8. Шералӣ, Л. Илҳом /Лоиқ Шералӣ.- Душанбе: Ирфон, 1968.- 47 с.

9. Шералӣ, Л. Нӯшбод / Лоиқ Шералӣ.-Душанбе: Ирфон. 1971.-127 с.

10. Шералӣ, Л. Соҳилҳо / Лоиқ Шералӣ.-Душанбе: Ирфон, 1972.- 72 с.

11. Шералӣ, Л. Хоки Ватан /Лоиқ Шералӣ.- Душанбе: Ирфон,1975.-160 с.

12. Шералӣ, Л. Резаборон /Лоиқ Шералӣ.- Душанбе: Маориф, 1976.- 47 с.

13. Шералӣ, Л. Марди роҳ /Лоиқ Шералӣ.- Душанбе:Ирфон, 1979. - 231с.

14. Шералӣ, Л.Вараҳи санг /Лоиқ Шералӣ.- Душанбе:Ирфон, 1979- 231 с.

15. Шералӣ, Л.Хонаи чашм /Лоиқ Шералӣ.-Душанбе:Ирфон, 1982- 384 с.

16. Шералӣ, Л. Рӯзи сафед /Лоиқ Шералӣ.- Душанбе:Ирфон, 1986- 463 с.

17. Шералӣ, Л.Офтобборон /Лоиқ Шералӣ.- Душанбе: Адиб, 1991.- 301 с.

18. Шералӣ, Л. Ману дарё /Лоиқ Шералӣ.– Душанбе: Адиб, 1991.– 301 с.

19. Шералӣ, Л. Ҷоми  саршор /Лоиқ Шералӣ. – Дебочаи Аскар Ҳаким, Таҳлил ва Танзими Асрори Раҳмон. - Душанбе: 1991. – 192 с.

20. Шералӣ, Л. Дасти дуои модар / Лоиқ Шералӣ.– Душанбе: Адиб, 1991.- 110 с.

21. Шералӣ, Л. Аввалу охири ишқ / Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Маркази фарҳангии арабӣ, 1994. – 272 с.

22. Шералӣ, Л. Фарёди бефарёдрас / Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адиб,1997. – 237 с.

23. Шералӣ, Л. Ангораҳо / Лоиқ Шералӣ. Интихоби Абдунабӣ Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 111 с.

24. Шералӣ, Л.  Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 (китоби якум) / Лоиқ Шералӣ. Мураттибон: номзади илми филология  Баҳриддин Ализода (Алиев), Ромиш Шералӣ. – Хуҷанд, 2001. – 722 с.

25. Шералӣ, Л.  Куллиёт. иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор / Лоиқ Шералӣ: Мураттибон: Баҳриддин Алавӣ ва Ромиш Лоиқзода. – Душанбе: Адиб, 2008. – 560 с.

26. Шералӣ, Л. Вуруде ба боргоҳи ин китоб / Лоиқ Шералӣ // Муҳаммадҷони  Шакурӣ. Хуросон аст ин ҷо. – Душанбе: Пайванд, 1996.- 326 с.

27.Шералӣ, Л. Дар боби  анъана ва  русуми нав/ Лоиқ Шералӣ .- Комсомоли Тоҷикистон, 1967.-7 июн.

28. Шералӣ, Л. Завқи шеър (хулосаи шеърҳои навқаламон) / Лоиқ Шералӣ. – Садои Шарқ. – 1978, 1. – 151 – 152 с.

29. Шералӣ, Л. Дарси санъати Лоиқ / Лоиқ Шералӣ // Газетаи муаллимон. – 1987. – 17 март.

30. Шералӣ, Л. Ҷудо шавем ё ба ҳам оем / Лоиқ Шералӣ // Тоҷикистони советӣ. – 1987. – 17 январ.

31. Шералӣ, Л. Байтҳои ҳуснафзо /Лоиқ Шералӣ // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 2 декабр.

32. Шералӣ, Л. Шиносномаи миллат / Лоиқ Шералӣ // Газетаи муаллимон. 1988. – 3 декабр.

33. Шералӣ, Л. Пешагар комил шавад аз пешагар / Лоиқ Шералӣ// Адабиёт ва санъат. – 1987. 18 июн.

34. Шералӣ, Л. Дарё равон аст…Ҷавоб ба мақолаи Қутбӣ Киром «Мавқеъ ва масъулияти суханвар» /Лоиқ Шералӣ // Адабиёт ва санъат . – 1986. 23 апрел.

35. Шералӣ, Л. «Мову ту дар шоирӣ ҷон медиҳем».- Мусоҳиба. Роқими сӯҳбат Ҳокими Азиз / Лоиқ Шералӣ // Садои Шарқ. – 2001. - № 1. – с. 114 – 121.

**2. Сарчашмаҳо ба забони форсӣ**

36. Шералӣ, Л. Ташнадил/ Лоиқ Шералӣ.-Душанбе,1981.-180 с.

37. Шералӣ, Л. Хоки Ватан/ Лоиқ Шералӣ.-Душанбе, 1981.- 180 с.

38. Шералӣ, Л. Суннатҳои рубоисароиро эҳё бояд кард /Лоиқ Шералӣ // Пайванд.- 1992. - №12.- саҳ. 12 – 16.

**3. Адабиёти илмӣ – назариявӣ**

39. Абдулло, С. Нури сухан /Сафар Абдулло. – Олмотӣ: Дайк - Пресс, 2005. – 232 с.

40. Абдулло, С.  Рушаноии  сухан / Сафар Абдулло. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 232 с.

41.Абдулов, К.  Лоиқи миллат / Карим Абдулов. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2002. – 194 с.

42. Абдуманнон, А. « Аз ман умри дубора хоҳад монд» / Абдураҳмони Абдуманнон. Фурӯғи чеҳраҳо. – Душанбе: Адиб, 2015. – с.115 – 130.

43. Абдуманнонов, А.  Нуқтаи назар / Абдураҳмон  Абдуманнонов.  – Душанбе: Адиб, 1990.- 180 с.

44. Акбарзода,Ю. Нубуғи шоир  ва булуғи шеър/ Юсуфи Акбарзода.- Хуҷанд, 2003.-219 с.

45. Акбаров,Ю. Шеъру шоирӣ аз нигоҳи устод Лоиқ/Юсуфи Акбарзода// Шоири хуршеду дарё (маҷмӯаи мақолаҳо).-Хуҷанд: «Ношир»,2011.- саҳ.25-45.

46. Акбаров, Ю. Қисмати  инсон ва  қисмати  шоир / Юсуф Акбаров.- Душанбе:Дониш, 1980.-197 с.

47. Амонов, Р. Табиат ва шеър / Раҷаб Амонов // Эҷоди бадей, халқ ва замон. – Душанбе: Ирфон. – 1970. – 182 с.

48. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. Ҷилди сеюм/ Худойназар Асозода. – Душанбе: Маориф, 199. – 448 с.

49. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX / Худойназар Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.

50. Афсаҳзод, А. Дар сафи бузургон / Аълохон Афеаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 334 с.

51. Аҷамӣ, М. Гулдони ҳафтранг / Муҳаммадалии Аҷамӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. – 160 с.

52. Аҷамӣ,М Дилам дарёст, соҳилҳо куҷоед?/ Муҳаммадалии Аҷамӣ.- Шоири хуршеду дарё (Маҷмӯаи мақолаҳо). –Хуҷанд:Ношир, 2011. С.115-123.

53. Бариева, М. «Савтҳои форсӣ» ва афкори адабии тоҷик» / М.Бариева. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 50 с.

54. Бӯрӣ, К. Ҷасорати шоир / Бӯрӣ Карим. – Москва: П/НД, 2001. – 190 с.

55. Ваҳҳобзода,Р.Шеър ва дониш/Рустам Ваҳҳобзода.- Душанбе:Адиб,2017.-188 с.

56. Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе / Гулназар. -Душанбе, 1993. – 104 с.

57. Ғаффоров, У. Султони диёри сухан / Усмонҷон Ғаффоров. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001. – 302 с.

58. Ғаффоров, У. Шаҳбози осмони сухан / Усмонҷон Ғаффоров. – Душанбе: Адиб, 2007 – 842 с.

59. Ғаффоров, У. Лоиқ Шералӣ: Нашри нав бо таҳриру иловаҳо / Усмонҷон Ғаффоров. – Душанбе: Адиб, 2012. – 514 с.

60. Ғаффоров, У. Дурдона ва дарё / Усмонҷон Ғаффоров. – Хуҷанд: Нашр, 2014. – 164 с.

61. Давронов, С. Насими руҳбахш / Субҳон Давронов // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – с.252 – 262.

62. Давронов, С.Сохти шеъри тоҷикӣ / Субҳон Давронов.– Душанбе: Ирфон,1976. – 25 с.

63. Давронов, А.  Адабиёт ва замон: Масъалаҳои равобити адабӣ ва тарҷумаи бадеӣ / Абдувалӣ  Давронов. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 54 с.

64. Давронов, А. Адабиёт ва воқеият / Абдувалӣ Давронов. – Душанбе: Ҳумо; 2003. – 258 с.

65. Зеҳнӣ, Ф. Жанри соқинома дар адабиёти форсу тоҷики асрҳои XVIII – XIX / Ф. Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1991. – 110 с.

66. Келдиёров,Т. Муқаддасоти ашъори Лоиқ Шералӣ/Тоҷибой Келдиёров// Шоири хуршеду дарё.-Хуҷанд: «Ношир», 2011.-С.165-177.

67. Кӯчаров, А. Модарномаҳои устод Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ / Аламхон Кӯчаров. Турсунзода: Маҳорат ва садоқат. – Душанбе, 2011. – с. 46 – 57.

68. Лоиқнома: Маҷмӯаи шеърҳо, ёддоштҳо ва мақолаҳо / Мураттиб ва муҳаррир А.Сайфуллоев. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001. – 104с.

69. Маниёзов, А.Таҳавуллоти шакли бадеӣ дар эҷодиёти устод Лоҳутӣ / Абдуқодир Маниёзов // Ёдбуди Лоҳутӣ. – Душанбе: Дониш, 1974. – с.135 – 139.

70. Маниёзов, А. Шеъри нав ва баъзе масъалаҳои шеърият / Абдуқодир Маниёзов // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик – Душанбе: Ирфон, 1970. – с. 243 – 252.

71. Марсияи хуршед (Маҷмӯа, тахияи Сафар Абдулло). – Москва, 2001. – 352.

72. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / А.Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 148 с.

73. Муталибов, Р. Ифтихори миллӣ ва ашъори Лоиқ Шералӣ / Р. Муталибов. –Хуҷанд: Ношир, 2001. – 88 с.

74. Набипур, А.Т. «Ҳамин як қалби ман омоҷгоҳи тиратон бошад» / Акбари Турсони Набипур // Марсияи  хуршед. – Москва, 2001. – с. 12 – 30.

75. Нарзиқул, М. Фурӯғи ҳастӣ / Мисбоҳиддин Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 2002. – 120 с.

76.Насрулло,К. Шаҳписари Хайём/Камол Насрулло.- Душанбе:Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2016.-151 с.

77. Нурзод, Н. Парниёни сабзи андеша: Маҷмӯаи мақолаҳо дар накди адабиёти муосир / Н. Нурзод. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 308 с.

78. Раҳмонов, Ш. Мусаммат, ташаккул ва таҳаввули он / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 170 с.

79. Раҳмонов, Ш. Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ / Шоҳзамон Раҳмонов.- Душанбе: Адиб, 1988. – 143 с.

80. Раҷабӣ, М. Ба фикри  ман / Маъруфи Раҷабӣ. /- Душанбе: Деваштич, 2003.– с.156 – 167.

81. Рустам, Ш. Каломи Лоиқ / Ш.Рустам .- Душанбе: Деваштич, 2003. – 280 с.

82. Саидзода, Ҷ  .Дунёи шеъри Лоиқ / Ҷ. Саидзода. – Душанбе: Бухоро 2013. – 139с .

83. Сайфуллоев, А. Лоиқнома / А. Сайфуллоев. Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2003. – 104 с.

84. Салимов, Н. Осори Мирзо Турсунзода ва таҷдиди назар ба адабиёти шӯравии тоҷик / Носирҷон Салимов // Суханвари мумтоз. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2011. – с.15 – 21.

85. Самад, А. Ҷаҳоне монда аз худ, рафтӣ Лоиқ / Абдулҳамид Самад // Марсияи  хуршед. – Москва, 2001. – с. 85 – 86.

86. Сатторзода, А. Аз Рӯдакӣ то Лоиқ / А.Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2013. – с.176.

87.Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форси тоҷикӣ/Абдунабӣ Сатторзода.-Душанбе:Адиб,2001.-144 с.

88. Сатторзода, А. Мероси дили шоири дилдода ва озода. – Лоиқ Шералӣ. Куллиёт /иборат аз ду ҷилд.Ҷилди 1. Ашъор // А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2008 – 506 с.

89.Сатторов, А.  Нуқтаи пайванд / Абдунабӣ Сатторов. – Душанбе, 1982. – 240 с.

90. Сатторзода, А. Кӯҳна ва нав (Дар шеър, нақд ва забон)  / А. Сатторзода. Душанбе: Адиб, 2004. – 254 с.

91. Сафаров, У. Сиёвуши Касроӣ ва «Шеъри нав» - и форсӣ / Умар Сафаров. Душанбе, 1996. – 134 с.

92. Сорбон. Лоиқнома / Сорбон. – Душанбе: Адиб, 2001. – 190 с.

93. Сулаймонӣ, С. Фарҳангшиносӣ / Сафар Сулаймонӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 310 с.

94. Табаров, С. Луғати тоҷикӣ- русии истилоҳоти адабиётшиносӣ. / Соҳиб Табаров. Душанбе: Маориф, 1988. – 144 с.

95. Ҳакимов, А. Дар қаламрави сухан (симои адибон) / Аскар Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.

96. Ҳакимов, А. Шеър ва замон / Аскар Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон,1978. – 252 с.

97. Ҳусейнзода, Ш. Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик / Шарифҷон Ҳусейнзода // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон. – 1970. –с. 225 – 242.

98. Шакурии Бухороӣ, М. Роҳ ба сӯи адабиёт / Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ // Марсияи Хуршед. – Москва, 2001. – с.33 – 34.

99. Шакурии Бухорӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ. – Душанбе, 2006 – 455 с.

100. Шакурии Бухорӣ, М. Хуросон аст ин ҷо / Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. – 415с.

101. Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ / Худоӣ Шарифов.–Душанбе, 2009.– 476с.

102. Шарифов, Х. Шоири бузург / Худоӣ Шарифов: Суннатҳои адабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 476 с.

103. Шеърдӯст, А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / Алиасғари Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997. – 272 с.

104. Шоири хуршеду дарё: Маҷмӯаи мақолаҳо доир ба эҷодиёти Лоиқ Шералӣ / - Хуҷанд: Ношир, 2011. – 248 с.

105. Шукуров, М. Сухан аз лирика ва мазмуни граждании он / Муҳаммадҷон Шукуров // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – с. 183 – 224.

106.Шукуров,М. Панду ҳикмат фалсафафурӯшӣ нест!/Муҳаммадҷон Шукуров.-Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ.-Душанбе:Ирфон,1976.-С.48-61.

107. Шукуров ,М. Пайванди замонҳо ва халқҳо (Маҷмӯаи мақолаҳо)/Муҳаммадҷон Шукуров.-Душанбе:Ирфон, 1982.-224 с.

108. Шукуров,М. Мактаби одамият / Муҳаммадҷон Шукуров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 280 с.

### 4. Адабиёти илмӣ ба забони русӣ

109. Абдулло, С. Магические мосты: Сборник статей. / Сафар Абдулло. – Алматы: Дайк – Пресс, 2005. – 300 с.

110. Абрамович Г.Л. Элементы стихотворения / Г.Л. Абрамович. Введение в литературоведении. – Москва: …., 1961. – с. 176 – 204.

111. Адмони, В.Т. Свободный стих и традиционные формы организации стиха/ В.Г. Адмони. Поэтика и действительность//-Москва: Советский писатель, 1975. С.156-282.

112. Бахтин, М.М. Проблемы содержания, материала и формы в словестном художественном творчестве / М.М. Бахтин. Литературно – критические статьи. – Москва: Художественная литература, 1986. – с. 26 – 89.

113. Белинский, В.Г. Собр.соч.в 3 томах, т.2./ В.Г.Белинский ОГИЗ.- М., 1948.-480 с.

114.Веселовский А.Н. – Историческая поэтика / А.Н. Веселовский. – Ленинград.1942. -280 с.

115. Гинзбург, Л. О лирике / Л.Гинзбург. – Москва: Советский писатель, 1974. – 405 с.

116. Гринберг, И. Три грани лирика. Современная баллада, ода и элегия/ И Гринберг. – Москва: Советский писател, 1975. – 407 с.

117. Гусейнов, Б.М. Новое и новаторские в современной персидской поэзии (постановки вопрося) // Теористические проблемы персидской поэзии. – Москва, 1982. – 340 с.

118. Давронов, А. Зелёнал книга времён. Сборник статей / Абдували Давронов. –Душанбе: Шаҳпар, 2012. – 411 с.

119. Жале.Б. Нима – Юшидж – отец новой поэзии в Иране / Бадеъ Жале // Проблемы теории литературы и эстетики в странах востока. - Москва: Наук, 1964. – с.319 – 339.

120.Жирмунский, В. Рифма, ее история и теория/В.Жирмунский.- Петербург: «ACADEMIA»,1923.-337 с.

121. Жирмунский, В.М. Теория литературы. Поэтика стилистики / В.М.Жирмунский. – Ленинград: Наука, 1977. – 260 с.

122. Жирмунский, В.М. Теория стиха / В.М.Жирмунский. – Ленинград: Наука, 1977. – 270 с.

123. Ильина, И. Припугнуть, чтоб другим непавадно было / Ирина Ильина // Трудние вопросы истории. – Москва: Политиздат, 1991. – с. 174 – 185.

124. Кляшторина, В.Б. Новая поэзия в Иране / В.Б. Кляшторина. – Москва: Наука, 1975. – 211 с.

125. Ковалев, Ю.В. Эдгар Алан По, новелист и поэт: Монография / Ю.В.Ковлев, – Ленинград: Художественная литература, 1984. – 296 с.

126. Краткия литературная энциклопедия / - Москва, 1967. – с. 210 – 2011.

127. Лотман, Ю.М. Анализ поэтического текста / Ю.М. Лотман. – Ленинград: Просвещене 1972. – 238 с.

128. Михайлов, А. Два ключа / Алексей Михайлов. – Москва: Советский писатель, 1981. – 368 с.

129. Михайлов, А. Тайни поэзии: Книга критических эссе / А.А. Михайлов. – Москва: Современник, 1980. – 335 с.

130. Никонов, В.А. Стих и язык / В.А.Никонов // Проблемы восточного стихосложения. Сбр.статей. – Москва: Наука, 1973. – с. 4- 15.

131.Поэтический строй русской лирики / Ленинград: Наука, 1973.- 350 с.

132. Проблемы восточного стихосложения / - Москва:Наука, 1973.- 184 с.

133. Поспелов , Г.Н. Теории литературы / Г.Н.. Поспелов. – Москва: Высщая школа, 1978. – 342 с.

134.Тимофеев,Л. Слова в стихе/Леонид Тимофеев.-Москва:Советский писатель,1987.-421с.

135. Томашевеский, Б. В. Стих и язык / Б. В. Томашевеский. – М. – Л. : Художественная литература, 1959. – 470 с.

136. Хаётов, Н. Лоик Шерали и его вклад в развитие таджикской поэзии второй половины XX века. Диссер. на соиек уч. степ.канд. филол.наук / Н. Хаётов. – Хуҷанд, 2011.- 176 с.

137. Холшевников, В.Е. Стиховедения и поэзия / В.Е. Холшевников. – Ленинград издателсетво Ленинградского Универстети, 1991. – 255 с.

138. Холшевников, В.Е. Основы стиховедения. Русское стихосложение / В. Е. Холшевников. – Издательство Ленинградского универстета, 1972. – 167 с.

139. Храпченко М.Б. Творческая индивидуальность писателья и развиты литературы / М.Б. Храпченко. – 1977. – 445 с.

140. Чалисова, Н.Ю. Некоторые аспекты интерпретации учение о таджикского персидской поэтике: ,Тез.док. Все союз. науч. конф / Н.Ю. Чалисова. – Душанбе, 1982. – с. 176 – 177.

**5. Адабиёти илмӣ ба забони форсӣ**

141. Дуктур Ҷаъфар Муайиди Шерозӣ. Шеъри форсӣ аз машрутият то имрӯз, ҳамроҳ бо нақди соҳибназарон ва мабоҳиси шеъри муосир / Теҳрон, / 357. – 340 с.

142. Кадканӣ, Ш.Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Шафеъии Кадканӣ,Муҳаммадризо. – Теҳрон: Огоҳ, / 366. – 732 с.

143.Кадканӣ,Ш. Мусиқии шеър/ Шафеъии Кадканӣ,Муҳаммадризо.-Теҳрон,1370.-679 с.

144. Саъидӣ,Ғ. Андешаҳои  Иқболи Лоҳурӣ/Ғуломризо Саъидӣ.-Теҳрон:Дафтари нашри фарҳанги исломӣ,1370.-359 с.

145 Футуҳӣ,М. Балоғати тасвир / Маҳмуди Футуҳӣ. – Теҳрон: Сухан, 1385. – 464 с.

146. Шамисо, С. Анвои адабӣ /Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1381. -376 с.

147. Шамисо, С. Баён ва маонӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1374. – 256 с.

148. Шамисо, С. Сабкшиносии шеър / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1374. – 430 с.

**6. Мақолаҳо дар рӯзномаҳо ва  маҷаллаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва форсӣ**

149. Абдуманнонов, А. ва дигарон. Тарҷумаи шеъри тоҷикӣ ба русӣ / Абдураҳмон Абдуманнонов, Азим Аминов, Ҷамшед Ибодов. – Садои Шарқ. – 1984. - №7. – с. 110 118.

150. Акбарзода, Ю. Шеъри Мӯъмин Қаноат аз дидгоҳи  Лоиқ Шералӣ/ Ю.Акбарзода // Садои мардум, 2002.-15 август.

151. 49. Акбарзода, Ю. Номаҳои сияҳпӯш / Ю.Акбарзода.-Омӯзгор.2002.-27 сентябр.

152. Акбарзода, Ю. Наврӯзи устод Лоиқ / Ю. Акбарзода// Адабиёт ва санъат.-2005.-17 март.

153. Акбарзода, Ю. Таҳқиқгари  мумтози шеър /Ю.Акбарзода// Садои Шарқ.-2006.-№11.-с.133-142.

154. Акбаров, Ю. Созҳои ҳамнаво / Юсуф Акбаров // Садои Шарқ.-1971.-№12.-с.125-134.

155. Акбаров, Ю. Шеър  хаёлангезу  шӯронанда бошад /Юсуф Акбаров // Садои Шарқ. -  1986. - №4. – с 93 – 107.

156. Акбаров, Ю. Кардааст парвозҳое дар ҷаҳони розҳо / Юсуф Акбаров // Омӯзгор. – 1991. – 15 май. – с….

157. Акбаров, Ю. Машъале бишавед дар шабе  зулмонӣ /Юсуф Акбаров // Садои Шарқ.. – 2001. - № 1-6. – с. 42 – 105.

158.  Аминов, А. Лаҳни зӯракӣ / Азим Аминов // Садои Шарқ – 1991. - №11. – с. 136 – 139.

159.Атоуллоев, Д. Ҳамосаи шеър /Д. Атоуллоев // Комсомоли Тоҷикистон.- 1984. – 17 июн.

160. Бароҳанӣ, Р. Дар шеър ва шоирӣ / Ризо Бароҳанӣ / Омӯзгор. – 1990. – 16 апрел.

161.  Бобоев, А. Туғёни  дил /  Асрор Бобоев // Садои  Шарқ. – 1969. – №9. – с.149  - 153.

162. Ваҳҳобиён,  Р. Қадри  одам / Рустами Ваҳҳоб // Садои Шарқ. – 1989. -  №3. – с.136-140.

163. Ваҳҳобиён, Р. Набзи сухан /  Рустами Ваҳҳобиён // Садои Шарқ. – 1989.- №6. – 122  -  130.

164.  Вола,А. Шеър ва ҷомеа / Абдулҳақи Вола // Садои Шарқ. – 1968. – №2. – с.97 – 103.

165. Гулназар. Шастсолагӣ ва ҷовидонагӣ / Гулназар // Садои Шарқ. – 2001. - №1- 6. – 160 с.

166. Давронов, С.Навпардозиҳои Лоҳутӣ / Субҳон Давронов// Садои Шарқ. – 1967. №2. – с.138 – 147.

167. Ёдкарди Лоиқ Шералӣ: 60 сол //Садои Шарқ.- 2001.- №.1-6.- с. 4- 148.

168. Жола, Б. Шеъри нав дар Эрони муосир / Жола Бадеъ // Садои Шарқ, - 1964, - №7.- с.81 – 86.

169. Жола, Б. Шеъри нав чист? / Жола Бадеъ // Садои Шарқ. – 1966. - №2. – с.91 – 99.

170. Келдиев, Г.Замини баруманди шеър / Гулназар Келдиев // Садои Шарқ. – 1990. - №8. – с. 129 – 133.

171. Келдиёров, Т. Ормонхои башарӣ дар «Модарнома» - и Лоиқ / Т.Келдиёров // Ҳақиқати Ленинобод. – 2006. – 15 апрел.

172. Киром, Қутбӣ. Мавқеъ ва масъулияти суханвар / Қутбӣ Киром // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 20 март.

173. Куприянов, В. Шляпа на вершине Талгаря / В.Куприянов // Литературная газета. – 1975. – 20 август.

174. Қаноат, М. Вазъияти назми имрӯзаи тоҷик / Мӯъмин Қаноат // Садои Шарқ. – 1971. - №7.- 193 – 102.

175. Маъсумӣ, Н. Оинаи дӯстӣ / Носирҷон Маъсумӣ // Садои Шарқ. – 1968. - №2.с.77 - 86.

176. Маҳмудова, Н. Лоиқ посдори забони тоҷикӣ / Н.Маҳмудова // Омӯзгор. – 2001. – 15 май.

177. Миршакар, М. Баъзе қайдҳо / Мирсаид Миршакар // Садои Шарқ. – 1968. - №2. – с.87 – 92.

178. Муродӣ, А. Фидоии забони миллат / А Муродӣ // Омӯзгор – 2007. – 18 май.

179. Муҳаммадиев, Ҳ. Соҳилҳои шодоб / Ҳасан Муҳаммадиев // Садои Шарқ, 1973. - №2. – с.156 – 158.

180. Муҳаммадиев, Ҳ. Файзи резаборон / Ҳасан Муҳаммадиев // Садои Шарқ. – 1976. - №3. – 154 – 155.

181. Насриддинов, Ш. Нодида ангоштан хатост (Андешаҳо пиромуни мақолаи Лоиқ Шералӣ «Дар дуроҳа») Ш.Насриддинов // Тоҷикистони советӣ. – 1988. - 10 апрел.

182. Нодирпур, Н. Куҳна ва нав / Нодири Нодирпур // Садои Шарқ. – 1968. - №2. – с.138 – 144.

183. Номае аз дӯст: Мактуби Сулаймон Лоиқ / Таҳия ва пешгуфтори С.Саидов // Адабиёт ва санъат. – 2003. – 14 ноябр.

184. Норматов, Д. Шеър ҳам бояд занад фавворае… (Охирин мубоҳисаи Лоиқ бо журналистон) / Д. Норматов // Нури зиндагӣ. – 2009. 5 ноябр.

185. Османова, З. Оё гули сурх пажмурда шудааст? / Зоя Османова // Садои Шарқ. – 1968. - №2. – с. 119 – 129.

186. Отахонова, Х. Падидаҳои навҷӯӣ / Хуршеда Отахонова // Садои Шарқ. – 1966. – № // - с.134 – 141.

187. Отахонова, Х. Шеъри соли 1976 / Хуршеда Отахонова // Садои Шарқ. – 1977. – № 10 – с. 131 – 140.

188. Раҳмонов, Ш. Композиция. Интеграцияи дезинтеграцияи жанрҳои лирикӣ / Шоҳзамон Раҳмонов // Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. – 1981. – Т. 4. с. – 54 – 61.

189. Раҷабзода, Ш. Гузориш / Шаҳром Раҷабзода / Пагоҳ. Фаслномаи адабӣ – ҳунарии занон. – Тобистон ва пойизи 1370. – Шумороҳои 2 ва 3. –С. 97 – 121.

190. Сайёд, Л. Дар боби анъана ва русуми нав / Лоиқ Сайёд // Комсомоли Тоҷикистон . – 1967. – 7 июн.

191. Сайфуллоев, А. Садои лирикаи гражданӣ / А, Сайфуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1970. – 20 июн.

192. Сатторзода, А. Як шеъри саридастии Лоиқ / Абдунабӣ Сатторзода // Тоҷикистон. – 2006. – 18 май.

193. Сатторов, А. Давоми нек / Абдунабӣ Сатторов // Садои Шарқ- 1967- №6 .– с.149 – 153.

194. Суратгар, Л. Суннатҳои адабӣ ва шеъри муосир / Лутфалии Суратгар // Садои Шарқ. – 1968. - №2. – с.123 – 126.

195. Толиб, Ҷ. Хабар доред, эй ҳазрати Лоиқ / Ҷумъа Толиб // Фараж. – 2008. – 8 феврал.

196. Умарова, С. Лоиқ дар нигоҳи Гулназар / С.Умарова // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2008. – 22 май.

197. Футуҳӣ, М. Таҳлили тасвири дарё дар Маснавӣ / Маҳмуди Футуҳӣ // Маҷаллаи донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Шаҳид Биҳиштӣ. Ш. 13, 1380 – с.21 – 32.

198. Ҳиравӣ, М. Авзони арӯз дар шеъри муосир / Садои Шарқ. – 1968. - №2. – с. 104 – 109.

199.Шарифов, Х. Ҷавҳари завқу мароми шоир / Худоӣ Шарифов // Садои Шарқ. – 1984. - №3. – с.120 – 125.

200. Шарифов, Х. Нардбони умрҳо / Худоӣ Шарифов // Садои Шарқ. – 1970. - №6. – с. 139 – 143.

201. Шерализода, Қ. Лоиқ видоят карду рафт / Қоришариф Шерализода // Садои Шарқ. – 2001. - №1- 6. – с. 5 – 25.

202. Шодикулов, Х. Поэзия огня и мысли / Хамроқул Шодикулов // Дружба народов, - 1976. №10. – с. 167 – 169.

203. Элбоев, В. «Соқинома» - и Лоиқ / Вафо Элбоев // Адабиёт ва санъат. – 2005. – 19 май.

204. Элбоев, В. «Соқинома» - и Лоиқ / Вафо Элбоев // Адабиёт ва санъат. – 2010. – 10 май.

205. Элбоев, В. Дирӯз ва имрӯзи соқиноманависӣ / Вафо Элбоев // Адабиёт ва санъат . 2012. – 5 январ.

206. Элбоев, В. Номи худ бинвис ба қалби мардуми бовафо / Вафо Элбоев // Омӯзгор. – 2005. – 20 май.

207. Элбоев, В. Пойтахти бахти Лоиқ / Вафо Элбоев // Паёми Душанбе. – 2012. – 20 апрел.

208. Элбоев, В. Симои ашхоси таърихӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ / Вафо Элбоев // Армуғон. Душанбе, 2016. – с. 58 – 63.

209. Элбоев, В. Бузургонро бузургон зинда медоранд / Вафо Элбоев // Адаб. – 2003. №3. – с. 54 – 55.